*ЛОИҲА*

**Дастурамал**
**барои гузаронидани расмиёти маъмурии**
**лоиҳаҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва обпартоӣ**

Душанбе – 2011

**МУНДАРИЧА**


| | |
|---|---|
| 1. | МУҚАДДИМА |
| 2. | ФЕҲРИСТИ КӮТОҲКАРДАШУДА |
| 3. | ИСТИЛОҲОТ ВА МУАЙЯНКУНӢ |
| **4.** | **БА ТАНЗИМДАРОРИИ ТАШКИЛИЮ ТЕХНИКӢ** |
| 4.1. | Муайянкунии мафҳумҳои сохтмони нав, таҷдид, ва таъмир |
| 4. 2. | Субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ |
| 4. 3. | Ӯҳдадориҳои асосӣ, ҳуқуқ ва масъулиятдории фармоишгар (бинокор) |
| 4. 4. | Ӯҳдадориҳо, ҳуқуқ ва масъулиятдории ташкилоти лоиҳакашию кофтуковӣ |
| 4. 5. | Ӯҳдадориҳои асосӣ, масъулиятҳои пудратчӣ |
| 4.6. | Таснифи системаҳои обтаъминкунӣ |
| 4.7. | Таснифи системаҳои обпартоӣ |
| 4. 8. | Шартнома барои татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ |
| 4. 9. | Шартномаи пудрати сохтмонӣ |
| 4. 10. | Тартиби таҳия намудани Асосноксозии техникию иқтисодӣ (АТИ) ва Ҳисоби техникию иқтисодӣ (ҲТИ) |
| 4. 11. | Бо ҳуҷҷатҳои пешазлоиҳавӣ таъмин намудани сохтмон |
| 4. 12. | Бо ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ таъмин намудани сохтмон |
| 4. 13. | Мукаммал гардондани системаи банақшагирӣ ва схемаи рушди обтаъминкунӣ ва обпартоӣ |
| 4. 14. | Меъёрҳои ҷойгиркунии иншоот |
| **5.** | **ТАНЗИМКУНИИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ** |
| 5. 1. | Қонунгузории танзимкунандаи системаи таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ |
| 5. 2. | Тартиби гузарондани расмиёти маъмурӣ вобаста ба сохтмони системаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ |
| 5.2.1. | Гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ |
| 5. 2.2. | Гирифтани қитъаи замин барои сохтмони системаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ |
| 5.2.3. | Тибқи принсипи «равзанаи ягона» дастрас кардани супоришҳои меъморию тарҳсозӣ ва шартҳои техникӣ барои лоиҳакашии объекти сохтмон |
| 5.2. 4. | Омодагӣ, мувофиқа гардондан ва ташхиси ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ |
| 5.2.5. | Иҷозатнома гирифтан барои истифодабарии махсуси об |
| 5.2.6. | Иҷозатнома гирифтан барои иҷрои корҳо |
| 5.2.7. | Қабули иншооти сохтмонаш ба итмомрасида барои баистифодабарӣ |
| 5.2.8. | Ба расмият даровардани ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ |
| 5.2.9. | Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории соҳаи таъмини оби |

| | |
|---|---|
| | нӯшокӣ ва обпартоӣ |
| 6. | ЗАМИМАҲО |
| 6.1. | Рӯйхати адабиёти истифодашуда |
| 6.2. | Рӯйхати санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ |
| 6.2.1. | Конститутсия, кодексҳо ва қонунҳои ҶТ |
| 6.2.2. | Фармонҳои Президенти ҶТ |
| 6.2.3. | Қарорҳои Ҳукумати ҶТ |
| 6.2.4. | Санадҳои соҳавии меъёрию ҳуқуқии ҶТ |
| 6.2.5. | Ҳуҷҷатҳои дигар оид ба идора кардани истифодабарӣ ва ҳифзи манбаъҳои об |
| 6.2.6. | Қонуни ҶТ «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» |
| 6.3. | Намунаҳои ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани расмиёти маъмурӣ барои лоиҳаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ. Ҳуҷҷатҳои мазкур бо Супориши Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №ф44 аз 9 июли соли 2009 «Дар бораи тасдиқ намудани намунаҳои ҳуҷҷатҳои муштараки гузарондани расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст: |

## 1. Муқаддима

Об муҳимтарин омили ташаккулёбии сифати ҳаёт мебошад. Роҳи назорат ба таъсири номусоиди оби нӯшокӣ ба хисми одам муҳимтарин қисмати чорабиниҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ ба шумор меравад.

Мушкилоти мавҷудаи ҷиддии системаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоиро камбуди санадҳои меъёрию ҳуқуқии сатҳҳои гуногуни зерин ифода мекунанд: мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои дастрасшавандаи танзимкунандаи таҳиякунию банақшагирӣ ва татбиқи лоиҳаҳо, таъмин намудани устувории баистифодабарии системаҳо, механизмҳои танзимсозии муносибатҳои соҳибмулкӣ; нокифоягии

қувваи сохторҳои амалкунандаи идоракунанда; ба таври саҳеҳ муайян набудани тақсимоти ӯҳдадориҳо; зарурати мукаммалгардонии системаи тайёр кардани кадрҳо; ҳамоҳанг нагаштани амалиёт; ноогоҳӣ ва сустфаъолиятии аҳолӣ мебошанд. Масъалаҳои мазкур бо сабаби бе ҳад зиёд фарсуда шудани системаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ боз ҳам мураккабтар мегарданд. Дараҷаи ба садама гирифтор шудани онҳо афзун мегардад. Бо сабаби мазкур ба ҳисоби миёна 50-60 фоизи оби нӯшокӣ беҳуда масраф мешавад.

Бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва муваффақ шудан ба нишондиҳандаҳои зарурии обтаъминкунӣ ва обпартоӣ, инчунин бо назардошти сатҳи пасти таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, фарсудашавии системаҳои мавҷудаи обтаъминкунӣ ва обпартоӣ, дар системаҳои мазкур ба таври зиёд масраф шудани об, сатҳи пасти хизматрасонии техникии қубурҳои об ва иншооти обгузар, хатари таъсири бемориҳои сироятӣ ҲҶТ бо Қарори №514 аз 2 декабри соли 2006, «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии ҶТ бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020» тасдиқ намуд.

Бо ин сабаб, зарурати таҳия намудани дастур дар шакли маҷмӯи санадҳои амалкунанда, ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қоидаҳо ва расмиёт (бо тафсир ва тамоми ҷузъҳо), ки тартиби татбиқи лоиҳаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоиро тавзеҳ медиҳанд, ба миён омад.

Дастур ба масъалаҳои ***ташкилию техникӣ ва танзими ҳуқуқии*** сифати татбиқи лоиҳаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ бахшида шудааст; дастур масъалаҳои тартиби умумии ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо ва гузаштани расмиёти маъмуриро тафсир менамояд; дастур пешниҳодҳо оид ба таркиб ва мӯҳтавои маводи заруриеро дар бар гирифта метавонад, ки онҳоро бо назардошти хусусиятҳои ҳудуди марбут ва шароити маҳалли мушаххаси аҳолинишин илова кардан мумкин аст.

Дастур барои доираи васеи истифодабарандагоне (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) пешбинӣ шудааст, ки ба масъалаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ шавқу рағбат дошта, ният доранд дар сохтмон, баистифодабарӣ ва эҳё кардани системаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ ширкат дошта бошанд.

Дастур бо мақсади расондани кӯмаки методӣ таҳия карда шудааст ва барои истифода бурдан дар фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие тавсия дода мешавад, ки ба татбиқ кардани лоиҳаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ машғул мебошанд.

Гурӯҳи корӣ оид ба таҳия сохтани «Дастур» умедвор аст, ки дастур ба мақсадҳои зерин хизмат мекунад:

- танзим намудани сифати татбиқи лоиҳаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ;
- тавзеҳ додан ва фаҳмондани тартиби муқарраргашта ва шаффофияти раванди татбиқи лоиҳаҳо ва гузарондани расмиёти маъмурӣ;
- сабук сохтани робитаи мутақобила ва ҳамдигарфаҳмии шахсиятҳо ва тарафҳои манфиатдор.

Гурӯҳи корӣ оид ба омода кардани «Дастур»:

Фозилов А.Р Директори пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии

| | |
|---|---|
| | сохтмон ва меъмории Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ |
| Бухориев Ҷ. | Коршинос оид ба масъалаҳои меъёрию ҳуқуқӣ |
| Норматов А.Ю. | Сардори шӯъбаи пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъмории Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ |
| Усмонбадалов Б. | Роҳбари бахши Агентии сохмтон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ |
| Файзиев Р.И. | Сармуҳандиси БР СММ дар Тоҷикистон |

Гурӯҳи корӣ оид ба омода кардани «Дастур» ба Дафтари БРСММ дар Тоҷикистон, Директори Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ, ҷаноби Комилов А.Ҳ., ҳамаи иштироккунандагони машваратҳои корӣ барои гуфтугӯи кушода дар соҳаи обтаъминкунӣ ва обпартоӣ мусоидат кардан ва таклифу пешниҳодҳои пурқимматашон оид ба мукаммалгардонии ташкили системаи обтаъминкунӣ ва обпартоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ мекунад.

Маълумот барои робита:
Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 39, (992 47)

Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъмории Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Ш.Ҳусейнзода, 34 (992 37) 227-77-60

## 2. РӮЙИХАТИ КӮТОҲКАРДАШУДА

АСваМ – мақомоти ваколатдор оид ба сохтмон ва меъмории ҶТ (Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ);

Қонун – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008, № 380 «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ»;

НДСЭ – назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ;

КВД ХМК – корхонаи воҳиди далатии «Хоҷагии манзили коммуналӣ» (КВД «Хоҷагии манзили коммуналӣ»);

Тартиб - «Тартиби гузаронидани расмиёти маъмурӣ вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (замимаи 1) ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 майи соли 2009, № 282 «Дар бораи чораҳои оид ба татбиқ кардани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукаммал гардондани расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

ИИМО – иҷозати истифодабарии махсуси об;

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ҳукуматҳои маҳаллӣ – мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

ТСВ – «Сарраёсати «Тоҷикобдеҳот»;

АТИ – асосноксозии техникию иқтисодӣ;
ҲТИ – ҳисоби техникию иқтисодӣ. қ

## 3. ИСТИЛОҲОТ ВА МУАЙЯНКУНӢ

Истилоҳоти асосие, ки дар Дастур мавриди истифода қарор гирифтааст:

-**хатти об** – иншооти нақб, корез ва ё қубури об барои дар зери фишор ё бо маҷрои худ аз маҳалли иншооти обгир то маҳалли истеъмолкунандагон интиқол додани об; ӣ

- **обанбори саргаҳ** (иншооти ҳавзавии об) — иншооти гидротехникӣ барои ҷамъ овардани об аз ҳавзаи кушода (кӯл, обанбор) ё оби равон (дарё, наҳр) ё манбаъҳои зеризаминӣ ва бо мақсадҳои хоҷагидорӣ (обёрӣ, таъмини об, истеҳсоли неруи барқ ва ғайра) интиқол додани об то ба иншооти обинтиқолдиҳанда;

- **обпартоӣ** — маҷмӯи иншооти муҳандисӣ (қубурҳо, истгоҳҳои насосӣ, иншооти обтозакунӣ ва таҷҳизоту асбобҳои санитарӣ ва ғайра), ки қабул, ҷамъ овардан ва ихроҷи пасобҳоро аз ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин, корхонаҳои саноатӣ ва иншооти дигарро таъмин намуда, инчунин обҳо дар он пеш аз ба заҳбур ва обанбор партофтан тоза карда мешаванд.

- **шабакаи оби нӯшиданӣ** – маҷмӯи қубурҳои об ва таҷҳизоти он барои интиқол додани об ба маҳалли истеъмолкунандагон;

- **обтаъминкунӣ** – маҷмӯи чорабиниҳо оид ба таъмини истеъмолкунандагони гуногун (аҳолӣ, корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт, кишоварзӣ) бо миқдори зарурӣ ва сифати талаботии об;

- **минтақаи муҳофизатии санитарӣ** – ҳудуд ва ҳавзае, ки дар марзи муайяни онҳо реҷаи махсуси санитарӣ эълон мегардад ва реҷаи мазкур имконияти ифлос шудани манбаъҳои обҳоро бартараф месозад.

- **майдони лойқа —** иншооти обтозакунӣ барои бартараф кардани такшини об (лойқа) ё ҷисмҳои фасоде, ки ҳамроҳи пасобҳо вориди обанборҳо ё ҳавзҳо мегарданд;

**- сармоягузорӣ**— маблағҳо, қоғазҳои қимматнок, аз ҷумла ҳуқуқи соҳибмулкӣ ва ҳуқуқҳои дигаре, ки арзиши пулӣ дошта, ба иншооти фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар намуди фаъолият бо мақсади ба даст овардани даромад ё ноил шудан ба самараи мусбат ҷудо карда мешаванд;

- **фаъолияти сармоягузорӣ**— сармоягузорӣ намудан ва анҷом додани амалиёт бо мақсади ба даст овардани даромад ва (ё) ноил шудан ба самараи муфид;

- **лоиҳаи сармоягузорӣ** —асосноккунии ҳолати муфиди иқтисодӣ, ҳаҷм ва мӯҳлатҳои татбиқ кардани сармоягузорӣ, аз он ҷумла барои ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавии зарурии бо тартиби муқарранамудаи меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон тасдиқшуда мутобиқи қонунгузории ҶТ, инчунин тавсифи корҳои амалӣ оид ба татбиқ намудани сармоягузорӣ (нақшаи корчаллонӣ);

**- сармоягузорӣ** — маблағҳои асосӣ (воситаҳои асосӣ), аз он ҷумла хароҷот барои сохтмонҳои нав, таҷдидкунӣ ва таъмири биноҳою иншоот, мошинҳо, таҷҳизот, асбобу дастгоҳҳо, ашёи харидшуда, корҳои лоиҳавию тадқиқотӣ ва хароҷоти дигар. Навъҳои гуногуни сармоягузорӣ, аз ҷумла хусусӣ, давлатӣ ё шакли дигари моликият объекти сармоягузорӣ дар ҶТ мебошанд;

- **коллектор** — қитъаи шабакаи заҳбур, ки дар он пасобҳои ҳавзаи обпартой ҷамъ оварда мешаванд;

- **ҳифзи иншооти об** – фаъолияте, ки барои ҳифз ва барқарор намудани иншооти об нигаронида шудааст;

- **ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ** – маводи тасвирӣ ва матнӣ, ки муайянкунандаи қарорҳои ба ҳаҷму тарҳ, сохт (конструктсия) ва техникии сохтмон, таҷдид ва таъмири иншоот, инчунин ободонии қитъаи замини назди онҳо бахшидашуда ба ҳисоб мераванд:

- **маҳсули лоиҳа** – маводи лоиҳавии тибқи шартнома бо фармоишгар таҳиягашта, ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва сохтмонҳои азим натиҷаҳои корҳо ва хизматрасонии муҳандисию машваратии ба мақсадҳои сохтмонҳои нав, таҷдикунӣ ва таъмири биноҳо ва иншооти мавҷуда пешбинишуда.

- ***системаи мутамарказии таъмини оби нӯшокӣ*** – маҷмӯи дастгоҳҳо ва иншоот барои обгирӣ, тайёр кардан, нигоҳ доштан ва расондани об ба маҳалҳои истеъмоли он, ки барои истифодабарии умуми шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дастрас аст;

***- системаи ғайримутамарказии таъмини оби нӯшокии*** истифодаи умум – дастгоҳҳо ва иншоот барои обгирӣ ва коркарди (ё бе коркард) оби нӯшокӣ бе расондани он ба маҳалли истифодабарии об, ки барои истифодабарии умуми шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дастрас аст;

- ***системаҳои мухтори таъмини оби нӯшокӣ*** – дастгоҳҳо ва иншоот барои гирифтани оби нӯшокӣ ва расондани он (ё бе расондан) ба маҳалли истифодабарии об, ки мавриди истифодабарии инфиродӣ (бинои алоҳида, хоҷагии фермерӣ, қитъаи замини бӯстонсаро ё ягон объекти дигари алоҳида) қарор дорад.

## 4. ТАНЗИМСОЗИИ ТАШКИЛИЮ ТЕХНИКӢ

### 4.1. Муайянкунии мафҳумҳои сохтмони нав, таҷдидкунӣ ва таъмир

**Ба сохтмонҳои нав** иншооти нав бунёдшавандае дохил мешаванд, ки дар қитъаҳои заминҳои нав азхудкардашуда бунёд гашта, онҳо баъд аз баистифодадиҳӣ дорои тавозуни мустақил мешаванд.

Ба қатори сохтмонҳои нав инчунин сохтмонҳои бунёдшаванда дар ивази иншооти барҳамдодашуда низ дохил мешаванд, ки истифодабарии минбаъдаи онҳо мутобиқи шартҳои техникӣ, иқтисодӣ ё экологии ба мақсад номувофиқ эътироф гаштаанд, ё барҳамдиҳии чунин иншоот тибқи талаботи истеҳсолию технологӣ ё санитарию техникӣ ба амал омадааст.

**Таҷдидкунӣ** – маҷмӯи корҳои сохтмон ва чорабиниҳои ташкилию техникие, ки ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои вазифавӣ, таркибӣ, техникию иқтисодии иншоот дар ҷараёни истифодабарии онҳо анҷомёбанда алоқаманд буда, бо мақсади беҳтар кардани шароити истифодабарӣ, баланд бардоштани сатҳи таҷҳизоти муҳандисӣ ва ба сатҳи талаботи муосир баланд бардоштани нишондиҳандаҳои истифодабарӣ анҷом дода мешаванд.

**Таъмир** – маҷмӯи корҳои сохтмон ва чорабиниҳои ташкилию техникӣ оид ба бартараф намудани фарсудашавии ҷисмӣ ва маънавие, ки ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии техникию иқтисодии иншоот алоқаманд нестанд.

## 4.2. Субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ

Фаъолияти сармоягузорӣ дар ҶТ мутобиқи Қонуни ҶТ аз 12 майи соли 2007, №260 «Дар бораи сармоягузорӣ» ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию дастурӣ анҷом дода мешавад.

***Субъектаҳои фаъолияти*** сармоягузорӣ. **С**армоягузорон, фармоишгарон, лоиҳакашон, бинокорон, паймонкорон, истифодабарандагони иншооти сармоягузоришуда, таъминоткунандагони манбаъҳои моддию техникӣ ва дигар шахсони воқеию ҳуқуқӣ субъектаҳои фаъолияти сармоягузорӣ мебошанд.

***Сармоягузорон*** дар қаламрави ҶТ бо истифодаи маблағҳои худӣ ё маблағҳои ҷалбшуда мутобиқи қонунгузории ҶТ фаъолияти сармоягузорӣ анҷом медиҳанд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар асоси шартнома дар бораи фаъолияти муштарак таъсисдодашуда, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ надоранд, иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳалллии давлатӣ, инчунин субъектҳои хориҷии фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд ҳамчун сармоягузор баромад кунанд. Сармоягузорон лоиҳаи сармоягузорӣ, аз он ҷумла таҳия намудани ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, маводи пешазлоиҳавӣ, лоиҳавӣ ва маҳсулоти дигарро ба таври пурра ё қисман сармоягузорӣ карда метавонанд.

**Фармоишгар –** шахси ваколатдори воқеӣ ё ҳуқуқие, ки (шаҳрвандон, иттиҳодияҳои онҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар, корхонаҳо новобаста аз шакли моликияташон, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ) тибқи супориши сармоягузор дар мӯҳлат ва ҳудуди салоҳиятҳои муқаррарнамудаи шартнома ва қонунгузории ҶТ лоиҳаҳои сармоягузориро татбиқ намуда, барои иҷро кардани корҳои мазкур иҷозатномаи давлатӣ доранд.

Фармоишгар дар баробари ин ба фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ дахолат намекунад, агар тибқи шартномаи байни онҳо муқаррароти дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Бинокор (фармоишгар-бинокор), ё шахси ваколатдори воқеӣ ё ҳуқуқӣ метавонад фармоишгар шавад ва иҷрои корҳои омодасозӣ ва татбиқи лоиҳаи сармоягузориро таъмин гардонад.

Сармоягузорон метавонанд бинокор бошанд:

***Бинокор*** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки соҳиби ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин шуда, ният дорад дар он аз ҳисоби маблағҳои худаш, ё аз ҳисоби қарзҳо ё маблағҳои ҷалбкардааш, ки соҳибмулки онҳо, соҳиб, истифодабарандаи иншооти марбутаи моликият аст, ё хоҳиши ҳуқуқи истифодабарӣ бо мақсадҳои сохтмон,

таҷдиди иншооти амволи ғайриманқули дар ихтиёри давлат ё соҳибмулки дигар қарордошта аст, лоиҳаи сармоягузорӣ татбиқ намояд.

Бинокор ҳуқуқ дорад, дар қитъаи замини мазкур лоиҳаи сармоягузорӣ таҳия ва татбиқ намуда, минбаъд онро барои сохтмон ё ободонии қитъаи замин ба шахси дигар диҳад.

***Назорати техникӣ*** – назорати сифати корҳои сохтмонӣ, таъмиркунӣ, васлкунӣ ва бакорандозӣ, ки пудратчӣ дар объекти мушаххас ва мутобиқи қарорҳои лоиҳавии онҳо анҷом медиҳад.

**Фармоишгари давлатӣ –** мақомоти иҷроияи ҳокимият (шахси ҳуқуқӣ) мебошад, ки тибқи тартиби муқарраргашта барои иҷрои вазифаҳои фармоишгар оид ба сохтмони иншооти ғайриманқули барои ниёзҳои давлатӣ иҷрошаванда, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ё буҷети субъектҳои ҶТ сармоягузорӣ мешаванд, пешбинӣ мегардад.

**Лоиҳакаш (ташкилоти лоиҳакашӣ)** – таҳиякунандаи маҳсулоти лоиҳавӣ **–** шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки мутобиқи қонунгузории ҶТ дар асоси шартнома (қарордод) бо фармоишгар таҳия намудани маҳсулоти лоиҳавиро барои иҷро кардани корҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва навъи масъулият, анҷом медиҳад.

**Пудратчӣ (ташкилоти пудратӣ)** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки мутобиқи Кодекси граждании ҶТ тибқи шартномаи пудратии (қарордод) бо фармоишгар бастааш татбиқ кардани лоиҳаро ба роҳ мемонад. Пудратчиён вазифадоранд, ки барои иҷро кардани ягон намуди фаъолияте, ки барои иҷрои он мутобиқи қонунгузории ҶТ иҷозатнома гирифтан зарур аст, иҷозатнома дошта бошанд. Пудратчиён ташкилотҳо ва корхонаҳои лоиҳакашию сохтмонӣ, сохтмонию васлкунӣ ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон, инчунин шахсони алоҳидаи воқеӣ, ё ташкилотҳои миёнараве шуда метавонанд, ки ба зиммаи худ вазифаи танзим кардани корҳоро гирифта, тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда сабти ном шудаанд ва барои сохтмон иҷозатнома гирифаанд.

**Пудратчии генералӣ –** ташкилоти бинокориест, ки дар назди фармоишгар барои иҷро кардани сохтмони мутобиқи маҳсули лоиҳавии тасдиқшуда шартномаи пудратиро анҷом медиҳад. Пудратчии генералӣ ҳуқуқ дорад, ки тибқи шартномаҳои путратии тобеъ намудҳои алоҳида ва маҷмӯи корҳои ташкилотҳои махсусгардондашударо (пудратчии тобеъ) анҷом диҳад.

**Пудратчии тобеъ –** ташкилоте, ки онро пудратчии генералӣ дар асоси шартнома барои иҷро кардани намудҳои корҳои алоҳида ҷалб месозад.

**Истифодабарандагони объектҳои сармоягузории асосӣ –** шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз он ҷумла хориҷӣ, инчунин мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, давлатҳои хориҷӣ, иттиҳодияҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳое мебошанд, ки барои онҳо объектҳои мазкур сохта мешаванд. Сармоягузорон метавонанд истифодабарандагони объектҳои сармоягузории асосӣ шаванд.

Субъекти фаъолияти сармоягузорӣ ҳуқуқ дорад функтсияҳои ду субъектро иҷро кунад, агар дар шартнома (қарордод) тартиби дигар муқаррар карда нашуда бошад,.

Муносибатҳои ба фаъолияти сармоягузорӣ алоқаманде, ки дар намуди сармоягузорӣ кардани сармоягузорони хориҷӣ дар ҶТ анҷом дода мешаванд, тибқи

шартномаҳои байналмилалии ҶТ, Кодекси граждании ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ», дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ танзим карда мешаванд.

Муносибатҳои байни субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар асоси шартномаи (қарордоди) байни онҳо мутобиқи Кодекси граждании ҶТ басташуда анҷом дода мешаванд.

Карор дар бораи татбиқ намудани сармоягузории давлатиро мақомоти ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ қабул мекунанд. Тартиби сармоягузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатиро Ҳукумати ҶТ, тартиби сармоягузории лоиҳаҳои инвеститсионии аз ҳисоби буҷетҳри субъектҳои ҶТ-ро бошад мақомоти ҳокимияти иҷроияи субъекти марбути ҶТ муайян мекунанд.

Ҷойгир намудани фармоишоти корҳои пудратии сохтмон барои ниёзҳои давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои буҷетҳои субъектҳои ҶТ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро фармоишгар бо роҳи барпо намудани озмунҳои мутобиқи қонунгузории ҶТ барпошуда пардохт менамоянд.

Мақомоти худидораи маҳаллӣ барои таҳия, тасдиқ ва сармоягузорӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ татбиқшаванда, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетҳои маҳаллӣ сармоягузорӣ шуда, дар асоси озмун ҷойгир шудаанд, шароити зарурӣ ба вуҷуд меоранд.

Хароҷот барои сармоягузорӣ намудани фаъолияти инвеститсионии дар шакли сармоягузории мақомоти худидораи маҳаллӣ татбиқшаванда дар буҷетҳои маҳаллӣ пешбинӣ карда мешаванд.

## 4. 3. Ӯҳдадориҳои асосӣ, ҳуқуқ ва масъулияти фармоишгар (бинокор)

Фармоишгари (бинокори) объектҳои системаи обтаъминкунӣ ва обпартоӣ дар фаъолияти худ қонунгузории ҶТ, «Низомнома дар бораи фармоишгар (бинокор) дар сохтмон», Қарори Кумитаи давлатии сохтмон ва меъмории ҶТ аз 22.04.2005, №18 «Қоидаҳо дар бораи шартномаҳои пудратӣ (қарордодҳо) барои сохтмон дар ҶТ» ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии АСваМ (Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ)-ро ба роҳбарӣ мегирад.

Бо назардошти хусусиятҳои ташкилоти сохтмон, шароити татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ваколатҳои дигари (иловагии) фармоишгар (бинокор) мутобиқи қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрию техникии алоҳида муайян карда мешаванд. Ӯҳдадориҳои мушаххаси фармоишгар (бинокор) ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ тибқи қарордоди бастани шартномаи пудратӣ (қарордод) муайян карда мешаванд.

Мавзӯи фаъолияти фармоишгар (бинокор) сохтмони биноҳои нав, биноҳо ва иншооти мавҷудаи таҷдидшаванда, ба амал баровардани корҳои таъмир мебошад. Фармоишгар (бинокор) тибқи шартҳои муайяннамудаи сармоягузор маблағҳо ва боигариҳои моддии барои сохтмони иншоот ҷудонамудаи сармоягузорро истифода бурда, мутобиқи қонунгузории амалкунанда барои мақсаднок ва дар мӯҳлати муайяншуда истифодабарии манбаъҳои сармоягузор, риояи меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон ҳангоми банақшагирӣ ва сохтмони иншоот, барои сифати қарорҳои

қабулшавандаи лоиҳавӣ, маводи конструктсияҳо, таҷҳизот ва корҳои сохтмон, мӯҳлати ба истифода супоридани иншоот ҷавобгар мебошад

Бинокор дар ҳолати мавҷуд будани шароити муайян ва иҷозатнома ҳуқуқ дорад сохтмони иншоотро бо қувваи худ, бе даъвати пудратчӣ анҷом диҳад.

## Ӯҳдадориҳои асосии фармоишгар (бинокор)

Ӯҳдадориҳои фармоишгар (бинокор) дар ҷараёни татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба тариқи зерин аст:

### а) Интихоби қитъаҳои замин ва азхудкунии майдонҳои сохтмон:

- иштирок кардан дар фаъолияти комиссияи интихоби қитъаи замин барои сохтмон ва мураттаб сохтани санади интихоби қитъаи мазкури замин;
- бо ашхоси манфиатдор мувофиқа гардондан маҳалҳои ҷойгир намудани иншооти сохтмон, андозаи қитъаи замин ва шароити ҷудо кардани он;
- гирифтани иҷозат дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони иншоот;
- гирифтани ҳуҷҷати қонунии истифодабарии қитъаи замин, ки дар он шароит ва мӯҳлати истифодабарии қитъаи замин нишон дода шудааст;
- гирифтани иҷозати ҳукумати марбути маҳаллӣ барои лоиҳакашӣ ва сохтмони иншоот (ҳуҷҷати иҷозатномавӣ);
- гирифтани иҷозат барои истифодабарии махсуси об (ҳуҷҷатҳо барои иҷозат гирифтан барои ба таври махсус истифода бурдани обро фармоишгари (бинокори) истифодабарандаи об, ё бо хоҳиши вай ташкилоти лоиҳакашӣ, илмӣ ё ташкилоти дигар омода мекунанд);
- ташкили асоси геодезии ба қисмҳо тақсимкунӣ барои сохтмони объект;
- гирифтани иҷозати мақомоти марбутаи истифодабаранда барои: истеҳсоли корҳо дар минтақаи хатҳои интиқоли барқ ва алоқа, дар майдони ҷудошудаи роҳҳои оҳан ва автомобилгард, дар маҳалҳои коммуникатсияҳои зеризаминӣ хобондашуда (хатҳои кабел, қубури газ, корез ва ғайра), ки дар майдони сохтмон ҷойгир шудаанд; дар мӯҳлати корҳои сохтмон дар шаҳрҳо ва нуқтаҳои дигари аҳолинишин, дар ҳолати мавҷуд набудани фармоишгар барои сохтани иншооти худии таъминоти газ, об, буғ ва барқ мутобиқи лоиҳаи ташкилоти сохтмонӣ истифода бурдан аз сарчашмаҳои мавҷудаи нерӯи барқ, газ, об, буғ; буридан ва шинондани дарахтон, буттаҳо, шикастани биноҳо, тоза кардани ҳудуд аз иншооте, ки ба сохтмон халал мерасонанд;
- тибқи тартиби муқарраргашта ба пудратчии генералӣ дар мӯҳлати бо вай мувофиқагардида супоридани ҳуҷҷатҳо дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин ва иҷозатномаи мақомоти марбутаи истифодабаранда;
- кӯчонидани биноҳо, иншоот, кӯчондани кабудизорҳои дар майдони сохтмон қарордошта ва сокинони хонаҳое, ки бояд кӯчонида ё таҷдид карда шаванд;
- дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда ба шаҳрвандон ҷуброн намудани арзиши дарахтону буттаҳо ва кабудизорҳо, инчунин арзиши хонаҳои истиқоматӣ ва дигар биноҳое, ки моликияти хусусии онҳо мебошанд;

- санҷидани ҳисобҳои арзиши боқимондаи тавозунии биноҳо ва иншооти кӯчонидашавандае, ки моликияти шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошанд, санҷидани қонунӣ будани ҳуҷҷатҳои харҷномавии ба сохтмон ворид кардани онҳо;

- таъмин намудани фурӯши масолеҳи боқимондаи биноҳо ва иншооти бартарафшаванда, инчунин масолеҳе, ки ҳангоми буридани дарахтон ба даст меоянд;

- ба роҳ мондани назорати осеббинӣ ва ҳолати биноҳо ва иншооти минтақаи зери таъсири сохтмон қарордошта;

- таҳия намудани асосноксозии техникию иқтисодӣ (АТИ) ва Ҳисобҳои техникию иқтисодӣ (ҲТИ).

**б) Таъмин намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ:**

- тибқи тартиби муқарраргашта анҷом додани интихоби ташкилоти лоиҳакашӣ барои иҷро кардани корҳои лоиҳакашӣ, тадқиқотӣ, дар ҳолати зарурӣ корҳои илмию тадқиқотӣ;

- мувофиқа гардондани рӯйхати ташкилотҳои пудратии тобеъ (дар ҳолати зарур будан), ки онҳоро лоиҳакаши генералӣ барои иҷро кардани корҳои лоиҳавӣ ҷалб менамояд;

- омода ва тасдиқ намудани супориши техникӣ барои таҳиясозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ, муайян кардани марҳилаҳои лоиҳакашӣ;

- омода намудани маълумоти аввалия барои таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ. Ҷамъ овардани маълумоте, ки барои корҳои лоиҳакаширо ба ташкилоти лоиҳакашӣ супоридан имконпазир мегардонанд;

- бастани шартномаҳо (қарордодҳо) барои иҷрои корҳои лоиҳавӣ, тадқиқотӣ, дар ҳолати зарур будан корҳои илмию тадқиқотӣ, ба роҳ мондани назорати иҷрои корҳо; ҳангоми бастани шартнома муқаррар намудани талабот ба мӯҳлати таҳиясозӣ, нишондиҳандаҳои техникию иқтисодӣ, таркиби ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, муайян намудани нархи шартномавии корҳо, шароити суғуртакунии хатарҳои ба таҳиясозӣ ва татбиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ алоқаманд, ҷавобгарии молумулкии тарафҳо барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, шартҳои баистифодабарӣ ва ҳуқуқи соҳибмулк ба маҳсулоти таҳиягаштаи лоиҳавӣ, шартҳои маҳрамият ҳангоми иҷро кардани шартнома (қарордод) ва шартҳои дигар;

- бо ташкилоти лоиҳакашӣ мувофиқа гардондани нақшаи тақвимии иҷрои корҳо ва додани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, ба роҳ мондани назорати иҷрои он;

- ба роҳ мондани баррасӣ ва мувофиқагардонии қарорҳои меъморию шаҳрсозии иншооти банақшагирифташуда дар мақомоти гуногуни идораи меъморӣ;

- ба роҳ мондани ташхис, аз ҷумла ташхиси экологии ҳуҷҷатҳои таҳиягаштаи лоиҳавию харҷномавӣ ва тибқи тартиби муқарраргашта тасдиқ намудан ва бастани шартномаҳои марбут;

- тибқи тартиби муқарраргашта ба роҳ мондани мувофиқасозӣ, тасдиқкунӣ ва дар ҳолати зарур будан бори дигар тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, инчунин ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ворид намудани тағйироту иловаҳо ва эродҳои ташхис;

- дар асоси шартнома расмӣ гардонидани ӯҳдадориҳои ба шахси ҳуқуқӣ супорида, ки вай оид ба ташкил ва гузаронидани озмунҳо мутобиқи тартиби ҷорӣ дар ҶТ бояд иҷро кунад;

- дар ҳолати мавҷуд набудани зарурати барпокунии озмунҳо худаш ба таври мустақилона пудратчиро барои иҷро кардани корҳои сохтмонӣ интихоб менамояд;

- бастани шартномаи корҳо ва хизматҳо аз рӯи натиҷаҳои озмунҳо;

- иҷозат гирифтан барои иҷрои корҳои сохтмон;

- бо роҳи озмун муайян намудани таъминкунандагони таҷҳизот, масолеҳи сохтмон ва дигар қисмҳое, ки таъминоти онҳо мутобиқи шартнома ба зиммаи хадамоти фармоишгар (бинокор) вогузор шудааст;

- бо лоиҳакаш бастани шартнома барои анҷом додани назорати муаллифӣ ва таъмин намудани шароити иҷрои он;

- ба роҳ мондани корҳо оид ба тасҳеҳи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии вобаста ба тағйирёбии базаи меъёрии лоиҳакашӣ, сохтмон ва баистифодабарии иншооти сохташаванда;

- ба пудратчӣ супоридани ҳуҷҷатҳои таҳия ва тасдиқшудаи лоиҳавию харҷномавӣ;

- бо иштирокчиёни сохтмон танзим намудани баҳсҳое, ки дар ҷараёни бастан ва иҷрои шартномаҳои пудратии сохтмонӣ ба миён меоянд;

- бастани шартнома барои ба шефӣ гирифтани васлкунии таҷҳизот, агар вай дастрас намудани таҷҳизотро таъмин гардонад;

- дар ҳолати зарур будан бастани шартномаҳо барои иҷрои корҳои роҳандозӣ, гузарондани санҷиши комплексии таҷҳизот бо иштироки лоиҳакаш, пудратчӣ, дар ҳолати зарур будан бо иштироки корхонаҳои истеҳсолкунандаи таҷҳизоти мазкур;

- иҷро кардани ҳамаи корҳои зарурии оид ба омода кардани майдони сохтмон, ба роҳ мондани назорат аз болои меъёрҳо ва қоидаҳо ҳангоми истеҳсоли корҳо, анҷом додани корҳои хотимавӣ ва омода намудани иншоот барои ба истифодабарӣ супурдан;

- бо қувваи худ ё бо роҳи бастани шартнома бо ташкилоти муҳандисӣ анҷом додани назорат ва назорати техникӣ аз болои иҷрои корҳои сохтмон.

**в) Сармоягузорӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ**

- дар мӯҳлати муайяншуда кушодани сармоягузорӣ ва таъмини доимии он ҳангоми пардохти корҳои банақшагирӣ ва сохтмони иншоот, анҷом додани назорати муаллифӣ.

- баррасӣ намудани ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи пудратчӣ дар бораи иҷрои корҳо дар мӯҳлатҳо ва тартиби муайяннамудаи шартномаи пудратии сохтмон;

- мутобиқи шартнома пешпардохт намудани маблағи молтаъминкунандагон;

- ҳангоми халалдор шудани ба таври пайваста маблағгузорӣ шудани сармоягузории корҳо ва мутобиқи тартиби муқарраршуда ба амал омадани шароити дигар, бо розигии пудратчӣ ва сармоягузор ворид намудани тағйирот ба мӯҳлати иҷрои сохтмони иншоот;

- анҷом додани ҳисобу китоби ҷамъбастии корҳои иҷрошудаи иншооти сохтмон дар мӯҳлатҳои мутобиқи шартномаи пудратии сохтмон муқарраргашта;

- муайян намудани маблағҳои мукофотонӣ барои пудратчӣ, дар ҳолати дар мӯҳлати муқарраргашта ё пеш аз мӯҳлат анҷом додани баистифодадиҳии иншоот, агар мукофотонидан дар шартномаи пудратии сохтмон пешбинӣ шуда бошад;

- ташкил ва ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ, амалиётӣ ва оморӣ, мураттаб сохтан ва тибқи тартиби ҷорӣ пешниҳод намудани ҳисоботҳои вобаста ба сохтмони иншоот;

- мураттаб сохтан ва иҷро кардани шартномаҳо бо сармоягузорон, муттамарказ гардондани ҳиссаи маблағҳо барои иштирок кардан дар сохтмони иншоот, инчунин захираҳои моддӣ ва дигари барои таъмин намудани ҷараёни мураттаби сохтмон пешбинишуда;

- дар ҳолати муваққатан қатъ шудани сармоягузории сармоягузор тибқи розигӣ бо вай барои иҷрои корҳо ва хизматҳо ҷалб намудани манбаъҳои дигари сармоягузор, аз он ҷумла аз ҳисоби қарзҳои бонкӣ;

- мураттаб гардондан ва аз тарафи сармоягузор тасдиқ намудани харҷномаи иҷрои ӯҳдадориҳои фармоишгар (бинокор) ва корҳои дигари ба ҳар як иншооти сохтмон ё дар соли тақвимӣ пешбинишуда, ки онро хадамоти фармоишгар (бинокор) анҷом медиҳад;

- барпо намудани робитаи мутақобила бо мақомоти назораткунандаи нархҳо, анҷом додани санҷиши нархҳои барои пардохт пешниҳодшуда;

- иштирок намудан дар ҷараёни тафтиши иншооте, ки сохтмони он минбаъд бояд мавқуф гузошта шавад, мураттаб сохтани ҳуҷҷатҳо барои мавқуфгузорӣ ё муваққатан боздоштани корҳои сохтмон, инчунин баҳо додан ба ҳолати техникии онҳо ҳангоми дубора оғоз шудани корҳои сохтмон;

- оид ба масъалаҳои техникӣ ва молиявӣ ба мақомоти давлатии назоратӣ шарҳу эзоҳ пешниҳод намудан;

- дар ҷараёни тафтишҳои барпонамудаи мақомоти давлатии назоратӣ ва назорати сохтмон иштирок намудан;

- анҷом додани назорати иҷрои корҳои аз тарафи пудратчӣ баимзорасонидаи назорати муаллифӣ, ташкилотҳои мутасаддӣ ва мақомоти назорати давлатии корҳои сохтмон барои бехатарии ба роҳ мондани корҳои сохтмон, сифати корҳо ва масолеҳи истифодашаванда;

- ҷуброн намудани зарарҳои пудратчӣ, ки дар натиҷаи аз тарафи фармоишгар халалдор гаштани шартҳои шартномаи пудратӣ ба амал омадаанд;

- бо мақсади ба таври самаранок истифода бурдани маблағҳои ҷудонамудаи сармоягузор ба роҳ мондани таҳлили хароҷот аз рӯи намудҳои корҳо ва хизматҳо.

### г) Таъминоти моддию техникӣ

- барои таъмин намудани таҷҳизот ва масолеҳи зарурӣ бастани шартномаҳо, агар таъмин намудани онҳо мутобиқи шартномаи пудратии сохтмон ба зиммаи фармоишгар гузошта шуда бошад, инчунин анҷом додани мукаммалгардонии иншооти сохтмон бо таҷҳизот ва масолеҳи мазкур; мутобиқи шартҳои шартномаи пудратӣ ба таври пурра ё қисман анҷом додани таъминоти масолеҳ ва таҷҳизот;

- дар ҳолати зарурӣ анҷом додани қабул, баҳисобгирӣ ва ба таври боэътимод нигоҳ доштани таҷҳизот ва масолеҳ дар анборҳо;

- ба роҳ мондани тафтиши таҷҳизот ва дар мӯҳлати муайяншуда ба пудратчӣ супоридани таҷҳизоте, ки мутобиқи ҷадвали иҷрои корҳо барои васлкунӣ пешбинӣ шудаанд.

**д) Қабули объектҳои сохтмонашон анҷомёфта:**

- ташаккул додан ва роҳбарӣ кардан ба корҳои комиссияи қабули иншооти сохтмонаш анҷомёфта ё корҳои иҷрошудаи сохтмон;
- ба комиссияи қабул дастрас намудани маводи тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ пешбинишуда;
- анҷом додани чорабиниҳое, ки дар мӯҳлати муқарраргашта барои ба истифодабарӣ супоридани иншоотро таъмин мегардонанд;
- таъмин намудани аз тарафи пудратчӣ дар мӯҳлати муқарраргашта қабул кардани корҳои иҷрошудаи сохтмони иншооти бунёдшаванда;
- барои иштирок кардан дар қабули корҳои иҷрошудаи сохтмони иншооти бунёдшаванда даъват намудани намояндагони мақомоти хадамоти давлатии назорат дар соҳаи сохтмон ва меъморӣ;
- мураттаб кардан ва тасдиқ намудани санади аз пудратчӣ қабул кардани корҳои иҷрошудаи сохтмони иншооти бунёдшаванда;
- муқаррар намудани реҷаи баистифодабарии иншоот дар марҳилаи санҷиш ва қабул;
- аз пудратчӣ дар асоси санад қабул кардани иншооте, ки муваққатан боздоштани сохтмони он пешбинӣ шудааст, андешидани чораҳо барои нигоҳ доштани натиҷаҳои корҳои иҷрошуда;
- якҷоя бо пудратчӣ ва ташкилоти баистифодабаранда иштирок намудан дар корҳои тадқиқи марҳилаи мӯҳлати кафолатноки баистифодабарии иншоот;
- таъмин намудани санҷиши мукаммали таҷҳизот.

**Ҳуқуқҳои фармоишгар (бинокор):**

- дар асоси озмун ба роҳ мондани интихоби иҷрокунандагон ва бастани шартнома барои таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ, корҳои тадқиқотӣ, таъминоти таҷҳизот ва масолеҳ, иҷрои корҳо ва хизматҳои сохтмон, васлкунӣ ва ғайра;
- ба манбаъҳои молиявӣ ва дигар, боигариҳои амволӣ ва моддии барои сохтмони иншоот ҷудонамудаи сармоягузор соҳибӣ кардан ва мутобиқи мақсадҳои пешбинишуда истифода бурдани онҳо;
- ба майдони иншооти бунёдшаванда ташриф оварда, бо ҳуҷҷатҳои зарурии иҷроия шинос шудан;
- дар асоси шартнома ё бо шартҳои дигар ба ҳайси коршинос-мушовир ва иҷрокунандагони супоришҳо ҷалб намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои иҷрои корҳое, ки онҳоро сармоягузор ба зиммаи хадамоти фармоишгар (сохтмончӣ) вогузор намудааст,

- дар ҳолати халалдор гаштани талаботи ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ ва меъёрию техникӣ, инчунин вайрон шудани шартҳои шартномаи басташудаи пудрати сохтмонӣ боз доштани истеҳсоли корҳо;

- бо розигии сармоягузор дар бораи боз доштан ё қатъ кардани сохтмон ва муваққатан нигоҳ доштани иншоот қабул намудани қарор;

- барои ба истифодабарӣ қабул кардани иншоот;

- ба роҳ мондани назорати корҳои иншоот дар марҳилдаи барои ба истифодабарӣ супоридан ва мӯҳлати кафолатноки истифодабарӣ;

- тибқи тартиби муқарраргашта ба ташкилоти истифодабаранда супоридани корҳои иҷрошудаи сохтмон;

- дар ҳолати иҷро шудани корҳои сохтмонӣ бо халалдорсозии талаботи ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ, меъёрию техникӣ ва шартҳои шартнома аз пудратчӣ талаб намудани ба таври ройгон бартараф кардани камбудиҳои роҳдодашуда;

- талаб намудани ҷуброни зарари бо айби пудратчӣ дар натиҷаи тағйирдиҳӣ ё қатъ кардани шартномаи пудрати сохтмонӣ расондашуда;

- тибқи тартиби муқарраргашта бо розигии пудратчӣ ба вай супоридани як қисми ӯҳдадориҳои худ.

## Масъулияти фармоишгар (бинокор)

Хадамоти фармоишгар (бинокор) дар назди сармоягузор тибқи қонунгузории амалкунанда ҷавобгарии моддӣ ё ҷавобгарии дигар дорад:

- барои дар мӯҳлати муайяншуда ба таври мақсаднок ва асоснок истифода бурдани манбаъҳои молиявӣ, моддӣ ва амвол;

- барои риояи сифати иҷрои корҳо ва мӯҳлатҳои супоридани иншооти сохтмон барои ба истифодабарӣ;

- барои иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ бо дигар иштироккунандагони сохтмони иншоот;

- барои иҷро кардани харҷномаи тасдиқшудаи барои фаъолият кардани хадамоти фармоишгар (бинокор) пешбинишуда;

- барои таъмин намудани реҷаи махфӣ нигоҳ доштани маълумот (маҳрумият) ва анҷом додани чорабиниҳои зарурии муҳофизат кардани маълумоти тиҷоратӣ ва хизматӣ.

Фармоишгар тибқи шартномаи пудратӣ барои корҳои лоиҳавӣ ва тадқиқотӣ вазифадор аст, ки ҳуҷҷатҳои лоиҳавии аз пудратчӣ гирифтаашро танҳо ба мақсадҳои пешбининамудаи шартнома истифода бурда, ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро ба одамони ғайр надиҳад ва мазмуни онҳоро бе розигии пудратчӣ фош накунад.

Намудҳо ва андозаҳои ҷавобгарии фармоишгар тибқи қонунгузории ҶТ ва шартномаи пудрати сохтмон муқаррар карда мешаванд.

## 4. 4. Ӯҳдадориҳои асосӣ, ҳуқуқҳо ва масъулияти ташкилоти лоиҳакашию тадқиқотӣ

Ӯҳдадориҳои асосӣ, ҳуқуқҳо ва ҷавобгарии ташкилоти лоиҳакашию тадқиқотӣ мутобиқи «Низомнома дар бораи ташкилоти лоиҳакашӣ – лоиҳакаши генералӣ» муқаррар карда мешавад, ки онро Кумитаи давлатии СССР оид ба корҳои сохтмон рӯзи 31 декабри соли 1969 тасдиқ намудааст.

Вазифаҳои асосии ташкилоти лоиҳакашӣ таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва таъмин намудани сатҳи баланди техникӣ ва самаранокии баланди иншооти ба нақша гирифташаванда мебошанд.

Ташкилоти лоиҳакашӣ ҳангоми лоиҳакашӣ Асосноксозии техникию иқтисодӣ (АТИ), ё Ҳисобҳои техникию иқтисодӣ (ҲТИ), нақшаи генералии шаҳрҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои амалкунанда, нишондодҳо оид ба лоиҳакашӣ ва сохтмон, стандартҳои барои масолеҳ ва ашё муайяншуда, дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию техникиро бояд дастури фаъолияти худ қарор диҳад.

Барои ба роҳ мондани таҳиясозии лоиҳа ва роҳбарии техникии лоиҳакашии иншооти сохтмон ташкилоти лоиҳакашӣ сармуҳандиси (сармеъмор) лоиҳаро таъин мекунад, ки вай дар ташкилотҳо ва муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои марбути таҳиясозии лоиҳа, мувофиқагардонӣ ва баррасии ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ, татбиқи сохтмон тибқи лоиҳаи тасдиқшуда ва ғайраҳо намояндагӣ мекунад.

## Ӯҳдадориҳои ташкилоти лоиҳакашӣ:

- иштирок намудан дар таҳиясозии Асосноксозии техникию иқтисодӣ (АТИ) ё Ҳисобҳои техникию иқтисодӣ (ҲТИ), аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи мақсад будан ва аз ҷиҳати хоҷагидорӣ зарурат доштани татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ; иштирок намудан дар мураттабсозии супоришҳо барои лоиҳакашӣ; интихоби майдони сохтмон ва барои ин кор омода кардани масолеҳи зарурӣ;
- муайян намудани ҳаҷм, марҳилаҳо ва арзиши корҳои лоиҳавӣ ва тадқиқотӣ;
- омода кардани супоришҳо барои таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва анҷомдиҳии тадқиқотҳои муҳандисӣ;
- тибқи супориши фармоишгар дар асоси шартномаи иловагӣ омода намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, маълумоти барои лоиҳакашӣ зарур;
- омода кардани ҷадвалҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва нақшаҳои корӣ, бо ташкилотҳои пудратии бинокорӣ мувофиқа гардондани онҳо ва ба фармоишгар барои тасдиқ кардан пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо;
- ба фармоишгар додани талаботи техникӣ барои таҳиясозии таҷҳизоти махсуси технологӣ ва дигар таҷҳизоти ғайристандартӣ ва дар мӯҳлати муқаррарнамудаи ҷадвал аз вай гирифтани маълумот барои лоиҳакашӣ;
- ҳамоҳангсозии корҳои ташкилотҳои пудратии тобеъ ва ба ҳам мувофиқ гардондани ҳамаи қисмҳои лоиҳа;
- дар ҷараёни лоиҳакашӣ мувофиқа гардондани қарорҳои техникии қабулнамудаи ташкилотҳои пудратии тобеъ;
- ба таври асоснок муайян намудани ҳаҷми корҳои сохтмон, ҳаҷм ва миқдори таҷҳизот, ашё ва масолеҳ;
- мураттаб сохтани номгӯй ва рӯйхати дархостӣ барои таҷҳизот ва масолеҳ;
- мураттаб сохтани харҷномаи ҷамъбастӣ ва ҷамъбасти хароҷот барои сохтмон, бо назардошти он, ки харҷнома бояд ҳуҷҷати асосии тағйирнаёбандаи

банақшагирии сохтмони асосӣ ва ба ҳисоби байни пудратчӣ ва фармоишгар барои иҷрои корҳои пешбинишуда бошад;

- таъмин намудани мутобиқати лоиҳаҳои техникӣ бо супориш барои лоиҳакашӣ ва нақшаҳои кории лоиҳаи тасдиқшудаи техникӣ;
- таъмини патентии қарорҳои лоиҳавӣ;
- қабули ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ ва масолеҳи тадқиқоти муҳандисӣ аз ташкилотҳои пудратии тобеъ (дар ҳолати зарур будан);
- мукаммал гардондани лоиҳа бо қисмҳо, бобҳо ва ба фармоишгар додани тамоми ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ;
- якҷоя бо ташкилотҳои пудратии тобеъ ҳимоя кардани лоиҳа дар назди мақомоти ташхис ва идораҳои тасдиқкунанда;
- сари вақт ҳал намудани масъалаҳое, ки дар ҷараёни лоиҳакашӣ садди роҳи ташкилотҳои пудратии тобеъ ва дар ҷараёни сохтмон садди роҳи ташкилотҳои сохтмонӣ мегарданд;
- дар мӯҳлатҳои пешбининамудаи шартнома ва ҷадвали тасдиқшуда таъмин намудани сохтмон бо ҳуҷҷатҳои техникӣ;
- иштирок кардан дар қабули барои баистифодабарӣ супоридани иншооти сохтмон;
- ба роҳ мондани назорати муаллифӣ, дар ҳолатҳои зарур будан ба роҳ мондани назорати техникӣ аз болои сохтмон.

**Ҳуқуқҳои ташкилоти лоиҳакашӣ:**

- ба роҳ мондани назорати сифати лоиҳакашӣ ва тадқиқот ва талаб намудани иҷрои корҳо дар мӯҳлати тибқи ҷадвали тасдиқшуда муқаррааргашта, инчунин бартараф намудани камбудиҳои муайянгаштаи лоиҳа;
- аз фармоишгар талаб кардани дубора баррасӣ намудани лоиҳаҳои аллакай тасдиқгашта ё баъзе қарорҳои лоиҳавии баъд аз тасдиқкунӣ бо сабаби тӯлонӣ будани сохтмон кӯҳнашуда;
- бо розигии ташкилотҳои пудратии сохтмонӣ бо мақсади аз ҳад зиёд ба таври мукаммал таҳия нашудани нақшаҳои корӣ ва роҳ додан ба такрорҳои барзиёд, дар ҳаҷми мухтасари барои баҳодиҳии қарорҳои лоиҳавӣ кофӣ, муайян намудани арзиши сохтмон ва иҷрои корҳои сохтмон ихтисор намудани ҳайат ва ҳаҷми ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ;
- ба воситаи сармуҳандиси лоиҳа баъзе намудҳои корҳои сохтмониро нигоҳ медорад, ки онҳо мутобиқи талаботи лоиҳа иҷро карда нашуда, дар онҳо шартҳои техникӣ ва қоидаҳои иҷрои корҳо, инчунин сифати иҷрои корҳо риоя нашудаанд.

Ташкилоти лоиҳакашӣ мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун барои дар мӯҳлати муқаррааргашта ва бо сифати баланд таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, нишондиҳандаҳои техникию иқтисодии лоиҳа, азхудкунии иқтидорҳои сохтмон, инчунин барои иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммааш гузошташуда ҷавобгар мебошад.

## 4. 5. Ӯҳдадориҳои асосӣ, ҳуқуқҳо ва масъулияти пудратчӣ

Ӯҳдадориҳои асосӣ ва ҳуқуқҳои пудратчӣ, масъулияти вай мутобиқи «Низомнома дар бораи муносибатҳои мутақобилаи ташкилотҳо – пудратчиёни генералӣ бо ташкилотҳои пудратии тобеъ», ки онро АСваМ аз 11 июли соли 2008 таҳти рақами №4фк тасдиқ намудааст, муқаррар карда мешавад.

Лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳангоми сохтмони объектҳо дар қаламрави ҶТ новобаста аз шакли моликият, дар асоси шартномаҳои пудратии (қарордодҳо) байни фармоишгару пудратчёни генералӣ ва пудратчиёни генералию пудратчиёни тобеъ (дар ҳолати зарурӣ) татбиқ карда мешаванд.

Пудратчӣ (бо розигии тарафҳо) барои иҷро кардани маҷмӯъ ё ягон намуди корҳо ташкилотҳои дигари пудратии тобеъро ҷалб карда, бо онҳо оид ба пудрати тобеъ шартнома баста метавонад. Дар ин ҳолат масъулияти фармоишгар барои иҷрои тамоми корҳо дар мӯҳлати муқарраргашта ва бо сифати зарурӣ, ки тибқи шартномаи пудратӣ муқаррар карда шудааст, ба зиммаи пудратчӣ вогузор мешавад.

Дар ин ҳолат лоиҳаи сармоягузориро дар асоси шартномаи пудратии (қарордодҳои) байни фармоишгар ва пудратчии генералӣ ва байни пудратчии генералӣ ва пудратчии тобеъ (дар ҳолати зарур будан) татбиқ кардан мумкин аст.

Дар ин ҳолат пудратчӣ дар назди фармоишгар ҳамчун пудратчии генералӣ, дар назди пудратчии тобеъ бошад ҳамчун фармоишгар баромад мекунад.

Дар баробари ин иҷрои ӯҳдадориҳои фармоишгар аз рӯи шартномаҳои пудратии тобеъ ба пудратчии генералӣ ва ӯҳдадориҳои пудратчӣ ба пудратчии тобеъ вогузор карда мешавад.

Шартномаи пудратчии тобеъ ҳуҷҷати асосии қонуние мебошад, ки муносибатҳои мутақобилаи пудратчии генералӣ ва пудратчии тобеъро танзим карда, ҷавобгарии иқтисодии онҳоро барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ муайян менамояд.

Шартномаҳои пудратии тобеъро пудратчии генералӣ ва пудратчии тобеъ барои маҷмӯи корҳои дар объектҳои сохтмон супоридашаванда ба имзо мерасонад.

Ташкилотҳои мазкури пудратии тобеъ ҳуқуқ доранд тибқи шартномаи пудратии тобеъ барои иҷрои намудҳои корҳои алоҳида дигар ташкилотҳои пудратии тобеъро ҷалб созанд. Дар айни замон пудратчии асосии тобеъ дар назди пудратчии генералӣ барои ҳамаи корҳо, аз он ҷумла қорҳое, ки ташкилотҳои ҷалбшуда иҷро кардаанд, ҷавобгар мебошад.

Тибқи шартнома пудратии тобеъ бо қувва ва маблағи худ бояд корҳои пешбинишудаи сохтмониро мутобиқи ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи лоиҳавию харҷномавӣ дар мӯҳлати муқарраргашта иҷро карда, сифати иҷрои корҳои мазкурро таъмин намояд, таҷҳизот ва системаҳои васлкардаашро ба таври мустақил санҷида, камбудиҳои дар корҳои иҷрокардааш ҷойдоштаро, ки ҳангоми аз тарафи пудратчии тобеъ қабул кардан муайян карда шудаанд, сари вақт бартараф намуда, инчунин камбудиҳои дар мӯҳлати кафолатӣ муайяншударо ҳам бартараф месозад.

Пудратчии генералӣ дар мӯҳлати 3 рӯзи баъди аз тарафи қомиссия қабул шудани иншоот вазифадор аст, ки ба пудратчии тобеъ ведомости камбудиҳои ошкоршуда ва мӯҳлати бартарафсозии онҳоро пешниҳод намояд.

Пудратчии тобеъ барои иҷрои корҳои алоҳида ва маҷмӯи корҳо дар ҳаҷм ва мӯҳлати дар шартномаи пудратии тобеъ муқарраршуда низ ҷавобгар мебошад.

Пудратчии тобеъ дар санҷиши мукаммали таҷҳизоти васлнамудаи ташкилоти пудратии тобеъ, ки фармоишгар мегузаронад, иштирок мекунад.

Пудратчии генералӣ ҳангоми мувофиқа кардани харҷномаҳо барои иншооти алоҳидае, ки барои онҳо нархҳои шартномавӣ муқаррар шудаанд, барои баррасӣ намудани онҳо пудратчиёни тобеъро ҷалб месозад, пудратчиёни тобеъ бошанд вазифадоранд арзиши харҷномаҳоро дар мӯҳлати 30 рӯзи баъди ба даст гирифтани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавии корҳои ба пудратчии тобеъ супоридашавандаро баррасӣ ва мувофиқа намояд.

*Пудратчии генералӣ ӯҳдадор аст:*

- ба сохтмон омода будани иншоот, конструктсияҳо ва намудҳои алоҳидаи корҳоеро таъмин гардонад, ки барои истеҳсоли минбаъдаи корҳои васлкунӣ ва махсус ба пудратчиёни тобеъ супорида мешаванд;

- ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи лоиҳавию харҷномавии ба корҳои пудратчӣ алоқамандро супорад, дар мӯҳлати муқарраргашта сармоягузорӣ намудани корҳоро таъмин намояд, корҳои иҷрошударо қабул карда, ҳаққи онҳоро пардохт кунад;

- ба таври комплексӣ ба пудратчии тобеъ супоридани таҷҳизот, масолеҳ ва ашёеро анҷом диҳад, ки таъмин намудани онҳо мутобиқи ҷадвали супоридан ба зиммаи пудратчии генералӣ (фармоишгар) вогузор шудааст;

- фаъолияти ҳамаи пудратчиёни тобеъи дар сохтмон иштирокдоштаро ҳамоҳанг месозад;

- то замони мураттаб сохтани шартномаи пудратӣ барои сохтмони иншоот, бо мақсади муайян намудани мӯҳлат ва шартҳои истеҳсоли корҳои дигар, инчунин муайян намудани мӯҳлати аз ҷониби фармоишгар таъмин намудани таҷҳизот ва масолеҳ пудратчиёни тобеъро ҷалб месозад;

- назорати фоидаоварии ҳаҷм, арзиш ва сифати корҳои пудратии тобеъи иҷрошавандаро назорат мекунад. Пудратчии генералӣ ҳуқуқ дорад, ки ба фаъолияти амалиётию хоҷагидории пудратчии тобеъ дахолат накарда, дар ҳар вақти дилхоҳ ҷараёни корҳои васлкунӣ ва махсус, инчунин сифати масолеҳи истифодашавандаро санҷад.

Дар ҳолати вайрон шудани талаботи ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи лоиҳавию харҷномавӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои корӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон пудратчии генералӣ ба пудратчии тобеъ дар бораи бартараф намудани камбудиҳои роҳдода супориш медиҳад, дар баъзе ҳолатҳо рафти иҷрои корҳоро боз дошта, хароҷоти корҳои мазкурро то замони бартараф шудани камбудиҳо пардохт намекунад. Маблағи бартарафсозии камбудиҳои бо айби пудратчии тобеъ баамаломада аз ҳисоби худи вай ҷуброн карда мешавад.

*Пудратчии тобеъ ӯҳдадор аст:*

- дар ҷараёни тартиб додани лоиҳаи шартномаи пудратчии генералӣ бо фармоишгар барои муайян намудани мӯҳлат ва шартҳои иҷрои корҳои васлкунӣ ва махсус ва аз тарафи фармоишгар таъмин гаштани таҷҳизот ва масолеҳ иштирок намояд;

- дар ҷараёни муайян намудани комплексҳои бакорандозӣ ва мувофиқа гардондани арзиши марҳилаҳои технологии ба вай супурдашавандаи тибқи ҳуҷҷатҳои харҷномавӣ пешбинишуда иштирок кунад;

- дар асоси ҷадвалҳои истеҳсоли корҳо, нақшаҳои амалиётии корҳои бо пудратчии генералӣ мувофиқагардидаи мӯҳлатҳои оғоз ва анҷоми сохтмонро таҳия менамояд;

- дар ҷараёни таҳия кардани ҷадвалҳои таъмини таҷҳизот ва масолеҳи ба мӯҳлатҳои сохтмон ва ҷадвалҳои истеҳсоли корҳо алоқамандбуда иштирок кунад;

- омодагии корҳои сохтмониеро, ки худаш иҷро мекунад, барои минбаъд аз тарафи пудратчии генералӣ ё дигар пудратчиёни тобеъ истеҳсол шудани корҳоро таъмин мегардонад;

- якҷоя бо пудратчии генералӣ ва фармоишгар ба кор андохтани иншоот дар мӯҳлати муқарраргаштаро таъмин мегардонад;

- дар майдони сохтмон дар давраи иҷрои корҳо ба роҳ мондани чорабиниҳои зидди сӯхтор ва муҳофизатии техникаи бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зистро таъмин намуда, барои онҳо ҷавобгар мебошад;

- барои ба роҳ мондани назорат кардан аз болои сармоя, усулҳо, техника, пайдарҳамӣ ва сифати иҷрои корҳои сохтмон ҷавобгарии пурра ба зимма дорад;

- мӯҳлати иҷрои корҳоро тамдид ва арзиши корҳоро зиёд накарда, ҳамаи камбудиҳои дар рафти иҷрои корҳо ва барои мӯҳлати кафолатнок роҳдодаашро бартараф месозад;

- то оғози қабули иншооти сохтмонаш анҷомёфта ҳамаи ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ, шиносномаи техникӣ, низомномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба масъалаи истифодабарии иншоот марбутро ба пудратчии генералӣ месупорад.

Дар ҳолати ташкили сохтмони иншооти «бо калид» муносибатҳои мутақобилаи пудратчиёни генералӣ ва ташкилотҳои пудратии тобеъ мутобиқи Низомнома дар бораи ташкили сохтмони иншооти «бо калид» иншоот танзим карда мешавад.

## 4.6. Таснифи системаҳои обтаъминкунӣ

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» системаҳои обтаъминкунӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

- мутамарказ;
- ғайримутамарказ;
- мухтор.

Системаҳои обтаъминкунӣ маҷмӯи иншооте мебошанд, ки барои ба миқдор, сифат ва тахти фишори зарурӣ бо об таъмин намудани истеъмолкунандагон пешбинӣ шудаанд.

Системаҳо аз иншооти барои ***обгирӣ*** аз сарчашмаи обтаъминкунӣ, ***коркарди об***, интиқоли ***об*** ба истеъмолкунанда ва иншоот барои ***нигоҳ доштани об*** иборат мебошанд.

Риояи стандартҳои сифати об ГОСТ 2874-82 «Оби нӯшокӣ» бояд амнияти обтаъминкуниро кафолат диҳад. Сифати об инчунин бояд ба талаботи МҚ Санитарӣ 2.1.4.004-07 «Оби нӯшокӣ. Талаботи гигиенӣ ба сифати оби системаҳои мутамаркази

оби нӯшокӣ. Назорати сифат» ва ба талаботи МҚ Санитарӣ 2.1.4.005-07. «Талабот ба сифати обтаъминкунии мутамарказ. Ҳифзи санитарии сарчашмаҳо» ҷавобгӯ бошад.

Системаҳои обтаъминкунӣ аз рӯи таъинот ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) ***хоҷагию нӯшокӣ***, расондани об бо мақсадҳои хоҷагидорӣ (хӯроктайёркунӣ, шустушӯи зарфҳо, шустушӯи либос, шустушӯи фаршҳо ва ғайра) ва нӯшокӣ;

2) ***истеҳсолӣ***, об барои таъмин намудани талаботи технологӣ;

3) ***сӯхторхомӯшкунӣ***, об барои хомӯш кардани сӯхторҳо.

Барои дуруст интихоб намудани система ва сарчашмаи обтаъминкунӣ маълумоти зеринро дар даст доштан зарур аст:

- дар бораи ҳаҷми обтаъминкунӣ;
- дар бораи талабот ба сифати об пешниҳодшаванда;
- дар бораи бузургии фишоре, ки дар зери он об бояд ба истеъмолкунанда расонда шавад;
- дар бораи тавсифи сарчашмаҳои мавҷудаи об дар минтақаи ба нақша гирифташаванда;
- дар бораи релеф ва хусусиятҳои дигари маҳал.

Системаи обтаъминкунӣ аз бисёр ҷиҳат ба сарчашмаи интихобшудаи об, хосиятҳои он (рӯизаминӣ ё зеризаминӣ будан), иқтидор, сифати об, масофаи сарчашмаи об то маҳалли истеъмолкунанда ва ғайра алоқаманд аст.

Тамоми системаҳои мухталифи обтаъминкунии мавҷударо аз рӯйи аломатҳои зерин тасниф намудан мумкин аст:

1) ***аз рӯйи навъи истифодабарии сарчашмаҳои табиӣ***: хатти об, ки обро аз сарчашмаҳои рӯизаминӣ (дарёҳо, кӯлҳо, баҳрҳо ва ғайра), аз сарчашмаҳои зеризаминӣ (чоҳҳои артезианӣ, чашмаҳо ва ғайраҳо) мегиранд ва хатҳои обгузари таъиноти омехта (ҳангоми истифодабарии намудҳои гуногуни сарчашмаҳои об);

Интихоби сарчашмаи обтаъминкунӣ бояд мутобиқи ГОСТ 2761-84 «Манбаъҳои обтаъминкунии марказонидашудаи хоҷагию нӯшокӣ» ва бо назардошти боэътимодии санитарии он ва имконияти гирифтани оби нӯшокии ба талаботи ГОСТ 2874-82 ҷавобдиҳанда анҷом дода шавад.

2) ***вобаста ба намуди истеъмолкунандагон***: хатти оби коммуналӣ (шаҳрҳо, шаҳракҳо), истеҳсолӣ, кишоварзӣ, роҳҳои оҳан ва ғайраҳо;

3) ***аз рӯйи аломати ҳудудӣ***: хатти оби алоҳида (як объект) ва гурӯҳии об (ё ноҳиявӣ), ки ба гурӯҳи объектҳо хизмат мерасонанд;

4) ***аз рӯйи усулҳои расондани (интиқоли) об***: хатҳои оби равон (бефишори ҷозибавӣ) ва дорои дастгоҳҳои механикии интиқолдиҳии об (бо кӯмаки насосҳо);

5) ***аз рӯйи усули истифодабарии оби истеъмолшаванда***: системаҳои ростхатта бо сарбастаи об, такроран истифодабарӣ (истифодабарии минбаъдаи об дар дастгоҳҳои мухталиф);

6) ***аз рӯйи соҳаи хизматрасонӣ***: ҷудо (яке бо дигараш пайваст нашуда), қисман ҷудо ва муттаҳид (хоҷагию зидди сӯхтор, истеҳсолию зидди сӯхтор ё хоҷагию истеҳсолӣ ва ғайра);

7) ***вобаста ба релефи маҳал ва бузургиҳои фишори талабшавандаи озоди система***: якминтақагӣ ва бисёрминтақагӣ.

Тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонии МҚС ҶТ 40.01-2008 системаҳои обтаъминкунӣ аз рӯи дараҷаи таъминоти расондани об ба категорияҳои зерин ҷудо мешаванд:

I –хатти оби маҳалҳои аҳолинишине, ки дар онҳо зиёда аз 50 ҳазор нафар одамон истиқомат мекунанд;

II – хатти оби маҳалҳои аҳолинишине, ки дар онҳо аз 5 то 50 ҳазор нафар одамон истиқомат мекунанд;

III – хатти оби маҳалҳои аҳолинишине, ки дар онҳо зиёда аз 5 ҳазор нафар одамон истиқомат мекунанд.

Категорияҳои гурӯҳҳои хатти оби маҳалҳои деҳотро тибқи маҳаллҳои аҳолинишине қабул кардан зарур аст, ки дар онҳо шумораи нисбатан зиёди аҳолӣ истиқомат мекунанд.

***Тарҳи обтаъминкунӣ*** тибқи намуди манбаъи обтаъминкунӣ, сифати оби он, релефи маҳал, реҷаи истеъмолкунии об муайян карда шуда, инчунин тартиби додани об аз манбаъ ба истеъмолкунанда муқаррар карда мешавад.

Дар маҷмӯъ системаи обтаъминкунӣ иншооти зеринро метавонад дар бар гирад:

1) иншооти обгирӣ (обгирӣ);

2) иншоот барои боло бардоштан ва кашидани об – истгоҳи насосҳо;

3) иншоот барои тоза кардани об;

4) ҳавзҳои сохташуда (ҳавзҳои оби тоза);

5) иншоот барои интиқол додани об – обравҳо (хатҳои обҳо ё наҳрҳо);

6) иншоот барои тақсимоти об – шабакаи об;

7) иншоот барои нигоҳ доштан ва хамъ кардани об – обманораи фишордор.

Тарҳи мазкурро боз ҳам содда кардан мумкин аст. Масалан, агар сифати оби манбаъ ба сифати талабшавандаи об мутобиқ бошад, пас иншооти обтозакунӣ ва ҳавзҳои назди онҳо ва силсилаистогоҳҳои насосиро (дар ҳолати истифодабарии оби артезианӣ) сохтан зарур нест; ё дар ҳолати ҷойгир будани манбаи обгири обтаъминкунӣ дар маҳалли аз маҳалли обтаъминкунӣ дар баландӣ ҷойгиршуда. Дар ин ҳолат зарурати сохтани истгоҳи насосҳо ва ғайраҳо аз байн меравад.

***Иншооти обгирӣ (обгириҳо), роҳҳои обҳо ва шабакаи об*** ҷузъҳои ҳатмии ҳар гуна системаи обтаъминкунӣ мебошанд.

Вобаста ба системаи қабулшудаи обтаъминкунӣ барои ҷойгир намудани иншооти хатти об – обгирҳо, маҷмааи иншооти обтозакунӣ, истгоҳҳои насосҳо, ҳавзҳо, хадамоти баистифодабарӣ масоҳати замин ҷудо кардан тавсия дода мешавад.

Масоҳати замини барои хатҳои об ва иншооти тозакунии обҳои хоҷагию нӯшокӣ ҷудошударо тибқи қоида берун аз маҳалли аҳолинишин пешбинӣ намудан тавсия дода мешавад.

Барои системаҳои мавҷудаи обтаъминкунӣ, ки бояд таҷдид ва васеъ карда шаванд, бо мувофиқа бо СЭС истифода бурдани обгирҳои обҳои зеризаминӣ ва иншооти обтозакунӣ, ки дар ҳудуди сохтмонҳо ҷойгир шудаанд иҷозат дода мешавад, ба шарте, ки агар ҳолати онҳо қаноатбахш буда, фаъолияташон самаранок ва минтақаи муҳофизати санитарӣ дошта бошанд.

Майдонҳои барои ҷойгиркунии минтақаҳои ҳавзҳо, истгоҳҳои насосҳо ва манораҳои фишори обро дар ҳудуди сохтмонҳои шаҳр ҷойгир намудан мумкин аст.

Дар ҳолати ҷудо сохта шудани системаҳои қубурноқили оби хоҷагию нӯшокӣ ва истеҳсолӣ ба мақсад мувофиқ будани муттаҳидсозии иншоотро дар як маҷмаа (масалан, обгирҳо, стантсияҳои обтозакунӣ ва насосҳо) ва бо мақсади кам кардани арзиши сохтмон ва хароҷоти баистифодабарӣ ҷойгир намудани онҳоро дар як майдонча баррасӣ намудан иҷозат дода мешавад.

Обқабулкунакҳоро дар мавзеи ҳаракати киштиҳо, минтақаи такшинҳои об ва ҳаракати насосҳои қаър ва коркарди соҳилҳо, дар маҳалҳои зимистонгузаронӣ ва бордоршавии моҳиҳо, ҷамъшавии кафлесакҳо ва обсабзаҳо, қамишзорҳо ва ғайра ҷойгир намудан иҷозат дода намешавад.

Обқабулкунакҳоро дар қитъаҳои резишгоҳи поёни НБО, ки ба нерӯгоҳи барқӣ наздик ҷойгир шудаанд, болооби обанборҳо, дар поёни даҳанаи шобхобҳо ва резишгоҳи наҳрҳои ҳифозатӣ низ ҷойгир намудан иҷозат дода намешавад.

Маҳалли ҷойгиршавии майдонҳои обгирҳои системаҳои оби хоҷагию нӯшокиро дар маҳалли болои маҷрои роҳи пасобҳо, маҳалҳои аҳолинишин, таваққуфгоҳҳои киштиҳо, амборҳои чӯбу тахта, базаҳо ва дигар манбаъҳои ифлоскунанда интихоб мекунанд.

Дар майдонҳои маҷмааи иншооти обтозакунӣ иншооти ёрирасонро ҷойгир менамоянд, аз он ҷумла истгоҳи насоси баландии II, зарфҳои обгирӣ, дегхона, иншоот барои коркарди обҳои барои шустушӯ истифодашуда, инчунин барои қабул ва пешакӣ хушкондани такшини об пеш аз безараргардонӣ.

Дар маҷмааи иншооти обтозакунӣ инчунин иншоот барои камобгардонии такшинҳои обро пешбинӣ менамоянд, зеро бе коркарди пешакӣ ба обанбор рехтани он иҷозат дода намешавад.

Барои камобгардонии такшин майдонҳои лойқазори иншоот ё иншоот барои камобгардонии механикӣ, масалан, барои полудану фишурдан ё бо роҳи сунъӣ ях кунондан ва минбаъд об кардан ва вакуум полоиши дорои майдонҳои садамавӣ, истифода бурда мешаванд.

Майдонҳои лойқаро аз маҳалли сохтмонҳо ба воситаи минтақаи санитарию муҳофизатии дорои андозаҳои зерин ҷудо мекунанд: барои иншооти маҳсулнокиаш то 10 ҳазор м$^3$/шабонарӯз – 100 м; маҳсулнокиаш 10-15 ҳазор м$^3$/шабонарӯз – 150 м; маҳсулнокиаш 50-200 ҳазор м$^3$/шабонарӯз – 200 м; маҳсулнокаиш аз 200 ҳазор м$^3$/шабонарӯз зиёд – 300 м.

Нишондиҳандаҳои асосии техникию иқтисодии системаҳои обтаъминкунӣ:

а) маҳсулнокии умумии система, м$^3$/шабонарӯз, аз он ҷумла барои ниёзҳои хоҷагию нӯшокии аҳолӣ, барои ниёзҳои корхонаҳо ва обёрӣ;

б) обистеъмолкунии қиёсии умумӣ 1 одам, л/шабонарӯз, аз он ҷумла барои ниёзҳои хоҷагию нӯшокии аҳолӣ;

в) арзиши умумии сохтмон, ҳазор сомонӣ, аз он ҷумла нуқтаҳои алоҳида, обпартоӣ ва шабакаҳо;

г) арзиши сохтмон, нисбат ба 1 м$^3$ маҳсулнокии шабонарӯзии система;

д) дарозии обпартоӣ ва шабакаҳо, км (умумӣ ва мутобиқи қутр).

### 4.7. Таснифи системаҳои обпартоӣ

Оби ба воситаи системаи обтаъминкунӣ ба истеъмолкунанда додашуда, дар ҷараёни истифодабарӣ дар аксари мавридҳо сифати аввалаашро гум карда, ба пасоб табдил меёбад ва бояд аз мавзеи истеъмолкунӣ хориҷ карда шавад.

Обҳое пасоб номида мешаванд, ки дар натиҷаи истифодабарии маишӣ ё дар натиҷаи равандҳои технолонгӣ бо моддаҳои нав (ифлоскунандаҳо) махлут шуда, таркиби химиявии аввала ё хосиятҳои аввалаи физикиашон тағйир ёфтааст.

Вобаста ба пайдоиш, намуд ва тавсифи сифатии ифлоскунандаҳо пасобҳо ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) ***маишӣ;***

2) ***истеҳсолӣ (технологӣ);***

3) ***атмосферӣ ё боронӣ (селӣ).***

Маҷмӯи олоти муҳандисии барои ***қабул, интиқолдиҳӣ, тозакунӣ ва додани*** пасобҳо ба муҳити зист (ба обанбор ё хок) пешбинишуда системаи обпартоӣ номида мешавад.

Дар маҷмӯъ, системаи обпартоӣ иншооти зеринро дар бар мегирад:

- асбобу олоти обпартоии дохили хонаҳо ё дохили корхонаҳо;
- шабакаҳои обпартоии дохили ҳавлиҳо;
- шабакаҳои обпартоии кӯчаҳо;
- истгоҳҳои насосҳо ва обпартоҳои баландфишор;
- иншоот барои тозакунӣ ва такроран истифодабарии пасоб;
- дастгоҳҳо барои ба обанбор рехтани пасобҳо.

Ду намуди системаҳои обпартоӣ – ***содиротӣ ва шиновар*** мавҷуд аст.

Дар ҳолати ба роҳ мондани ***системаи содиротии*** обпартоӣ ифлоскунандаҳои моеъро дар қабулкунакҳои махсус (чоҳҳо) ҷамъ оварда, онҳоро давра ба давра ба воситаи автомобилҳо ба майдонҳои ассенизатсиякунӣ барои коркард, ё бо мувофиқа бо мақомоти санитарӣ ба маҳалҳои махсус мекашонанд. Системаи содиротии обпартоиро бо сабаби истифода бурдани дигар намуди обпартоӣ танҳо дар маҳалҳои хурди аҳолинишин ба роҳ мемонанд. Системаи содиротии обпартоӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ба мақсад мувофиқ набуда, ҳолати қаноатбахши санитарии ҳудудҳоро таъмин намекунад.

Дар ҳолати ба роҳ мондани ***системаи шиновари*** обпартоӣ пасобҳо ба воситаи қубурҳои дар зери хок хобондашуда ба иншооти обтозакунӣ интиқол дода шуда, дар он ҷой дар муҳити сунъӣ тоза карда мешаванд, сипас пасобҳои тозакардашуда ба обанборҳои наздиктарин рехта мешаванд.

Системаи шиновари обпартоӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст: дастгоҳу асбобҳои дохилии обпартоӣ биноҳо, дастгоҳу асбобҳои берунаи дохили гузарҳо ва шабакаҳои обпартоии кӯчаҳо, истгоҳҳои насосҳо ва хатҳои баландфишор, иншооти обтозакунӣ ва дастгоҳ барои рехтани пасобҳо ба обанбор.

Шабакаи берунаи обпартоии кӯчаҳо иборат аз системаи хатҳои дар зери хок хобондашудае мебошад, ки пасобҳоро аз шабакаҳои дохилии гузарҳо қабул карда, ба стантсияҳои насосҳо, иншооти обтозакунӣ ва обанбор интиқол медиҳанд.

Шабакаҳои обпартоиро маъмулан тавре месозанд, ки пасобҳо дар онҳо бо ***маҷрои худ ҳаракат мекунанд***. Бо ин мақсад тамоми ҳудуди шаҳр ё маҳалли аҳолинишинро ба ҳавзаҳои обпартоӣ (ҳудудҳо, обтақсимкунакҳои хурд) ҷудо карда, мутобиқи релефи маҳал хатҳои худҷории оби кӯчаҳо ва коллекторҳоро мехобонанд,

яъне қитъаҳои шабакаҳои обпартоиро мехобонанд, ки дар онҳо пасобҳо аз як ё якчанд ҳавза ҷамъ оварда мешаванд. Дар шаҳрҳои азими дорои шабакаи рушдкарда коллекторҳои калонҳаҷмро аксар вақт наҳр меноманд.

Коллекторҳо ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) коллекторҳои ҳавзаҳои обпартоӣ, ки пасобҳоро аз ҳавзаҳои алоҳида ҷамъ меоваранд;

б) коллекторҳои асосӣ, ки пасобҳои ду ва ё зиёда ҳавзаҳои обпартоиро қабул карда, интиқол медиҳанд;

в) коллекторҳои беруаназшаҳрӣ, ки пасобҳоро бо роҳи транзитӣ (бепайванд) ба беруни объекти обпартоӣ ба истгоҳҳои насосҳо, иншооти обтозакунӣ ё ба маҳалли ба обанбор рехтани пасобҳо мекашонанд.

Роҳҳои коллекторҳо маъмулан дар қитъаҳои пасти заминҳои маҳал муайян карда мешавад, ки ин ҳолат барои ба онҳо пайваст кардани қитъаҳои шабакаҳои кучаҳои дар баландӣ ҷойгирбуда мувофиқ аст.

Шабакаи обпартоӣ ҳамеша бояд барои санҷиш ва азназаргузаронӣ, шустушӯй ва аз партовҳо тоза  кардан дастрас бошанд, аз ин рӯ дар онҳо чоҳҳои дидбонгоҳӣ мегузоранд. Барои қабул кардани пасобҳои боронҳо боронқабулкунакҳо пешбинӣ менамоянд, ки онҳо намуди чоҳҳои чоркунҷа ё доирашакл дошта аз оҳан сохта шудаанд ва аз болояшон бо панҷара пӯшонда шудаанд.

Маҳалли буриши коллекторҳо аз роҳҳои оҳан, дарёҳо, дараҳоро бо роҳи шинондани дюкерҳо, эстакадаҳо ва ғайраҳо анҷом медиҳанд. Дар ҳолати зарур омадани ба нуқтаи баланд бардоштани пасобҳо, ки бо сабаби дар чуқурӣ ҷойгир шудани коллектор ва бо маҷрои худ ба баландӣ баромадани пасоб ғайриимкон аст, истгоҳҳои насосҳои обкашии обпартоӣ месозанд ва ба воситаи он пасобҳоро ба қубурноқили баландфишор мекашонанд.

Истгоҳи насоси обтозакунӣ барои тоза кардани пасобҳо ва коркарди такшини пасобҳо пешбинӣ мешавад. Иншооти обтозакуниро дар самти поёноби дарё, дар поёни маҳалли аҳолинишин ё корхонаи саноатӣ бунёд кардан зарур аст, бо ҳамин роҳ хатари ифлосшавии обанбор дар ҳудуди объект аз байн бурда мешавад. Баъд аз тоза кардан пасобҳо ба воситаи дастгоҳҳои махсуси обкаш ба обанбор рехта мешаванд.

Усулҳои тоза кардани пасобҳо ва коркарди такшинҳо, таркиб, андоза ва намуди иншооти обтозакунӣ вобаста ба хосият ва таркиби пасобҳои ифлос, талабот ба такшин, иқтидор ва имконияти худтозакунии обанбор, мавҷуд будан ва масофаи байни маҳалли аҳолинишин ва корхонаҳои саноатӣ дар поёноби дарё, инчунин аз таъиноти обанбор (барои обтаъминкунӣ, шиноварӣ, моҳипарварӣ ва мақсадҳои дигар) муайян карда мешавад.

Вобаста ба чӣ тавр хориҷ карда шудани пасобҳои маишӣ, истеҳсолӣ ва боришот системаҳои обпартоиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

- ***умумишиновар***;
- ***алоҳида***;
- ***омехта***.

Системаи умумишиновари обпартоӣ сохтани шабакаи ягонаи зеризаминии обпартоӣ барои қабул ва хориҷ намудани ҳамаи намудҳои пасобҳо – маишӣ, истеҳсолӣ, боришотро пешбинӣ менамояд. Ҳангоми боронҳои сел, бо мақсади кам

кардани гузариши махлути пасобҳои боронҳо, маишӣ ва истеҳсолӣ аз коллекторҳои асосӣ, паст кардани маҳсулнокии истгоҳҳои насосҳо ва иншооти обтозакунӣ пасобҳои мазкур қисман ба воситаи камераҳои махсусе хориҷ карда мешаванд, ки онҳоро обпартоӣ меноманд.

Бартариҳои системаи умумишиновари обпартоӣ: сохтани танҳо як шабакаи обпартоӣ мебошад, ки барои кам кардани дарозии умумии хатҳо имкон фароҳам сохта, хароҷоти сармоя барои сохтмонро кам мекунад, истифодабариро сабук гардонида, захираи иқтидори обғунҷонии қубурҳоро афзун месозад, зеро шабака бо назардошти миқдори калони оби боронҳо пешбинӣ карда мешавад.

Аммо бартариҳои мазкур як қатор камбудиҳо низ дорад: қубурҳо дар мавсими хушксолӣ, дар натиҷаи борон наборидан, ифлос мешаванд; обанборҳо бо сабаби ба онҳо рехтани пасобҳои тоза карданашуда ифлос мешаванд; сохтмони навбатҳои шабакаи обпартоӣ мушкил мегардад; дар мавсими боронҳои сел хатари ба таҳхонаҳо ва ошёнаҳои аввали биноҳо баромадани пасобҳо афзун мегардад.

Системаҳои алоҳида дар навбати худ метавонанд пурра, нопурра ва нималоҳида бошанд.

Системаи пурра алоҳидаи обпартоӣ барои хориҷ кардани ҳар як намуди пасобҳо ба иншооти обтозакунӣ хобондани шабакаҳои мустақили зеризаминиро пешбинӣ менамояд.

Системаи пурра алоҳидаи обпартоӣ на кам аз ду шабака дорад. Вобаста ба намуди пасобҳои интиқолшаванда шабакаи обпартоӣ ба маишӣ ва боронҳо ҷудо мешавад. Агар таркиби пасобҳои истеҳсолӣ ва маишӣ якхела бошанд, он гоҳ обҳои истеҳсолиро ба воситаи шабакаи обпартоии маишӣ хориҷ мекунанд. Аксар вақт хосияти ифлосшавии пасобҳои истеҳсолӣ чунин аст, ки бо пасобҳои маишӣ якҷоя тоза кардани онҳо мумкин нест. Дар ин ҳолат барои интиқолдиҳии пасобҳои истеҳсолӣ шабакаи мустақил месозанд. Шабакаи ягона барои хориҷ кардани пасобҳои боронҳо ва шартан тозаи истеҳсолӣ шабакаи истеҳсолию боронҳо номида мешавад.

Бартарии системаи пурра алоҳидаи обпартоӣ аз он иборат аст, ки қутри қубурҳои шабакаи алоҳида кам шуда, аз ҳисоби мавҷуд будани имконияти бонавбат анҷом додани сохтмон ҳаҷми якбора сармоягузорӣ намудан паст мешавад. Ба қатори камбудиҳои системаи пурра алоҳидаи обпартоӣ афзун шудани дарозии шабакаҳо ва мушкил шудани баистифодабарии онҳо дохил мешаванд. Аз нуқтаи назари санитарию гигиенӣ системаҳои умумӣ ва алоҳидаи обпартоиро (бе тоза кардани маҷрои рӯизаминии пасобҳо) баробарарзиш номидан мумкин аст - дар ҳар ду ҳолат ҳам ҳангоми боронҳои сел ба обанбор миқдори муайяни ифлоскунандаҳо ворид мешаванд.

Системаи нопурра алоҳидаи обпартоӣ хобондани шабакаҳои зеризаминии маишӣ ва истеҳсолиро пешбинӣ намуда, хориҷкунии пасобҳои боронҳо бошад ба воситаи новаҳои кӯчаҳо, кюветҳо ва ҷӯйҳо анҷом дода мешавад.

Системаи нималоҳидаи обпартоӣ дар ҳудуди сохтмонҳои кӯчаҳо сохтани ду шабакаи мустақили *болопӯшидаи истеҳсолию маишӣ* ва *боронҳоро* дар назар дорад. Дар назди обанбор онҳо бо як қубури умумӣ, ки ба воситаи он пасобҳо ба иншооти обтозакунӣ интиқол дода мешаванд, ба ҳам пайваст карда мешаванд. Шабакаи пасоби боронҳоро ба хатти умумӣ ба воситаи камераҳои ҷудокунанда пайваст карда

мешаванд, ки дар он ҳангоми боронҳои сахт як қисми пасоби боронҳо ҷудо шуда ба обанбор тоза нокарда рехта мешаванд, қисми обҳои нисбатан ифлостари боронҳо ба иншооти обтозакунӣ ворид мешаванд. Бо мақсади таъмини қабули пасобҳои ифлоси боронҳо ҳангоми системаи нималоҳидаи обпартоӣ шабакаи истеҳсолию маиширо нисбат ба шабакаи боронҳо пасттар хобондан зарур аст.

Аз нуқтаи назари ҳолати санитарии маҳалҳои аҳолинишин системаи нималоҳидаи обпартоӣ бартарӣ дорад. Дар системаи мазкур хориҷ намудани пасобҳои боришот ба обанбор давра ба давра анҷом дода мешавад (танҳо ҳангоми боронҳои сел), аз ин рӯ дар ин ҳолат ифлосшавии обанбор ғайриимкон аст. Вале системаи нималоҳидаи обпартоӣ бо сабаби баланд будани арзиши сохтмони он васеъ паҳн нагаштааст.

Баррасӣ намудани системаҳои обпартоӣ дорои бартарӣ ва камбудиҳо мебошад. Масалан, дарозии шабакаи системаи умумии обпартоӣ аз дарозии ду системаи мустақили пурра алоҳида то 30-35 фоиз кам аст. Вале хароҷот барои сохтмони шабакаи умумӣ нисбат ба системаи пурра алоҳида нисбатан калон мебошад. Сохтмони системаҳои умумии обпартоиро танҳо дар он ҳолатҳое ба мақсад мувофиқ медонанд, ки агар танҳо тоза кардани махлутҳои дағали механикии пасобҳо ва мавҷуд будани обанбори дорои дебити калони об зарур бошад.

Системаи омехтаи обпартоӣ дар минтақаҳои гуногуни як объект мавҷуд будани системаҳои умумӣ ва алоҳидаро дар назар дорад.

Марҳилаи асосии банақшагирии обпартоӣ – мураттаб сохтани тарҳи обпартоӣ, яъне нақшаи объекти обпартоӣ ва дар он нишон додани ҷузъҳои обпартоиро (шабакаҳо, истгоҳҳои насосҳо, иншооти обтозакунӣ ва ғайра) дар назар дорад.

Хангоми тартиб додани тарҳи обихроҷӣ ба эътибор гирифтани як қатор омилҳои зерин зарур аст:

1) намуд ва андозаи объекти обпартоӣ, ҳаҷми обпартоӣ;

2) иқтидор ва маҳалли ҷойгиршавии обанборҳои наздике, ки ҳамчун маҳалли хориҷ кардани пасобҳо баъди тозакунӣ хизмат мекунанд;

3) ҳавзҳои обпартоӣ;

4) хобондани коллекторҳои асосӣ, ҷойгир намудани истгоҳҳои насосҳо ва майдонҳои иншооти обтозакунӣ;

5) ҳисоби дараҷаи талабшавандаи тозакунии пасобҳо ва интихоб намудани тарҳи технологии иншооти обтозакунӣ (дар ҳаҷме, ки муайян намудани масоҳати замини барои сохтмон зарурро имкон медиҳад);

в) релефи маҳал;

г) шароити хок;

д) мақсадҳои иқтисодӣ ва санитарӣ ва ғайра.

Ҳангоми таҳия намудани системаҳои обпартоӣ зарур аст:

- дар як системаи умумӣ муттаҳид сохтани обпартоӣ хоҷагию маишӣ ва аз ҷиҳати таркиб ба онҳо наздики пасобҳои истеҳсолӣ (дар ҳолати дар онҳо мавҷуд будани ифлосиҳои органикии начандон зиёд – то 1000 мг/л, ки онҳоро бо роҳи биологӣ тоза кардан мумкин аст);

- самаранок истифода бурдани шабакаҳо ва иншооти мавҷуда, дар ҳолати зарурӣ таҷдид ва бештар истифодабарии онҳо;

- аз ҳисоби такроран истифодабарии пасобҳо дар саноат ва хоҷагии шаҳр кам кардани ихроҷи пасобҳо ба обанбор.

Хароҷоти ҳисобии пасобҳои аҳолӣ ва саноати маҳаллиро аз рӯйи ҳавзаҳои обпартои ҳудуди аҳолинишин, дар асоси меъёрҳои қиёсии обпартоӣ, бо назардошти коэффитсиенти нобаробарӣ муайян мекунанд.

Ҳангоми таҳия кардани нақшаи генералӣ ба ҳисоб гирифтани тозакунии қисмҳои нисбатан ифлоси пасобҳои рӯизаминӣ зарур аст (масрафи пасоби рӯизаминиро бо назардошти шиддатнокии ҳисобии боронҳо муайян намудан зарур аст, пасобҳои аз ҳисоби мазкур пастро барои тозакунӣ интиқол медиҳанд). Барои ҳисобҳои пешакӣ бузургии масрафи қисми пасобҳои рӯизаминиро ба андозаи 25-30 фоизи масрафи шабонарӯзии пасобҳо қабул кардан мумкин аст.

Ҳангоми мураттаб сохтани тарҳ ва муайян намудани қобилияти ҳисобии обгузаронии системаҳои обпартоӣ дар мӯҳлати ҳисобӣ ва дурнамо талаботи тарҳҳои тасдиқгаштаи истифодабарии комплексӣ ва ҳифзи обҳо, тарҳҳо ва лоиҳаҳои тарҳсозии ноҳиявӣ ва дигар маводи пешазлоиҳавӣ ва лоиҳавиии ба системаҳои обпартоии маҳалли баррасишавандаи аҳолинишинро ба эътибор гирифтан зарур аст. Ба таҳлили таҷрибаи татбиқи тарҳи пешинаи обпартоии маҳалли аҳолинишин, камбудиҳои дар ҷараёни татбиқи он муайяншуда, инчунин ҷузъҳои татбиқнашудаи тарҳ аҳамият додан зарур аст.

Ҳангоми таҳлили техникию иқтисодии намунаҳо тавсия дода мешавад, ки:

- арзиши сохтмон ва баистифодабарии системаҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои мухтасаркардашуда ва бе муфассалоти зиёдатӣ муайян карда шавад;

- намунаҳои гуногуни системаҳо аз рӯйи ҷузъҳои мавҷудаашон қиёс карда шаванд;

- дар ҳолати фарқи хароҷоти нишондодашуда то 5-10 фоиз будан, намунаҳои системаҳо аз ҷиҳати техникию иқтисодӣ баробарарзиш ҳисоб карда шаванд;

- ҳангоми интихоб намудани намунаи оптималӣ омилҳои амсоли кам кардани мӯҳлати сохтмон, ба вуҷуд овардани ҳадди ақали монеаҳои сохтмон дар коммуникатсияҳои нақлиётӣ, кам кардани дараҷаи камёбии масолеҳи истифодашаванда, таҷҳизот ва ғайра ба ҳисоб гирифта шаванд.

Нишондиҳандаҳои асосии техникию иқтисодии системаҳои обпартоӣ:

а) дарозии шабакаҳои обпартоӣ (бо нишон додани қутр);

б) миқдор ва ҷамъи маҳсулнокии истгоҳи насосҳо;

в) қобилияти обгузаронии иншооти обтозакунӣ;

г) арзиши умумии сохтмони системаҳои обпартоӣ ва арзиши қисмҳои алоҳидаи асосии он (шабакаҳои обпартоӣ, саристгоҳи насосҳо; иншооти обтозакунӣ, обдиҳӣ);

д) арзиши сохтмон, ки аз рӯйи 1 $м^3$ қобилияти обдиҳӣ дар як шабонарӯз ҳисоб карда шудааст.

### 4. 8. Шартнома барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ

Раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба сохтмони иншоот аз бастани шартнома (қарордод) дар байни сармоягузор ва бинокор (фармоишгар) оғоз мешавад. Шартнома ҳуҷҷати асосии қонунии танзимкунандаи муносибатҳои

истеҳсолию хоҷагидорӣ ва дигари мутақобилаи субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ мебошад.

Барои бастани шартномаи (қарордоди) татбиқсозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ моддаи 464 Кодекси Граждании ҶТ асос мебошад, ки тибқи он тарафҳо метавонанд шартномаҳои пешбининамуда ва пешбинӣ накардаи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқиро ба имзо расонанд. Шартнома бояд ба ҳамаи қоидаҳои барои тарафҳо ҳатмии муқаррарнамудаи қонун ё дигар санадҳои ҳуқуқии дар лаҳзаи бастани шартнома амалкунанда мутобиқ бошад.

Дар шартномаи татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ бояд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, инчунин вазифаҳои ҳар як тараф инъикос ёбад. Мутобиқи Қонун «Дар бораи сармоягузорӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ иштирокунандагони фаъолияти сармоягузорӣ вазифадоранд, ки меъёрҳо ва стандартҳоеро, ки тартиби муқаррар намудани онҳоро қонунгузории амалкунанда муайян менамояд, бояд риоя кунанд.

Чунончи, фаъолияти сохтмонӣ оид ба иҷро кардани вазифаҳои фармоишгар дар Феҳристи намудҳои фаъолияте, ки бояд иҷозатнома дошта бошанд, пешбинӣ шудааст, аз ин рӯ бояд ҳатман иҷозатномаи давлатӣ дошта бошад. Он мутобиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01 сентябри соли 2005, таҳти рақами № 337 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004, №37 тасдиқ карда шудааст, татбиқ карда мешавад.

Мутобиқи тартиби муқарраргашта сармоягузор ҳаҷм, самтҳо, андоза ва самаранокии сармояҳоро мустақилона муайян карда, бо хоҳиши худаш дар асоси шартнома шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии барои татбиқи лоиҳа зарурро ҷалб месозад. Сармоягузор, тибқи шартнома, ба бинокор (фармоишгар) ҳуқуқи истифодабарии маблағҳои ҷудошударо медиҳад.

Фармоишгар - бинокори барои сохтмони иншоот тахассусдошта, дар асоси шартнома бо сармоягузор, метавонанд маблағҳои онро истифода баранд, ки бо мақсади сармоягузорӣ намудани сохтмони иншоот дода шудааст.

## 4. 9. Шартномаи пудратии сохтмон

Фаъолияти фармоишгар-бинокорон оид ба ташкили сохтмони иншоот дар асоси шартномаҳои пудратии сохтмонии (қарордод) дар байни фармоишгар-бинокор ва ташкилотҳои пудратии сотмонӣ басташуда анҷом дода мешавад.

Ҳангоми бастани шартномаи пудратии сохтмон тарафҳо қонунгузории амалкунандаи граждани, инчунин ХРС ҶТ 81-203-2008 «Қоидаҳо дар бораи шартномаҳои пудратӣ (қарордодҳо) барои сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дастури фаъолияти худ қарор медиҳанд, ки онро АСваМ ҶТ аз 11 июли соли 2008, №4фк тасдиқ намудааст.

Қоидаҳои тартиби бастан ва иҷрои шартномаҳои пудратии байни фармоишгар ва пудратчӣ (дар ҳолати зарурӣ байни фармоишгар ва пудратчии генералӣ ва байни пудратчии генералӣ ва пудратчии тобеъ) басташударо, новобаста аз шакли моликияташон, ҳангоми сохтмони иншоот дар қаламрави ҶТ, муайян менамоянд.

Шартномаи пудратӣ ҳуҷҷати асосии қонуние мебошад, ки муносибатҳои мутақобилаи фармоишгар ва пудратчиро танзим месозад. Бастани шартнома, интихоб кардани шарикон, муайян намудани ӯҳдадориҳо ва дигар шартҳои муносибатҳои хоҷагидорӣ, ки хилофи қонунгузории ҶТ нестанд, ба доираи салоҳияти танҳо фармоишгар ва пудратчӣ дохил мешаванд.

Шартномаҳои пудратӣ мутобиқи Қоидаҳо бо мақсадҳои зерин баста мешаванд:

- барои сохтмон, таҷдид, гузаронидани корҳои таъмиркунӣ ва дигар намудҳои корҳои сохтмонӣ;
- барои бунёд кардани иншооти «бо калид» ба зиммаи пудратчӣ вогузор кардани вазифаҳои лоиҳакашӣ, таъмини таҷҳизот, иҷрои корҳои бакорандозӣ ва санҷиши фармоишгар (пурра ё қисман);
- барои иҷро кардани маҷмӯъ, марҳидлаҳои алоҳидаи корҳои сохтмон;
- барои банақшагирии иншоот;
- барои иҷро кардани корҳои илмию тадқиқотӣ ва лоиҳакашию конструктории вобаста ба сохтмони иншоот.

Пешниҳод дар бораи бастани шартномаҳои пудратиро фармоишгар дар ҷараёни гуфтушунидҳои пешакӣ бо пудратчӣ (дар ҳолати зарурӣ бо пудратчии генералӣ), инчунин бо роҳи эълон кардани савдо-озмунҳо ворид месозад.

Лоиҳаи шартномаи пудратӣ оид ба иншооти фармоиши давлатиро пудратчии генералӣ, шартномаи пудратии тобеъро бошад пудратчии тобеъ омода месозанд.

Тибқи шартномаи тарафҳо фармоишгар метавонад иҷрои як қисми корҳо, таъмини масолеҳ ва дигар ӯҳдадориҳоро ба зиммаи худ гирад, вале ваколати пурра ба истифода супоридани иншоот дар ихтиёри пудратчӣ боқӣ мемонад, ки вай вазифадор аст иншооти тайёрро мутобиқи шартҳои муайяннамудаи шартнома ба фармоишгар супорад.

Шартномаи бисёртарафаи пудратӣ дар байни ҳамаи иштироокчиёни раванди сармоягузорӣ (фармоишгар, пудратчиёни иҷрокунандаи корҳои тадқиқотӣ, лоиҳакашӣ, корҳои умумии сохтмон, корҳои махсус ва бакорандозӣ, корхонаҳои истеҳсолкунандаи таҷҳизот, ташкилотҳои эҳтимолии молтаъминкунанда ва ғайраҳо) дар асоси баробарҳуқуқӣ ва бо назардошти шартҳои бо ҳам мувофиқанамудаи тарафҳо баста мешавад.

Шартномаҳои пудратӣ бо назардошти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, тибқи тартиби пешбининамудаи Қоидаҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ баста ва иҷро карда мешаванд.

Интихоб кардани пудратчиро фармоишгар дар асоси озмун ё дар асоси гуфтушунидҳои бевосита анҷом медиҳад, ки дар ҷараёни онҳо масъалаҳои навъи шартнома, иштирокчиёни он ва ӯҳдадориҳои асосии онҳо муайян карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои шартномавӣ аз шартномаи пудратии мутобиқи қонунгузории амалкунанда мураттаб кардашуда, замимаҳои он, ки қисми ҷудонашавандаи шартнома мебошанд, иборат мебошанд.

### 4.10. Тартиби таҳия намудани Асосноксозии техникию иқтисодӣ (АТИ) ва Ҳисобҳои техникию иқтисодӣ (ҲТИ)

Асосноксозии техникию иқтисодии (АТИ) сохтмони иншооти махсусан азим, азим ва мураккаб (дар ҳолати зарур будан мутобиқи иншооти дигар) таҳия карда мешавад. Ҳисобҳои техникию иқтисодӣ (ҲТИ) бошанд барои асосноксозии ниёзҳои хоҷагидорӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ба мақсад мувофиқ будани сохтмони иншоот таҳия карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои мазкурро шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии татбиқкунандаи лоиҳаи сармоягузорӣ (банақшагирӣ, маблағгузорӣ, лоиҳакашӣ ва сохтмони иншоот), инчунин мақомоти баистифодабаранда бояд дастури фаъолияти худ қарор диҳанд.

Асосноксозии техникию иқтисодӣ (АТИ) - таҳлил, ҳисоб, баҳодиҳии мақсаднокии иқтисодии татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад. АТИ ба баҳои қиёсӣ додан барои хароҷот ва натиҷаҳо, муқаррар намудани самаранокии истифодабарӣ, мӯҳлати бозгаштани маблағҳои гузошташуда асос меёбад.

АТИ барои ҳар як сармоягузор ҳамчун тадқиқот зарур мебошад, ки дар ҷараёни омодашавии он як қатор корҳои оид ба омӯхтан ва таҳлили ҳамаи бахшҳои таркибии лоиҳаи сармоягузорӣ ва таҳия намудани мӯҳлатҳои бозгашти маблағҳои ба лоиҳаи сармоягузорӣ гузошташуда анҷом дода мешаванд.

Дар АТИ марҳилаҳои таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ асоснок карда мешаванд. Дар ҳамин ҳолат ба афзалиятнокии марҳилаҳои таҳиясозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ аҳамият додан зарур аст.

Дар Ҳисобҳои техникию иқтисодӣ (ҲТИ) анҷом додани таҳиясозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро дар як марҳила пешбинӣ намудани зарур аст.

Таҳиясозии АТИ ва ҲТИ бояд дар асоси нақшаҳои генералии маҳалҳои аҳолинишин анҷом дода шавад.

АТИ ва ҲТИ ҳуҷҷатҳои пешазнақшавӣ ва пешазлоиҳавӣ буда, қарорҳои зерини дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ пешбинишударо пурра мегардонанд ва инкишоф медиҳанд:

- асосноксозии сохтмони ба нақша гирифташуда, иқтидори иншоот, навбати сохтмон;

- асосноксозии қарорҳои нисбатан самараноки техникӣ оид ба сохтмон ва баистифодабарии минбаъдаи иншоот, ташкилоти сохтмонӣ, муайян намудани манбаъҳои таъминоти масолеҳ ва конструктсияҳои сохтмон;

- муайян намудани арзиши ҳисобии сохтмон ва нишондиҳандаҳои асосии техникию иқтисодии иншоот;

- мураттаб сохтани харҷномаи хароҷоти сармоя (яквақта), ки барои татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ зарур мебошад;

- тартиб додани харҷномаи хароҷоти баистифодабарӣ (ҳарсола);

- муайян намудани ҳиссаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар татбиқи лоиҳаи сармоягузории сохтмон (дар ҳолати зарур будан) иштироккунанда;

- дар ҳолати зарур будан муайян намудани нархҳои шартномавӣ.

АТИ (ҲТИ) бояд масолеҳи иншооти дар нақшаи генералӣ мавҷудбударо дар бар гирифта, самаранокии асосноксозии қарорҳои асосии техникии истифодашаванда, инчунин маълумот ва нишондиҳандаҳои барои додани супориш барои лоиҳакашӣ зарурро дошта бошад.

Сатҳи техникӣ ва нишондиҳандаҳои асосиии техникию иқтисодии иншооти дар АТИ (ҲТИ) пешбинишуда бояд ба нишондиҳандаҳои беҳтарини иншооти ватанӣ ва хориҷӣ мувофиқ оянд, ё аз онҳо баланд бошанд.

Ҳангоми таҳия намудани АТИ ва ҲТИ зарур аст:

- ба ҳисоб гирифтани дурнамои рушди соҳа ва ҳангоми сохтмон ва баистифодабарии иншоот пешбинӣ намудани истифодабарии дастовардҳои навтарини илм ва техника ва таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ;

- таъмин намудани самаранокии баланди истифодабарии сармоягузориҳо ва ҳаҷми ҳадди ақали корҳои сохтмон дар заминаи пешбинӣ кардани вариантҳои корҳо. Самаранокии иқтисодии сармоягузориҳоро бояд мутобиқати ҳисобҳо, инчунин бо қиёси сатҳи техникӣ ва нишондиҳандаҳои муҳимтарини техникию иқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои монанди беҳтарин иншооти сохташуда ё ба нақша гирифташуда тасдиқ карда шаванд;

- ба назар гирифтани қарорҳои дар нақшаҳо ва лоиҳаҳои тарҳрезии минтақавӣ ва лоиҳаҳои тарҳрезӣ ва сохтмони маҳалҳои аҳолинишин қабулшуда;

- таъмин намудани истифодабарии самаранок ва сарфакоронаи заминҳо, манбаъҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ;

- пешбинӣ намудани қарори маҷмӯии масъалаҳои сохтмони иншооти бо мақсадҳои гуногун пешбинишуда ва ҳифзи муҳити зист.

### *Таркиб ва мӯҳтавои асосноксозии техникию иқтисодӣ ва ҳисобҳо*

АТИ (ҲТИ) сохтмон бояд фаслҳои зеринро дар бар гиранд:

а) муқаррароти аввалия: асос барои таҳия намудан, маълумот дар бораи иншооти баррасишавандаи дар нақшаи генералӣ ҷойдошта; маълумот дар бораи манбаъҳои иттиллоти аввалия барои таҳия намудани АТИ (ҲТИ) (аз он ҷумла, мӯҳлатҳо ва ҳаҷмҳои тадқиқотҳои иқтисодӣ ва муҳандисӣ) ҳолати ҳозираи системаи мавҷуда, замони сохтани он, тавсифи нишондиҳандаҳои техникию иқтисодӣ ва ғайра;

б) тавсифи техникию иқтисодии минтақаи ҷойгиршавии иншоот: нишондиҳандаҳои умумии рушди иқтисоди минтақа ва дар дурнамо ҷойгир намудан (аҳолӣ, саноат, кишоварзӣ, сохтмон, савдо, нақлиёт, фароғат, сайёҳӣ), ҳолати ҳозира ва дурнамои рушди система;

в) асосноксозии иқтидори иншоот;

г) қиёси намунаҳо;

д) қарорҳои асосии сохтмонӣ оид ба намунаи тавсияшуда;

е) ташкили сохтмон: шартҳои асосӣ ва хусусиятҳои муайянкунандаи тарҳи умумии ташкили сохтмон, асоснок сохтани мӯҳлатҳои сохтмон бо назардошти меъёрҳои давомнокии он, асосноксозии навбати иҷрои корҳо ё ғайриимкон будани (ба мақсад номувофиқ будани) ба навбатҳо ҷудо кардани сохтмон, ҳаҷмҳои корҳои асосии сохтмон, муайян намудани талабот ба манбаъҳои моддию техникии сохтмон;

ж) манбаъҳои дастрас намудани масолеҳ ва конструктсияҳои сохтмон ва усулҳои ҳамлу нақли онҳо; талабот ба мошинаҳо ва механизмҳои асосӣ; тавсияҳо оид ба технологияҳои корҳои сохтмон, аз он ҷумла дар мавсими зимистон ва дигар

шартҳои махсус; ҷойгир намудани ташкилотҳои сохтмон, корхонаҳои истеҳсолӣ ва базаҳои сохтмон:

- тавсияҳо оид ба ҷудо намудани комплексҳои бакорандозӣ;
- вазифаи марҳилаи омодашавӣ ба сохтмон;
- талаботи сохтмон ба кадрҳо;
- имконияти истифодабарии иқтидорҳои ташкилотҳо, корхонаҳои саноати сохтмон ва масолеҳи сохтмонии дар минтақаи сохтмон ҷойгирбуда, инчунин пешниҳодҳо оид ба вусъат додани онҳо ё бунёд кардани чунин иқтидорҳо;
- ишора кардан ба гузарондани мувофиқагардонӣ оид ба масъалаи ҷойгиркунии базаҳо ва сохторҳои тобеъи сохтмон;

з) ҳифзи муҳити зист;

и) арзиши ҳисобии сохтмон;

к) иқтисоди сохтмон: арзиши аслӣ, хароҷоти яквақта ва ҷорӣ, самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо, қиёси нишондиҳандаҳои техникию иқтисодии иншоот бо нишондиҳандаҳои меъёрҳои қиёсии сармоягузорӣ ва иншооти монанди бунёдшуда, асосноксозии андозаҳои ҳиссаи иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар сохтмон (дар ҳолати зарур будани иштирок);

л) хулосаҳо ва пешниҳодҳо: баҳои умуии мақсаднокии иқтисодии сохтмон, нишондиҳандаҳои асосии техникию иқтисодии барои тасдиқ кардан тавсияшуда, андозаҳои сармоягузориҳо тибқи ҳиссаи иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар сохтмони иншоот;

м) замимаҳо (нақшаҳо, ҷадвалҳо ва маводи дигар) мутобиқи стандарти асосноксозии техникию иқтисодии (АТИ) сохтмони (таҷдиди) иншоот.

Таҳия намудани АТИ (ҲТИ) дар ҳудуди маҳдудиятҳои барои корҳои лоиҳавию тадқиқотӣ аз ҳисоби маблағҳои сармоягузорӣ оид ба соҳаи мутобиқ муайяншуда анҷом дода мешавад. Агар дар натиҷаи таҳия намудан ва ташхиси АТИ (ҲТИ) сохтмони иншоот ба мақсад мувофиқ дониста нашавад, хароҷоти барои таҳия кардани АТИ (ҲТИ) тибқи тартиби муқарраргашта беэътибор дониста мешавад.

Қарорҳои оид ба сохтмон дар АТИ (ҲТИ) қабулшуда бо фармоишгар (бо ҷалб намудани ташкилоти бинокорӣ), бо ташкилотҳои аз ҷиҳати кооператсияи истеҳсолӣ манфиатдор, истифодабарии масолеҳ ва конструктсияҳои асосии сохтмон ва ташкилотҳои сохтмонӣ, таъминоти барқ, газ, об, корез, воситаҳои алоқа мувофиқа карда мешаванд.

АТИ ва ҲТИ дар намуди тавзеҳномаи дорои замимаҳои бо маводи зарурӣ таъминбуда мураттаб карда мешаванд.

### 4.11. Бо ҳуҷҷатҳои пешазлоиҳавӣ таъмин намудани сохтмон

Омода сохтани ҳуҷҷатҳои пешазлоиҳавӣ барои сохтмонро моддаи 21 Қонун танзим менамояд.

Мутобиқи моддаи мазкури Қонун барои омода кардани ҳуҷҷатҳои пешазлоиҳавӣ барои сохтмон ҳуҷҷатҳои зерин зарур аст:

- қарори ҳукумати маҳаллӣ ё Қарори Ҳукумати ҶТ, ки мутобиқи Кодекси замини ҶТ банақшагирии лоиҳаро дар қитъаи додашудаи замин ё қитъаи замини барои сохтмон ҷудошударо иҷозат медиҳад;

- супориши меъморию тарҳсозӣ (минбаъд – супориши меъморӣ);
- иҷозат барои истифодабарии махсуси об;
- шартҳои техникӣ барои таъминоти муҳандисию техникии иншоот;

Раванди гузаштани  расмиёти маъмурӣ тибқи Тартиб танзим карда мешавад.

Мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ омода сохтан ва додани супориши меъмориро анҷом медиҳанд. Дар асоси иқтидори талабшавандаи системаи муҳандисӣ шартҳои техникиро омода мекунанд ва бо мақсади омода кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ онро ба фармоишгар пешниҳод менамоянд.

Расмиёти гирифтани супориши меъморӣ барои банақшагирии иншоот дар фасли 5 ҳамин дастур инъикос карда шудааст.

Пешниҳод намудани иттилоот барои таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмонро шартномаи байни фармоишгар ва таҳиягари ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмон муайян менамоянд.

## 4.12. Бо ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ таъмин намудани сохтмон

Сохтмони иншоот дар асоси ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмон анҷом дода мешавад, ки он бо ташаббус ва аз ҳисоби фармоишгар таҳия карда мешавад.

Таҳиясозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмон мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 41 ва 42 Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҶТ ва субъектҳои ҶТ, МҚС 11-01-2005, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои давлатие анҷом дода мешавад, ки фаъолияти сармоягузорӣ оид ба сохтан ва азнавзозии фондҳои асосиро танзим менамоянд.

Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон МҚС 11-01-2005 «Ҳайат ва тартиби таҳия кардан, мувофиқа гардондан ва тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони корхонаҳо, биноҳо ва иншоот» таркиб, тартиби таҳия кардан, мувофиқа гардондан ва тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои сохтмони корхонаҳо, биноҳо ва иншоотро дар қаламрави ҶТ муқаррар намуда, барои истифодабарии фармоишгарон (сармоягузорон), мақомоти идора ва назорати давлатӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (аз ҷумла хориҷӣ) пешбинӣ мешаванд.

Таҳиясозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони иншоот дар асоси асоноксозиҳои тасдиққардашудаи сармояҳо дар сохтмони иншоот анҷом дода мешавад. Ҳуҷҷатҳои лоиҳавии бо асоснокии қарорҳо қабулшуда мукаммал гардонда мешаванд ва нишондиҳандаҳои асосии техникию иқтисодӣ саҳеҳ гардонда мешаванд.

Маъмулан, асосноксозии техникию иқтисодии (лоиҳаи) сохтмон ҳуҷҷати асосии лоиҳавӣ барои сохтмони объектҳо мебошад. Тибқи тартиботи муқарраршудаи тасдиқгаштаи АТИ (лоиҳаи) сохтмон ҳуҷҷатҳои корӣ таҳия карда мешавад. Таҳиясозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони иншооти обтаъминкунӣ ва обпартоӣ мутобиқи МҚС 2.04.02-84 «Обтаъминкунӣ. Шабакаҳо ва иншооти рӯизаминӣ» ва МҚС 2.04.03-85 «Корез. Шабакаҳо ва иншооти рӯизаминӣ» дар ҳолати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- қарори ҳукумати маҳаллӣ ё Қарори Ҳукумати ҶТ, ки мутобиқи Кодекси замини ҶТ банақшагирии лоиҳаро дар қитъаи додашудаи замин ё қитъаи замини барои сохтмон ҷудошударо иҷозат додааст;

- супориши меъморию тарҳсозӣ (минбаъд – супориши меъморӣ);
- иҷозат барои истифодабарии махсуси об;
- шартҳои техникӣ барои таъминоти муҳандисию техникии иншоот;
- супориш барои лоиҳакашӣ;
- маводи тадқиқоти муҳандисӣ.

Шартнома ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ, ӯҳдадориҳо ва ҷавобгарии тарафайн мебошад, ки онро фармоишгар бо ташкилотҳои лоиҳакашию сохтмонии барои таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ҷалбнамуда, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баста шудааст. Супориш барои лоиҳакашӣ бояд қисми таркибии шартнома (қарордод) бошад.

Таркиби тавсиявӣ ва мӯҳтавои супориш барои лоиҳакашӣ дар зимимаҳои МҚС 11-01-2005 оварда шудааст.

Нақшаҳои кории иншоот, ведомостҳои талабот ба масолеҳ дар се нусха, харҷномаҳои объектҳо ва алоҳида, маҷмӯи номгӯи таҷҳизот дар чор нусха ба фармоишгар супорида мешаванд. Бо хоҳиши фармоишгар ва бо маблағи иловагӣ илова ба миқдори мазкури нусхаҳои ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро додан мумкин аст.

Дар ҳолатҳои дар шартнома (қарордод) асоснок карда нашудани шартҳои талаботи махсус дар бораи таркиби ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, ба ҳайати он ҳисобҳои конструктсияҳои сохтмонӣ, равандҳои технологӣ ва таҷҳизот, инчунин ҳисобҳои ҳаҷмҳои корҳои сохтмонӣ, талабот ба масолеҳ, манбаъҳои меҳнатӣ ва барқи ба фармоишгар супоридашаванда ворид карда намешаванд.

Маводи мазкурро таҳиякунандаи лоиҳа маҳфуз нигоҳ дошта, тибқи талаби фармоишгар ё мақомоти ташхиси давлатӣ ба онҳо супорида мешаванд.

Фармоишгарони ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва лоиҳакашон ӯҳдадоранд, ки ба ҳуҷҷатҳои корӣ дар мӯҳлати муқарраршуда тағйироту иловаҳои ба масъалаҳои бакорандозии ҳуҷҷатҳои нави меъёрӣ алоқамандро ворид кунанд.

Ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ маъмулан дар асоси озмун, аз он ҷумла ба воситаи савдои пудратӣ (музояда) таҳия карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони иншоот, ки тибқи меъёрҳо ва қоидаҳо ва стандартҳои давлатӣ таҳия шудаанд, бояд бо сабти мутобиқи шахси масъули лоиҳа (сармуҳандиси лоиҳа, сармеъмори лоиҳа) тасдиқ шуда бошанд, ба мувофиқагардонӣ бо мақомоти назорати давлатӣ ва дигар ташкилотҳои манфиатдор ниёз надоранд, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст.

Асосноксозии бо андаке дигаргунӣ иҷро кардани талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ танҳо дар ҳолати мавҷуд будани иҷозатномаи мақомоте роҳ дода мешавад, ки онҳо ҳуҷҷатҳои мазкурро тасдиқ кардаанд ё ҳукми амал кардан додаанд.

Ҳуҷҷатҳои лоиҳавии мутобиқи маълумоти аввалия, шартҳои техникӣ ва талаботи пешниҳоднамудаи мақомоти назорати давлатӣ ва ташкилотҳои манфиатдор таҳияшуда ҳангоми мувофиқа гардондани маҳалли ҷойгиршавии иншоот, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ, ба мувофиқасозии иловагӣ ниёз надоранд.

Ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони иншоот, новобаста аз манбаъҳои маблағгузорӣ, шакли моликият ва мансубият мутобиқи Тартиби дар ҶТ

муқарраргашта, ба истисնои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонун, бояд аз ташхиси давлатӣ гузаранд.

Ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмони иншоот вобаста ба манбаъҳои маблағгузории он дар мавридҳои зерин тасдиқ карда мешаванд:

- дар ҳолати аз ҳисоби сармоягузории давлатӣ маблағгузорӣ шудани сохтмон, ки аз буҷети давлатии ҶТ маблағгузорӣ карда мешавад – тибқи тартиби муқаррарнамудаи АСваМ ва вазоратҳо ва идораҳои марбута;

- дар ҳолати аз ҳисоби сармоягузории аз буҷетҳои мутобиқи субъектҳои ҶТ маблағгузорӣ шудани сохтмон – мақомоти марбути идораи давлатӣ ё тибқи тартиби муқарраргашта;

- дар ҳолати сохтмон аз ҳисоби маблағҳои худӣ, маблағҳои қарз ва аз сармоягузорон ҷалбшуда (аз он ҷумла сармоягузорони хориҷӣ) – бевосита маблағгузорон (сармоягузорон).

Мутобиқи моддаи 41 Қонун фармоишгар бидуни ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ тибқи розигии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ корҳои зеринро анҷом дода метавонад:

- бунёд кардани биноҳои муваққатӣ дар қитъаҳои заминҳои наздиҳавилигии худ ё қитъаҳои заминҳои боғҳо ва заминҳои иттифоқҳои боғчакорӣ, инчунин биноҳои истиқоматӣ ва хоҷагию маишӣ барои корҳои мавсимӣ ва дар чарогоҳҳои чорво;

- тағйир додани биноҳои начандон мураккаби барои истифодабарии хусусии шаҳрвандон пешбинишуда.

Дар бораи ворид кардан тағйироти начандон мураккаби техникии биноҳо ё сохтмонҳо ҳукуматҳои маҳаллӣ қарор қабул мекунанд.

Бунёд кардани биноҳои назди сохтмонҳои аллакай дар қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ, боғҳо ва заминҳои иттифоқҳои (ҷамъиятҳои) боғчакорӣ бунёдшуда, ободонии онҳо, инчунин васл кардани иншооти муваққатии ба қисмҳо тақсимшавандаи оҳанӣ дар қитъаҳои мазкури заминҳоро, агар иншооти мазкур ба манфиатҳои одамони дигар ва давлат халал нарасонад, бе розигии мақомоти меъмории маҳаллӣ ва шаҳрсозӣ анҷом дода метавонанд.

Омодасозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмон дар як ё ду марҳила иҷро карда мешавад: дар ду марҳила - лоиҳа ва ҳуҷҷатҳои корӣ, дар як марҳила – лоиҳаи корӣ. Марҳилаҳои таҳиясозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ тибқи супориш барои лоиҳакашӣ муқаррар карда мешавад, ки он бо назардошти зарурати минбаъд мукаммалгардонӣ ва саҳеҳ гадондани қарорҳои асосии техникӣ муайян карда мешавад.

Таҳиякунандаи лоиҳаҳо барои қабули қарорҳои лоиҳавӣ ва мутобиқати ҳуҷҷатҳои таҳияшудаи лоиҳавӣ бо санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва меъёрию техникӣ ҷавобгар мебошад.

Қоидаҳо ва тартиби ба роҳ мондани корҳои пудратӣ ҳангоми татбиқсозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ мутобиқи Кодекси граждании ҶТ ва Қонун муқаррар карда мешаванд.

Лоиҳакашии мусовӣ, ташхиси лоиҳаҳо ва иншооти сохтмон, ки тартиби онҳоро Ҳукумати ҶТ муқаррар менамояд, иҷозат дода мешавад.

Ҳуҷҷатҳои лоиҳавиеро, ки тибқи онҳо дар тӯли се ё аз он зиёд солҳои баъд аз анҷоми таҳия гаштан сохтмони иншооти он то ҳол оғоз нашудааст, баъд аз

гузаштани ташхиси такрорӣ ва тибқи муқаррароти муайянгашта аз нав тасдиқ кардан, аз нав истифода бурдан мумкин аст.

Дар бораи гузарондани ташхиси давлатии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии объектҳое, ки сохтмони онҳо аз ҳисоби маблағҳои худи фармоишгар (аз он ҷумла маблағҳои ҷалбшуда, мабалағҳои сармоягузорони хориҷӣ) анҷом дода мешавад, ба ғайр аз объектҳои тахминан хатарнок ва аз ҷиҳати техникӣ мураккаб, қарорро фармоишгар қабул мекунад.

Аз рӯйи қарорҳои қабулнамудаи фармоишгар (соҳибмулк), ташхис барои лоиҳаҳое гузаронда намешавад, ки рӯйихати онҳоро мақомоти салоҳиятдори давлатии оид ба сохтмон ва меъморӣ (нигаред ба фасли 5) муқаррар намудааст.

Мутобиқи моддаи 42 Қонун ба лоиҳаи тасдиқшуда танҳо бо розигии таҳиягари лоиҳа, дар ҳолати тафовут доштан аз талаботи супориши меъморӣ – бо розигии мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ, таҳиягари лоиҳа ё мақомоти тасдиқнамудаи лоиҳа тағйироту иловаҳо ворид мекунанд.

Дар ҳолати аз тарафи таҳиякунандаи лоиҳа ҳангоми татбиқшавӣ муайян гаштани тафовут дар лоиҳа, вай вазифадор аст, ки дар ин бора мақомоти давлатии назорат аз болои сохтмонҳоро, ки истеҳсоли корҳои сохтмону васлкуниро иҷозат додааст, огоҳ созад.

## Ҳуҷҷатҳои лоиҳавии «Обтаъминкунӣ»

Ҳангоми мураттаб сохтани фасли «Обтаъминкунӣ» тарҳи обтаъминкунӣ ва қоидаҳои истеъмоли об, манбаъҳои обтаъминкунӣ, асосноксозии системаи ба мақсад мувофиқи обтаъминкунӣ таҳия карда мешавад; ҳайати иншооти асосӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ ва андозаҳои майдони ҷойгиршавии онҳо, қутри обгузарҳои асосӣ ва шабакаҳои магистралӣ, хобондани онҳо, навъҳои хобондан, масолеҳи қубурҳо ва муайянкунии хароҷоти тахминии сохтмон муайян карда мешаванд.

Ҳангоми таҳия намудани тарҳ тавсия дода мешавад, ки вобаста ба талаботашон ба сифати оби истифодашаванда (нӯшокӣ, техникӣ, обёрӣ) ҳамаи намудҳои истеъмолкунандагон баррасӣ карда шаванд.

### *Маълумоти аввалия*

1) Маводи нақшаи генералӣ бо нишондоди шумораи ҳисобии аҳолӣ, дараҷаи ободонии манзилҳои истиқоматӣ, маълумот оид ба масоҳати кабудизорҳо, гузаргоҳҳо ва ғайраҳо, аз ҷумлаи маълумоти асосии аввалия барои мураттаб сохтани қисми обтаъминкунӣ мебошанд.

Илова бар ин, маълумоти зеринро дар даст доштан зарур аст:

- нақшаи ҳолати ҷойгиршавии маҳалли аҳолинишин. Аз ҷумла ҳудуди минтақаи муҳофизати санитарии манбаи обтаъминкунӣ;

- тавсифи санитарии ҳудуди минтақаи муҳофизати санитарии манбаи обтаъминкунӣ;

- хулосаи гидрогеологӣ дар бораи истифодабарии эҳтимолии обҳои зеризаминӣ ё маълумот дар бораи захираҳои тасдиқшудаи обҳои зеризаминӣ;

- маводи гидрологӣ дар бораи пасобҳои рӯизаминӣ (обанборҳо), ки бо мақсади сарчашмаи истифодабарӣ пешбинӣ шудаанд, бо нишон додани масраф ва сатҳи таъминоти мухталиф вобаста ба категорияҳои обгирҳо;

- натиҷаҳои таҳлилҳои химиявӣ ва бактериологии оби манбаи тахминии об;

- маълумот дар бораи системаи мавҷудаи обтаъминкунии маҳалли аҳолинишин.

2) Дар лоиҳа инчунин истифода бурдани маводи лоиҳавие (тарҳҳои минтақавии обтаъминкунӣ ва обпартоӣ, АТИ ва ҲТИ, ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони системаи обтаъминкунӣ ва обпартоӣ ва нуқтаҳои алоҳидаи онҳо), ки аз тарафи ташкилотҳои махсусгардондашуда таҳия карда шудаанд, тавсия дода мешавад.

***Асосноксозии интихоби системаи ба мақсад мувофиқи обтаъминкунӣ***

Ҳангоми асонок кардани системаи ба мақсад мувофиқи обтаъминкунӣ, аз ҷумла масъалаҳои ба мақсад мувофиқ будани таҷҳизоти системаи обтаъминкунӣ, ки мутобиқи зарурати ба минтақа тақсимкунии истеҳсолӣ пайваста ё ҷудогона мебошанд, инчунин таркиби иншооти асосӣ, хобондани коммуникатсияҳои асосӣ ва дараҷаи истифодабарии иншооти таҷдидшавандаи мавҷуда баррасӣ карда мешаванд.

Ҳангоми асоснок кардани зарурати ба минтақаҳо тақсимкунӣ дар назар доштан зарур аст, ки бо сабаби фишори максималии оби озоди шабака фишори оби истеъмолкунандагон аз 60 м бояд баланд набошад.

Дар ҳолати мавҷуд будани намунаҳои рақобаткунанда системаи ба мақсад мувофиқи обтаъминкуниро дар асоси ҳисобҳои техникию иқтисодӣ муайян мекунанд.

**Ҳуҷҷатҳои лоиҳавии «Обпартоӣ»**

Дар фасли «Обпартоӣ» ҳолати обпартоҳои маҳалли аҳолинишинро шарҳ дода, таҳлили қиёсии рушд ва таъмини обпартоӣ аз минтақаҳои нави сохтмонҳо ва баланд шудани сатҳи таҷҳизондани муҳандисии фонди таҷдидшавандаи манзили истиқоматиро анҷом додан зарур аст; вазифаҳои асосии рушди системаи обпартоӣ дар асоси қарорҳои шаҳрсозиро мураттаб сохта, бо назардошти таҷдисозӣ ва васеъ кардани шабакаҳо ва иншооти мавҷуда ва нав бунёдшаванда бо интихоби варианти ба мақсад мувофиқ дар бораи бонавбат рушд кардани он таклифу пешниҳодҳоро мураттаб сохтан зарур аст; оид ба татбиқи варианти интихобшуда (бунёд кардани базаи саноати сохтмон, базаҳои хадамоти баистифодабарӣ ва ғайраҳо) бо назардошти талаботи ҳифзи муҳити зист чораҳо андешидан зарур аст; ба масъалаи ниёз ба сармоягузорӣ баҳо додан зарур аст.

Обпартоии маҳалли аҳолинишинро ҳамчун қисми таркибии системаи воҳиди хоҷагии об баррасӣ намудан зарур аст. Ҳангоми таҳия кардани фасли мазкур ҳамаи ҷузъҳои хоҷагии обро ба назар гирифта, ба ҳам алоқамандии онҳоро оид ба масрафи об дар системаҳои обтаъминкунӣ ва пасобҳои манбаъҳо ва таркиби гуногундошта, ихроҷи пасобҳо ба обанборҳо, объектҳои истифодабарии об бо

мақсадҳои фарҳангию маишӣ, хоҷагию нӯшокӣ ва хоҷагиҳои моҳипарварӣ рехтани пасобҳоро таъмин намудан зарур аст.

Қарорҳои асосӣ оид ба обпартоии иншооти манзили истиқоматӣ ва шаҳрвандӣ бояд масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи ободонӣ ва ҳифзи муҳити зист аз ихроҷ кардани обҳои ифлос ё обҳои ба таври кофӣ тозанашударо пешбинӣ намоянд.

***Маълумоти аввалия***

Барои мураттаб сохтани фасли обпартоӣ маълумоти зерин аввалин дониста мешаванд:

1) тарҳи миёнамӯҳлати нақшаи генералӣ бо нишон додани ҳудудҳои аҳолинишин ва дар он ҷойгир кардани маҳалҳои аҳолинишини мавҷуда ва ба нақша гирифташуда, шумораи ҳисобии аҳолӣ, кӯчаҳо ва роҳҳои асосӣ, минтақаҳои саноатӣ.

Ба тарҳ (дар ҳолати зарур будан) ҳамроҳ намудани рӯйхати корхонаҳои мавҷуда ва сохтмонашон банақшагирифташудаи саноатӣ, бо нишон додани иқтидори истеҳсоли маҳсулоти асосии онҳо. Масоҳати тарҳ вобаста ба андозаҳои майдон бояд аз 1:10000 то 1:25000 бошад. Тарҳ ба таҳиякунандаи қарорҳои тарҳсозии нақшаи генералӣ супорида мешавад;

2) нақшаи ҳолати ҷойгиркунии маҳалли аҳолинишин, ки дар он иттилоот дар бораи маҳалҳои аҳолинишин, иншооти об ва ғайраҳо ҷойгир карда шудааст, бояд масоҳати аз 5-7 то 20-25 км (вобаста ба андозаҳои маҳалли аҳолинишин)-ро дар бар гирад;

3) тавсифи иншооти оби барои қабули пасобҳо пешбинишуда; маълумоти зарурӣ дар бораи намуд ва категория, истифодабарии оби иншооти об бо мақсади хоҷагидорӣ ва шартҳои гидрологӣ (масрафи ҳадди ақали миёнаи масрафи оби 95 фоиз таъминшаванда); андозаи миёнаи бар ва суръати дарё; коэффитсиенти печу хами маҷрои дарё; нишондиҳандаи сифати оби обанбор дар давраи пасти сатҳи об бо нишон додани он қитъаи дарё, ки дар он об санҷида шудааст, сол ва мавсиме, ки санҷиши об анҷом дода шудааст;

4) маълумот дар бораи системаҳои мавҷудаи обпартоии маҳалли аҳолинишин (схемаҳои обпартоӣ ии маишӣ, истеҳсолӣ ва обҳои боронҳо) ва дар бораи ҳолати онҳо, инчунин дар бораи лоиҳаҳои таҳияшудаи дар сохтмон татбиқнашуда. Маълумотро фармоишгар пешниҳод менамояд ва вай метавонад ҷамъ овардани маълумотро дар асоси шартнома ба ташкилоти таҳиякунандаи фасли «Обпартоӣ» супорад;

5) маълумот дар бораи системаҳои хоҷагии оби корхонаҳои маҳалли аҳолинишин, ки дар онҳо ба ғайр аз пасобҳои маишӣ пасобҳои истеҳсолот ба вуҷуд меоянд; дар бораи ҳаҷм, таркиб ва махлути партовҳои истеҳсолӣ дар пасобҳое, ки ба системаи обпартоӣ мерезанд;

6) маълумот дар бораи таъминоти обу гармии маҳалли аҳолинишин (дар баробари таҳия намудани тарҳи обпартоӣ метавонад бо тартиби корӣ дастрас карда шаванд).

***Асоснок кардани интихоби системаи ба мақсад мувофиқи*** обпартоӣ

Барои интихоби системаи нисбатан ба мақсад мувофиқи обихроҷии маҳалли аҳолинишин пешбинӣ намудан зарур аст:

- бунёд кардани системаи муштарак ё алоҳидаи обпартоӣ ва тозакунии пасобҳои маҳалли аҳолинишин ва дигар маҳалҳои аҳолинишини наздик;
- дар маҳалли аҳолинишин муттаҳид гардондани системаҳои обпартоӣ ва тозакунии обҳои маишӣ ва истеҳсолии равон, инчунин якҷоя тоза кардани пасобҳои мазкур ва қисми ифлоси болои пасобҳо;
- баррасӣ намудани намунаҳои сохтани схемаҳои обпартоӣ ва тозакунии пасобҳо ва намунаҳое, ки онҳо бо сабабҳои принсипиалӣ ё камсамар будан бояд аз таҳлили техникию иқтисодӣ гузашта, хароҷоти ҳадди ақали онҳо муайян карда шаванд.

**Таркиби намунавии фасли «Обпартоӣ»**

1) Қисми муқаддимавӣ (корҳои асосӣ, фармоишгарон, шароити асосии иҷрои корҳо).

2) Тавсифи умумии маҳалли аҳолинишин, дурнамои рушди он, шароити табиию иқлимӣ, рӯйихати корхонаҳои саноатие, ки манбаи асосии пасобҳо ва партовҳо мебошанд, ҳолати обанборҳо.

3) Тавсифи корҳои пеш аз лоиҳа ва дар давраи лоиҳасозӣ анҷомдодашуда бо баҳо додани мутобиқати онҳо ба талаботи ҳозираи ҳолати обпартоӣ (масрафи ҳисобии пасобҳо ва миқдори партовҳои ба обҳо воридшаванда; системаи обпартоӣ, шабакаҳои кӯчаҳо, коллекторҳо, истгоҳҳои насосҳо ва иншооти обтозакунӣ, иқтидори обгузаронӣ ва ҳолати онҳо; муайян кардани камбуд ё зиёдатии иқтидори обгузаронӣ; иншооти дар марҳилаи сохтмон қарордошта; базаи таъмиру ба истифодабарӣ; таъсири пасобҳои ба обанбор партофташавандаи маҳалли аҳолинишин; бӯйҳои бади ҳудуди атрофи истгоҳҳои насосҳо ва иншооти обтозакунӣ.

4) Баҳо додан ба татбиқи нишондиҳандаҳои асосии фасли «Обпартоӣ»-и нақшаи пештараи генералӣ ва тарҳи пештар таҳияшудаи корез. Дурнамои рушди системаи обпартоӣ

5) Масрафи ҳисобӣ ва миқдори ифлосиҳои пасобҳои маҳалли аҳолинишин, минтақаҳои мақсадноки он, корхонаҳои минтақаи саноатию коммуналӣ аз рӯи марҳилаҳои рушди онҳо.

6) Тарҳи обпартоӣ маҳалли аҳолинишин ва ҷузъҳои ба он дохилкардашудаи системаи мавҷудаи обпартоӣ. Пешниҳодҳо оид ба сохтмони шабакаҳои нав ва таҷдид кардани шабакаҳои мавҷуда, истгоҳҳои насосҳо ва иншооти обтозакунии обихроҷӣ.

7) Чорабиниҳо оид ба сарфаи манбаъҳо ва ҳифзи муҳити зист.

8) Пешниҳодҳо оид ба рушди базаи сохтмон ва таъмиру сохтмон.

9) Пешниҳодҳо оид ба таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ барои таҷдид.

10) Андозаҳои сармоягузорӣ барои тибқи марҳилаҳо татбиқ кардани қарорҳо оид ба рушди оянддаи обпартоии маҳалли аҳолинишин.

### Тавсияҳо оид ба мураттабсозии фасли «Обпартоӣ»

Мавод дар намуди тарҳҳои обтаъминоткунӣ ба ҳайати нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот дохил шуда, тавзеҳнома ва қисми графикиро дар бар мегиранд.

Дар тавзеҳнома масъалаҳои зеринро ворид кардан тавсия дода мешавад:

а) Муқаррароти умумӣ

б) Маълумоти аввалия

в) Ҳолати ҳозираи системаҳо ва иншоот

г) Масрафи ҳисобии об

д) Манбаъҳои обтаъминкунӣ

е) Асоснок кардани интихоби системаи нисбатан ба мақсад мувофиқи обтаъминкунӣ

ж) Иншооти хатҳои об ва масоҳати замин барои ҷойгир кардани онҳо

з) Обтақсимкунакҳо ва шабакаҳои магистралӣ

и) Чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити зист

к) Нишондиҳандаҳои техникию иқтисодии системаҳои обтаъминкунӣ

Тавзеҳномаро дар шакли мӯъҷаз мураттаб сохта, ҳисобҳоро дар шакли ҷадвалҳо тартиб медиҳанд.

Қисми графикии схемаҳои таъминоти об барои шаҳрҳои дорои 500 ҳазор аҳолӣ бо андозаи 1:10000; барои шаҳрҳои дорои 250-500 ҳазор аҳолӣ бо андозаҳои 1:10000-1:5000; барои шаҳрҳои 50-250 ҳазор аҳолӣ бо андозаи 1:5000; барои шаҳрҳои дорои 50 ҳазор аҳолӣ, инчунин барои маҳалҳои аҳолинишини аз 10 ҳазор аҳолӣ бештар ва маҳалҳои аҳолинишини деҳоти дорои аз 5 ҳазор аҳолӣ зиёд бо андозаҳои 1:5000-1:2000; барои шаҳракҳои дорои 10 ҳазор аҳолӣ ва маҳалҳои аҳолинишини деҳоти дорои 5 ҳазор аҳолӣ бо андозаи 1:2000 таҳия карда мешаванд.

Маъмулан, тарҳи обтаъминкуниро аз ҷиҳати графикӣ бо тарҳи обпартоӣ ва тозакунии санитарии ҳудуд муттаҳид мекунанд; дар ҳолати зичии начандон калон (аксар вақт барои маҳалҳои аҳолинишини начандон калон) тарҳҳои ҳамаи системаҳои муҳандисиро бо тарҳи умумии таҷҳизоти муҳандисӣ муттаҳид кардан мумкин аст.

Дар тарҳи обтаъминкунӣ масоҳати заминҳои мавҷуда ва банақшагирифташавандаи иншооти (нуқтаҳои) системаи обтаъминкунӣ, аз он ҷумла обгирҳо, стантсияҳои обтозакунӣ, майдонҳои лойқа, ҳавзҳои минтақаҳо ва стантсияҳои насосҳо, инчунин обпартоиҳо ва шабакаҳои магистралии хатҳои об ва қубурҳои хобондашудаи омехта нишон дода мешаванд.

Тавсияҳо барои мураттабсозии фасли «Обпартоӣ» ба системаи «Обтаъминкунӣ» монанд мебошад.

### 4. 13. Мукаммалгардонии системаи банақшагирӣ ва тарҳҳои рушди обтаъминкунӣ ва обпартоӣ

Мукаммалгардонии системаи банақшагирӣ ва тарҳҳои рушди системаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоии маҳалҳои аҳолинишин бояд ба татбиқи чорабиниҳои зерин нигаронда шаванд:

1) Мукаммалгардонии таснифоти системаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ (лоиҳаҳо ва корҳо) бо назардошти дараҷаи мушкилӣ ва ҳаҷми иншоот, намудҳои корҳои сохтмон бо минбаъд содда кардани раванди гузаштани расмиёти маъмурӣ.

2) Хобондани коллекторҳои асосӣ ва шохроҳҳои оби системаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ дар маҳалҳои таърихии аҳолинишин ва дар минтақаҳои зичии сохтмонҳои муосирашон бо усули сохтмони нақбҳои сипарӣ ё наҳрҳои қубурхобонӣ анҷомдодашуда.

3) Таҷдид намудани шабакаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ дар марказҳои таърихии маҳалҳои аҳолинишин ва дар минтақаҳои сохтмонҳои муосири шаҳрҳо бо усули бидуни ҷӯйбор (масалан, бо усули санатсия – аз болои қубур кашидани ҷилди пластмассӣ, бо сементу рег андоваи қисми дохили заҳбур ва ғайра).

4) Паст кардани чуқурии коллекторҳои асосии обпартоӣ аз ҳисоби дар маҳалҳои баромади обҳо аз маҳаллаҳо сохтани стантсияҳои насоси дорои насосҳои қаър барои кашидани пасобҳо.

5) Барои хобондани хатҳои об ва шабакаҳои обихроҷӣ истифода барудани қубурҳои ғайри оҳанӣ (пластмассӣ ва шишаю пластикӣ ва ғайраҳо).

6) Барои иншооти обпартоӣ истифода бурдани системаи баландфишори обпартоӣ дар масофаи калон ҷойгиршуда.

7) Шиддат бахшидан ба корҳои иншооти амалкунандаи обтозакунӣ бар ивази ба таври экстенсивӣ васеъ намудани онҳо (истифодабарии реагентҳои нав барои баланд бардоштани самаранокии такшинкунӣ ва тозакунии биологии об, усулҳои бо қабатҳои тунук, флонтатсионӣ ва лойқаҷудокунӣ ва ғайра такшин кардани об).

8) Истифодабарии пасобҳои тозакардашуда барои обтаъминкунии корхонаҳои саноатӣ.

9) Истифода бурдани оксигени техникӣ ё ҳавои бо оксиген ғанигардондашуда ҳангоми тозакунии биологии пасобҳо.

10) Тезондани хушккунии такшини майдонҳои лойқа бо роҳи истифода бурдани технологияҳо ва конструктсияҳои нав.

11) Дар иншооти обтозакунии системаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоиҳо истифода бурдани технологияҳои нав ва иншоот барои тозакунии об ва хунуккунии обҳои табиӣ ва пасобҳо, инчунин коркарди такшинҳои об.

12. Шинондани ҳисобкунакҳои масрафи об.

## 4. 14. Меъёрҳои ҷойгиркунии иншоот

Мутобиқи системаи қабулгаштаи обтаъминкунӣ барои ҷойгир намудани иншооти қубурҳои об – обгирҳо, маҷмааи иншооти обтозакунӣ, стантсияҳои насосҳо, ҳавзҳо ва хадамоти баистифодабарӣ ҷудо кардани масоҳати замин тавсия дода мешавад.

Барои иншооти қубурҳои оби хоҷагию нӯшокӣ – обгирҳо ва иншооти обтозакунӣ, ҳавзҳои оби тоза ва стантсияҳои насосҳо минтақаи муҳофизати санитарӣ пешбинӣ намудан зарур аст, дар баробари он марзи тасмаи 1 бояд бо девори қитъаи замин мутобиқ бошад.

Барои стантсияҳои насосҳои обкашии ба таври алоҳида сохташудаи бе ҳавзи оби тоза фаъолияткунанда, инчунин барои обманораҳои фишордор бо розигии

стантсияи санитарию эпидемиологӣ минтақаи 1 ҳудуди муҳофизати санитариро пешбинӣ накардан мумкин аст.

Майдони замини иншооти обгирӣ ва обтозакунии қубурҳои оби хоҷагӣ ва нӯшокиро маъмулан берун аз ҳудуди маҳалли аҳолинишин пешбинӣ кардан тавсия дода мешавад.

Барои системаҳои амалкунандаи обтаъминкунӣ, ки бояд дар навбати 1 сохтмон таҷдид ва васеъ карда шаванд, бо розигии стантсияи санитарию эпидемиологӣ, ба шарти қаноатбахш будани ҳолати онҳо, истифода бурдани обгирҳои обҳои зеризаминӣ ва иншооти обтозакунии самаранокии кор ва мавҷуд будани минтақаҳои муҳофизати санитарии дар ҳудуди сохтмон ҷойгирбуда иҷозат дода мешавад. Дар мӯҳлати ҳисобӣ тадриҷан ба қатори иншооти захиравӣ гузарондани иншооти мазкур, инчунин дар ҳолати мавҷуд будани системаҳои ҷудогонаи хоҷагию нӯшокӣ ва истиеҳсолии қубурҳои об баррасӣ намудани имконияти супоридани иншооти мазкур ба системаи қубури оби истеҳсолӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Майдони замини барои ҷойгир кардани ҳавзҳои минтақаҳо, стантсияҳои насосҳо ва манораҳои фишори об дар ҳудуди сохтмонҳои шаҳр пешбинӣ карда мешавад.

Дар ҳолати алоҳида ҷойгир шудани системаҳои қубурҳои оби хоҷагию нӯшокӣ ва истеҳсолӣ баррасӣ намудани мақсаднокии муттаҳидкунии иншоот дар як маҷмаа (масалан, обгирҳо, стантсияҳои обтозакунӣ ва насосҳо) ва бо мақсади паст кардани арзиши сохтмон ва хароҷоти баистифодабарӣ ҷойгир кардани онҳо дар як майдонча тавсия дода мешавад.

Тавсия дода мешавад, ки иншооти обгирӣ аз манбаъҳои рӯизаминиро бо назардошти дурнамои рушди система ба нақша гирифтан зарур аст.

Маҳалли ҷойгиркунии майдончаи иншооти обгирӣ аз манбаъҳои рӯизаминӣ аз ҷиҳати шароити гидрологӣ, хоҷагии моҳипарварӣ ва санитарӣ (барои обгирии қубурҳои оби хоҷагию нӯшокӣ) асоснок карда мешаванд.

Дар ҳудуди минтақаи ҳаракати киштиҳо, минтақаи такшинҳои об ва ҳаракати насосҳои қаър ва коркарди соҳилҳо, дар маҳалҳои зимистонгузаронӣ ва тухмгузории моҳиҳо, ҷамъшавии обсабазаҳо ва маҳалли обасабазаҷамъкунак ва исти обҳо ҷойгир намудани обқабулкунак иҷозат дода намешавад.

Дар қитъаҳои поёноби Нерӯгоҳҳои барқи обӣ, ки ба нерӯгоҳ наздик аст, дар болооби обанборҳо, поёнтар аз даҳанаи шохобҳо ва дар даҳанаи обҳои сарбаста ҷойгир намудани обқабулкунакҳо тавсия дода намешавад.

Маҳалли ҷойгиршавии майдонҳои обгирии системаҳои оби хоҷагию нӯшокиро дар қисми болооби пасобҳо, болотар аз маҳалҳои аҳолинишин, таваққуфгоҳи киштиҳо, амборҳои чӯбу тахта, базаҳо ва дигар манбаъҳои партовдор интихоб мекунанд.

Дар ҳолати зарур будани тозакунии об тарҳи обтозакунӣ ва таркиби иншооти асосиро вобаста ба сифати обҳои сарчашма, мутобиқи ҷадвали 15 МҚС ҶТ 40.01-2008 қабул мекунанд.

Дар майдони маҷмааи иншооти обтозакунӣ иншооти ёрирасон, аз он ҷумла стантсияи насоси II оббардорӣ, ҳавзҳо, дегхона, иншоот барои гардиш додани оби

барои шустушӯ пешбинишуда, инчунин барои қабул ва пешакӣ хушкондани такшин пеш аз безараргардонӣ ҷойгир карда мешавад.

Дар маҷмааи иншооти обтозакунӣ инчунин иншоот барои безараргардонии такшини об пешбинӣ карда мешавад, зеро безарар нагардонда ба ҳавз ихроҷ кардани он иҷозат дода намешавад.

Барои хушкондани такшин майдонҳои лойқа ё иншоот барои хушкондани механикиро истифода бурдан мумкин аст, масалан, барои бо филтр-фишурдан ё ба таври сунъӣ ях кунондан ва минбаъд об кардан ва вакуум-филтркунии дорои майдонҳои садамавии лойқа.

Тавсия мешавад, ки майдонҳои лойқаро берун аз ҳудуди иншооти обтозакунӣ ҷойгир намуда, барои ҷойгир кардани онҳо заминҳоеро интихоб намудан зарур аст. ки барои сохтмон ё кишоварзӣ корношоям мебошанд.

Майдонҳои лойқаро аз сохтмонҳои биноҳои истиқоматӣ ба воситаи минтақаи муҳофизатии санитарӣ ҷудо мекунанд: барои иншооти маҳсулнокиаш дар як шабонарӯз то 10 ҳазор м$^3$ – 100 м; барои иншооти маҳсулнокиаш дар як шабонарӯз то 10-15 ҳазор м$^3$ – 150 м; барои иншооти маҳсулнокиаш дар як шабонарӯз 50-200 ҳазор м$^3$ – 200 м; барои иншооти маҳсулнокиаш дар як шабонарӯз аз 200 ҳаз. м$^3$ – 300 м.

Стантсияҳои насоси ноҳиявии обпартоӣро берун аз ҳудуди маҳаллаҳо, беҳтараш дар минтақаи кабудизорҳо пешбинӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Вобаста ба шароити маҳал майдони барои ҷойгиркунии онҳо пешбинишударо бо девор бастан мумкин аст, ё девор намесозанд. Стантсияи асосии насоси дорои иқтидори дар як шабонарӯз 25 ҳазор м$^3$ обрасонибударо маъмулан дар майдони атрофаш деворкардашуда ҷойгир менамоянд.

Майдони замини барои стантсияи насоси обпартоиро бо мақсади то ҳадди имкон болокушода сохтани иншоот дар қитъаҳои замини нисбатан пастхамидошта интихоб менамоянд.

Ҳангоми ҷойгир намудани иншооти обтозакунӣ дар майдонҳои заминҳо пешбинӣ намудани чорабиниҳои зерин тавсия дода мешавад:

- ҷойгир намудани майдон ба равиши об дар қисмати поёни маҳалли аҳолинишин; агар иншооти обтозакунӣ барои гурӯҳи маҳалҳои аҳолинишин пешбинӣ шуда бошад ва ба самти ҳаракати об ҷойгир кардани иншоот мушкил бошад, тавсия дода мешавад, ки маҳалли рехтани обҳои тозакардашударо ба самти ҳаракати об дар поёни маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир намоянд.

– ҷойгир намудани майдон аз қисмати шамолраси маҳалли сохтмонҳои аҳолинишин нисбат ба самти шамолҳо дар мавсими гармои сол бо риояи меъёрҳои минтақаҳои муҳофизатии санитарӣ муқаррар карда мешавад;

– ҷойгир намудани майдон, маъмулан, дар хокҳои хушки хосияти полоишидошта (бо назардошти ногаҳон қимат шудани арзиши зарфҳои иншоот ва коммуникатсияҳое, ки ҳангоми сохтмонҳо дар шароити мушкили муҳандисию геологӣ миқдорашон зиёд мебошад);

- андозаҳои майдон бо назардошти масоҳати тахминӣ;

- барои минбаъд васеъ кардани иншоот захира кардани масоҳати замини ба ҳудуди майдон наздик;

- ба таври алоҳида ҷойгир намудани иншоот барои коркарди такшини об, махсусан майдонҳои лойқа, дар ҳолати мавҷуд набудани майдон барои комплекси иншооти обтозакунӣ ва ҷойгир намудани майдон аз самти шамолнораси сохтмони манзилҳои истиқоматӣ;

Дараҷаи талаботии тозакунии пасобҳо оид ба ҳар як намуди ифлосиҳоро (БПК$_{пурра}$ ченкардашудаи ашё, намакҳои азоту аммоний, фосфор, намаки оҳанҳои вазнин, СПАВ, маҳсулоти нафт, рангҳо ва ғайра) тавсия дода мешавад, ки бо назардошти махлути аввалия ва ҳадди аксари намуди мутобиқи ифлосӣ дар оби тозакардашуда, дараҷаи олудашавии пасобҳо бо обҳои обанбор аз рӯйи ҳисоби маҷро, ҷӯйи об ва махлути имконпазири ифлосии мутобиқ дар обанбор қабул карда шавад.

Дар ҳолати мутобиқ наомадани сифати пасобҳои тозакардашуда аз рӯйи ягон намуди ифлоскунандаҳои тибқи ҳисоб талабшаванда, дараҷаи тозакунии пасобҳоро баланд бардоштан зарур аст, ё аз корхонаҳои саноатӣ талаб кардан зарур аст, ки таркиби пасобҳоро худашон то ҳадди талабшаванда тоза кунанд.

Дар ҳолати ба нақша гирифтани иншооти обтозакунӣ ба назар гирифтан зарур аст, ки лоиҳаҳои намунавии иншооти обтозакунии қаърии пасобҳо бо паст кардани БПК$_{пурра}$ ва дорои таркиби ашёҳои ченшуда то 3 мг/л, инчунин нобуд кардани пайвастагиҳои азот ва фосфор танҳо барои стантсияҳои дорои иқтидори кам (то 700м$^3$/шабонарӯз) таҳия карда шудааст.

Дар ҳолати иқтидори калони обкашӣ доштани стантсияҳо ба таври инфиродӣ ҳал намудани иншооти дорои технологияҳои махсусро (полудани пасобҳо, аз тозакунии биологӣ гузаштани обҳо, бо истифодаи реагентҳо; дар чуқурӣ бо филтр тоза кардани об; дар аэротенкҳои бо микрофлора устуворкардашуда дар қаър тоза кардани обҳо ва ғайраро) пешбинӣ намудан ва дар ҳолати зарур будан дастрас намудани тавсияҳои ташкилотҳои махсусгардондашуда зарур аст.

Ба таври калон кам кардани андозаҳои майдони пешбинишударо аз ҳисоби тозакунии физикию химиявии пасобҳо ба даст овардан мумкин аст.

Дар ҳолати мавҷуд будани ҳудудҳои озод ва шароити хуби хокҳо ва иқлим тавсия дода мешавад, ки тозакунии пасобҳо дар қаъри муҳити табиӣ анҷом дода шавад. Дар шароити табиӣ (дар майдонҳои лойқа) инчунин хушкондани такшинҳоро ҳам пешбинӣ намудан зарур аст. Бо мақсади кам кардани майдони талабшаванда барои тозакунии қаърии пасобҳо тавсия дода мешавад, ки ҳавзҳои биологӣ пешбинӣ гарданд.

Такшинҳои дар майдонҳои лойқа ё хушккунӣ хушккардашудаи барои истифодабарӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба сифати нурӣ пешбинишуда, бояд безарар гардонда шаванд (тухми кирмҳо кушта шаванд). Бо ҳамин мақсад такшин метавонад дар асбобҳои хушккунанда коркард шавад, дар натиҷа рутубат ва ҳаҷми такшин ба маротиб кам шуда, мутобиқан хароҷоти ҳамлу нақл додани он ҳам кам мешавад. Бо партовҳои сахти маишӣ (партовҳои шаҳр) якҷоя безарар гардондани такшинҳо мумкин аст, инчунин дар ҳолати ба мақсад мувофиқ набудани истифодабарӣ онро сӯзондан мумкин аст.

Дар тарҳ бояд масъалаҳои асосии истифодабарандагон оид ба маҳв кардани такшинҳо дар кишоварзӣ ҳал ва мувофиқа карда шаванд. Агар дар таркиби такшин моддаҳои барои парвариши зироатҳо ва чорво зараровар мавҷуд бошад (масалан,

намаки оҳанҳои вазнин), пас онро дар хоҷагии кабудизори шаҳр ё барои парвариши зироатҳои техникӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар ҳолати таҳдид ва васеъ кардани иншооти амалкунандаи тозакунии биологии пасобҳо тавсия мешавад, ки маъмулан, аз ҳисоби истифодабарии қабатҳои тунуки такшин, микрофлораи ба он часпида, лойқаҷудокунии флотатсионӣ, тозакунии химиявию физикӣ, коркарди лойқаи фаъол бо ултрасадо дар нурафканҳои гидродинамикӣ ва бо усулҳои дигар ташдиди корҳо пешбинӣ карда мешавад.

## 5. ТАНЗИМКУНИИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ

### 5. 1. Қонунгузории танзимкунандаи системаи таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ

Системаи таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ дар Тоҷикистонро қонунҳои зиёд ва санадҳои зерқонунии меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои техникӣ танзим менамоянд.

Қонунгузории оби Тоҷикистон дар асоси Конститутсия таҳия шуда, аз Кодекси об, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ ва санадҳои байналмилалии ҳуқуқии эътирофнамудаи Тоҷикистон[1] иборат аст. Рӯйхати санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи обтаъминкунӣ ва обпартоӣ  дар ҶТ дар фасли 7 оварда шудааст.

Қонунҳои асосии танзимкунандаи ҷиҳатҳои мухталифи муносибатҳои об, аз он ҷумла таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ аз инҳо иборат мебошад:

1. Конститутсияи ҶТ[2]. Мутобиқи Конститутсияи ҶТ об  моликияти истисноии давлат буда,  давлат истифодабарии самараноки онро ба манфиати одамон[3] кафолат медиҳад.

2. Кодекси оби ҶТ[4]. Кодекси об муносибатҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарӣ ва ҳифзи манбаъҳои об, таъмини асосҳои қонунии дастгирӣ ва рушди истифодабарии об ва ҳифзи манбаъҳои обҳо, муайян намудани принсипҳои асосӣ, самтҳои истифодабарӣ ва ҳифзи манбаъҳои обро танзим менамояд. Мутобиқи Кодекси об системаи  таъминоти об давлатӣ буда, намудҳои истифодаи онро  давлат мутобиқ  ба  қонунгузориҳои  ҷорӣ  таъмин  менамояд[5].

3. Қонуни ҶТ РТ «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он»[6] (нигаред ба замимаи Б).

Барои ҳалли амалии масъалаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ  ба «Стратегияи миллии рушди ҶТ дар давраи солҳои 2006-2015» оид ба соҳаи «Таъминот ва санитарияи об» ворид кардани тағйироту иловаҳо зарур аст. Дар тағйироту иловаҳои мазкур масъалаҳои соҳибмулкии иншооти обтаъминкунӣ ва обпартоӣ ,

[1] Моддаи 3 Кодекси оби ҶТ.
[2] Конститутсияи ҶТ рӯзи 6 ноябри соли 1994 қабул карда шудааст (ба Конститутсияи баъди раъйпурсии 22 июни соли 2003 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст).
[3] Моддаи 13 Конститутсияи ҶТ.
[4] Кодекси оби ҶТ рӯзи 10 ноябри соли 2000 қабул карда шудааст (солҳои 2006, 2008 ва 2009 ба Кодекс тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст).
[5] Қисми 3 моддаи 57 Кодекси оби ҶТ.
[6] Қонуни ҶТ РТ «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он», 29 ноябри соли 2010 қабул шудааст, №670.

шаклҳои идора, шароити ҷалб намудани соҳаи хусусӣ ба идораи ба истифодабарии системаҳои таъминоти коммуналии обтаъминкунӣ ва обпартоӣ, ҳисоботдиҳии ташкилотҳои ба истифодадиҳии обро мушаххас гардондан зарур аст, ки онҳо барои баҳо додан ба ҳолати техникӣ, самаранокии ба истифодабарӣ, талабот ба сармоягузориҳо мусоидат мекунанд.

Инчунин зарур аст, ки дар ҳамаи сатҳҳо мақсадҳо ва мӯҳлатҳои аниқ ва ченшавандаи ислоҳотро муайян намуда, онҳоро ба давраҳо ҷудо карда, барои ҳар кадоми давраҳо нишондиҳандаҳои назоратӣ гузоштан зарур аст, ки тибқи онҳо ба самаранокӣ ва натиҷаҳои ислоҳот баҳо додан ва системаи мониторинги нишондиҳандаҳои мазкурро таҳия намудан мумкин бошад.

**РОҲНАМОИ** гузаштани расмиёти маъмурӣ барои таҳия кардани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда ҳангоми татбиқ намудани фаъолияти сохтмонӣ, таҷдид ва таъмири объектҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ:

| | **Намуди системаҳо** | **Категорияи расмиёт аз рӯйи намудҳои сохтмон** | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Сохтмони нав** | **Тахдидсозӣ** | **Таъмир** |
| 1 | **Мутамарказ** | **А** | Б | **В** |
| 2 | **Ғайримутамарказ** | А | Б | **В** |
| 3 | **Мухтор** | Г | Д | **В** |

Рақами расмиёт, ки гузаштани онҳо ҳатмӣ мебошад (вобаста ба намуди система ва сохтмон):

Категорияи **А** – расмиёти №1,3,4,5,6,7,8,9,10,11,12,13,14,15,16.

Категорияи **Б** – расмиёти №1,2,3,4,5,6,9,10,11,12,13,16.

Категорияи **В** – расмиёти №2,5,6,10,11,12,13,16.

Категорияи **Г** – расмиёти №1,3,4,5,6,8,9,10,11,12,13,15,16.

Категорияи **Д** – расмиёти №1,2,4,5,6,9,10,11,12,13,16.

*Рӯйихат ва тартиби гузаштани расмиёт дар ҷадвал нишон дода шудааст.*

**Ҷадвал.** Тартиби гузарондани расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ

| № | **Номи расмиёт** | **Номи муассисаи давлатӣ, ташкилот** | **Мӯҳлат** | **Асоси қонунгузорӣ** |
|---|---|---|---|---|
| 1. | **Хулосаи санитарию эпидемиологӣ** | Хадамоти назорати санитарию эпидемиологии ноҳия/шахр | То 30 рӯз | Қонуни ҶТ № аз 29 декабри соли 2010 «Дар бораи оби нӯшокӣ ва обтаъминкунӣ». Тартиби таҳия намудан, бақайдгирӣ ва додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ – бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 марти соли 2004, №139 тасдиқ карда шудааст. |
| 2. | Техническая оценка состояния системы | Комиссия по оценке дефектов (эксплуатирующая | До 1 недели | Правила о проведении планово-предупредительного ремонта на объектах водопроводно- |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | организация, собственник, эксперты) | | канализационного хозяйства (ведомственный документ) |
| 3. | Интихоб ва ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмон* | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Комиссия, Кумитаи заминсозии ноҳия | Азт 95 то 185 рӯз | Кодекси замини ҶТ, Қоидаҳо дар бораи ҷудо кардани қитъаҳои замин барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ – бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 сентябри соли 2005, №342 тасдиқ карда шудааст.<br>Қонуни ҶТ №343 аз 14.12.1996<br>Қарори Ҳукумати ҶТ №105 аз 27.02.2010. |
| 4. | Ҷамъ овардани маълумоти аввалия, гирифтани супориши меъморию тарҳсозӣ ва шартҳои техникӣ** | Мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ | То 20 рӯзи корӣ | Қонуни ҶТ «Дар бораи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва фаъолияти сохтмонӣ», Тартиби гузаштани расмиёти вобаста ба амалӣ кардани фаъолияти сохтмонӣ дар ҶТ – бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 6 майи соли 2009, №282 тасдиқ карда шудааст. Қоидаҳои пайваст шудан ба шабакаҳои муҳандисӣ ва расондани хизматҳои коммуналӣ – бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 октябри соли 2009, №531 тасдиқ шудааст. Меъёрҳо ва Қоидаҳои сохтмон – МҚС ҶТ 11-01-2005. Таркиб ва тартиби таҳиясозӣ, мувофиқасозӣ ва тасдиққунии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони корхонаҳо ва иншоот. Меъёрҳо ва Қоидаҳои сохтмон – 11-02-96. Тадқиқотҳои муҳандисӣ барои сохтмон. |
| 5. | Омода кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ | Ташкилоти лоиҳакашӣ , муҳандис-лоиҳакаш | Тибқи шартнома | Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ (МҚС ҶТ 11-01-2005). Таркиб ва тартиби таҳиясозӣ, мувофиқасозӣ ва тасдиққунии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони корхонаҳо ва иншоот. |
| 6. | Мувофиқа ва тасдиқ кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ | Мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ | То 3 рӯзи корӣ | Тартиби гузарондани расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти сохтмонӣ дар ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 6 майи соли 2009, №282 тасдиқ карда шудааст. Меъёрҳо ва Қоидаҳои сохтмон – МҚС ҶТ 11-01-2005. Таркиб ва тартиби таҳиясозӣ, мувофиқасозӣ ва тасдиққунии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони корхонаҳо ва иншоот. Меъёрҳо ва Қоидаҳои сохтмон – МҚС ҶТ 11-04-2003. Низомнома дар бораи тартиби таҳиясозӣ, мувофиқагардонӣ ва тасдиқ кардани ҳуҷҷатҳои пешазлоиҳавӣ. |
| 7. | Ташхиси Ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ | Мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ.<br><br>Раёсати ташхиси ғайриидоравии давлатии лоиҳаҳои сохтмони АСваМ | То 30 рӯзи корӣ вобаста ба андоза ва мураккабии объект | |
| 8. | Гирифтани иҷозат барои истифодабарии махсуси об*** | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Ду ҳафта | Тартиби таҳия намудан, бақайдгирӣ ва додани иҷозат барои истифодабарии махсуси об – бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2002, №485 тасдиқ карда шудааст. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9. | Гирифтани иҷозат барои сохтмон | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ | Ду ҳафта | Тартиби гузарондани расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти сохтмонӣ дар ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 6 майи соли 2009, №282 тасдиқ карда шудааст |
| | | Мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ. | То 5 рӯзи корӣ | |
| 10. | Назорати муаллифӣ | Ташкилоти лоиҳасозӣ, муҳандиси лоиҳасоз | Мутобиқи ҷадвали корҳо | Қонуни ЧТ №380 аз 20 марти соли 2008 «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ дар ҶТ», Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон - МҚС ҶТ 11-06-2006. Низомнома дар бораи назорати муаллифӣ аз болои сохтмони биноҳо ва иншоот. |
| 11. | Назорати техникӣ | Фармоишгари (сармоягузори) обект | Мутобиқи ҷадвали корҳо | |
| 12. | Сохтмони объект | Ташкилоти пудратӣ | Мутобиқи ҷадвали корҳо | Қонуни ҶТ №380 ат 20 марти соли 2008 «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ дар ҶТ», ХРС ҶТ 81-203-2008. Қоидаҳо дар бораи шартномаҳои (қарордодҳои) пудратӣ барои сохтмон дар ҶТ. |
| 13. | Омода намудани объект барои баистифодабарӣ супоридан Подготовка | Комиссияи корӣ оид ба омодосозии объект барои баистифодабарӣ қабул намудан | То 10 рӯзи корӣ вобаста ба аҳамият ё арзиши сохтмон | Қонуни ҶТ №380 аз 20 марти соли 2008 «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ дар ҶТ», Тартиби гузаштани расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти сохтмонӣ дар ҶТ – бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 6 майи соли 2009, №282 тасдиқ карда шудааст. Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон – МҚС ҶТ 12-01-2007. Қабул ва баистифодабарии объекти сохтмонаш анҷомёфта. |
| 14. | Қабули давлатии объект барои баистифодабарӣ | Комиссияи давлатии қабул (КДҚ), фармоишгар (сармоягузор) | То 20 рӯзи корӣ вобаста ба аҳамият ё арзиши сохтмон | |
| 15. | Бақайдгирии моликият | Мақоми бақайдгирандаи амволи ғайриманқул | То 14 рӯзи корӣ | Қонуни ҶТ №375 аз 20 марти соли 2008 «Дар бораи бақайдгирии давлатии амволи ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он». |
| 16. | Гирифтани шиносномаи техникӣ | Бюрои ҳисобу китоби техники ноҳия | То 1 ҳафта | Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 1998, №513, Фармони Тоҷиккоммунсервис аз 4 октябри соли 1999, №217/11. |

* - ҳангоми таҷдидсозии системаҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази таъминоти оби нӯшокӣ интихоб ва ҷудо кардани қитъаи замин ҳатмӣ аст, агар дар натиҷаи чунин таҷдидсозӣ қитъаи иловагии замин талаб карда шавад. Ҳангоми сохтани системаи нави мухтори таъминкунии оби нӯшокӣ интихоб ва ҷудо кардани қитъаи замин анҷом дода нашуда, танҳо интихоби маҳалли ҷойгиршавии сарчашмаи системаи таъминкунии оби нӯшокӣ дар ҳудуди қитъаи замини мавҷуда муайян карда мешавад. Интихоби маҳалли ҷойгиршавии сарчашмаи системаи таъминкунии оби нӯшокӣ бо иштироки мақомоти СЭС, геология, ҳифзи муҳити зист анҷом дода мешавад.

** - ҳангоми таҷдидсозии системаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъминкунии оби нӯшокӣ фақат ҷамъ овардани маълумоти аввалия ва бо мақсади таҳия кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ Супориши меъморию лоиҳавӣ талаб карда мешавад. Гирифтани Шартҳои техникӣ дар ҳолате талаб карда мешавад, ки баъд аз таҷдидсозии системаҳои мазкур қувваи иловагии барқ барои

баистифодабарии онҳо зарур бошад (масалан, барои пурзӯр кардани фишори обкашӣ ва/ё додани об ва ғайра).

## 5.2. Тартиби гузарондани расмиёти маъмурии вобаста ба сохтмони системаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ

### 5.2.1. Гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ

Барои интихоб кардани сарчашмаҳои об бо мақсади сохтмони системаи таъмини оби нӯшокӣ гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ зарур аст.

Соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки хулосаи санитарию эпидемиологӣ гиранд.

Барои гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ аризадиҳанда ба мақоми марбутаи хадамоти санитарию эпидемиологӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

а) ариза дар бораи додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ бо нишон додани:

- ном ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, суроғаи ҳуқуқӣ;
- ном ва маҳалли зисти соҳибкори инфиродӣ ё шахси воқеӣ;
- мақсад ва асосноксозии зарурати гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ;

б) ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти мабалағ барои баррасӣ намудани ариза;

в) маълумот дар бораи таъминоти меъёрию методӣ, имкониятҳои ташкилию техникӣ ва таъмини моддию техникӣ барои иҷро кардани намуди фаъолияти хоҷагидорӣ ё фаъолияти дигар;

г) намунаи оби сарчашма барои таҳлили озмоишгоҳӣ.

Мақоми хадамоти санитарию эпидемиологӣ ба таркиби ҳуҷҷатҳои аз тарафи аризадиҳанда барои гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ пешниҳодкарда ҳақ дорад талаботи иловагӣ пешниҳод кунад.

Ҳангоми додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ ба андозаи хароҷоти масрафшуда, ки андозаи онро Вазорати тандурустии ҶТ бо розигии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ муқаррар менамояд, маблағ пардохт карда мешавад.

80 фоизи мабалағи мазкур ба буҷети давлатӣ, 20 фоизи боқимонда ба суратҳисоби махсуси мақоми хадамоти давлатии санитарию эпидемиологӣ, ки хулосаи санитарию эпидемиологӣ додааст, интиқол дода мешавад ва маблағи мазкур барои рушди фаъолияти ҳамон мақоми хадамоти давлатии санитарию эпидемиологӣ сарф мегардад.

Хулосаи санитарию эпидемиологӣ дар чор нусха таҳия шуда, ба он сардухтури давлатии санитарии ҶТ ё муовинони вай, сардухутурони давлатии санитарии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо имзо ва мӯҳр мегузоранд. Ду нусхаи хулоса дар мақоми хадамоти санитарию эпидемиологии хулосаи санитарию эпидемиологиро дода нигоҳ дошта мешавад. Нусхаи сеюм ба аризадиҳанда супорида мешавад.

Нусхаи чоруми хулосаи санитарию эпидемиологӣ ба Раёсати давлатии назорати санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии ҶТ супорида шуда, ба феҳристи умумии хулосаҳои санитарию эпидемиологӣ ворид карда мешавад.

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ пешниҳодшуда ба китоби махсуси бақайдгирӣ, ки онро Сардухтури давлатии санитарию эпидемиологии ҶТ тасдиқ намудааст, гузаронда мешавад. Ба китоб маълумоти зерин навишта мешавад:

- номи объект, маҳалли ҷойгиршавии он ва тобеияти соҳавии он;
- намуд ва мақсади истифодабарии об;
- тавсифи мухтасари оби истифодашаванда;
- таърихи рӯзи ворид шудани ҳуҷҷатҳо дар бораи додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ;
- ба кадом мӯҳлат дода шудани хулосаи санитарию эпидемиологӣ.

Хулосаи санитарию эпидемиологӣ барои ҳар як сарчашмаи об ба таври алоҳида таҳия карда мешавад.

Хулосаи санитарию эпидемиологии додаи мақомоти болоии хадамоти санитарию эпидемиологӣ дар мақоми хадамоти санитарию эпидемиологии маҳалли ҷойгиршавии сарчашмаи об ба қайд гирифта мешавад.

Мақоми хадамоти санитарию эпидемиологии хулосаи санитарию эпидемиологидода феҳристи хулосаҳои санитарию эпидемиологии додашударо ба роҳ монда, дар он маълумот дар бораи бозпас гирифтан ва тамдид кардани мӯҳлати хулосаи санитарию эпидемиологиро нишон медиҳад.

Хулосаи санитарию эпидемиологии истифоданашуда баъд аз анҷом ёфтани мӯҳлати амали он бояд ба мақоми хадамоти санитарию эпидемиологие баргардонда шавад, ки хулосаи санитарию эпидемиологӣ додааст ва сабабҳои истифода набурдани он  шарҳ дода шавад.

Бо мақсади муайян намудани мутобиқати шароити дар ариза нишондодашуда, таҳлил ва баҳо додан ба базаи меъёрию техникӣ, риояи қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба таъмини бехатарии санитарию эпидемиологии аҳолӣ, салоҳият ва омодагии аризадиҳанда барои татбиқи он, мақоми хадамоти санитарию эпидемиологӣ ҳуқуқ дорад фаъолияти аризадиҳандаро санҷад.

Хулосаи санитарию эпидемиологӣ бо забони давлатӣ ва русӣ дар бланки махсуси тасдиқнамудаи Сардухтури давлатии санитарии ҶТ таҳия карда мешавад.

Бланк шакли мутобиқ, дараҷаи муҳофизатӣ, рамз, силсилаи баҳисобгирӣ, рақами бақайдгирӣ дошта, ҳуҷҷати ҳатмии ҳисоботӣ мебошад.

Харид, баҳисобгирӣ ва нигоҳдории бланкҳои хулосаи санитарию эпидемиологиро Раёсати давлатии назорати санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии ҶТ татбиқ менамояд.

Хулосаи санитарию эпидемиологӣ дар асоси натиҷаҳои ташхиси санитарию эпидемиологӣ, таҳқиқот, санҷишҳо, озмоишҳо, таҳқиқоти токсикологӣ, гигиенӣ ва дигар намудҳои баҳогузорӣ дода мешавад.

Хулосаи санитарию эпидемиологӣ дар намуди коршоям, корношоям, шартан коршоям дода мешавад.

Хулосаи санитарию эпидемиологӣ вобаста ба аҳамияти санитарию эпидемиологӣ ва намуди фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият ба мӯҳлати кӯтоҳ ва тӯлонӣ дода мешавад.

Қарор дар бораи додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ на дертар аз 30 рӯзи баъди гирифтани ариза ва ҳамаи дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ қабул карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳо ва маводи барои таҳияи хулосаи санитарию эпидемиологӣ пешниҳодшуда ва дар мақоми хадамоти санитарию эпидемиологӣ бақайдгирифташуда новобаста аз натиҷаи қарори оид ба онҳо қабулшуда ба аризадиҳанда баргардонда намешаванд.

Бо хоҳиши асосноки соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мӯҳлати амали хулосаро баъд аз иҷро кардани пешниҳодҳои мақоми хадамоти санитарию эпидемиологие, ки хулосаи санитарию эпидемиологӣ додааст, тамдид карда шуда, дар шакли хаттӣ тасдиқ карда мешавад.

Хулосаи санитарию эпидемиологиро мақоми хадамоти санитарию эпидемиологие, ки хулосаи санитарию эпидемиологӣ додааст ва мақоми болоии хадамоти санитарию эпидемиологӣ бозпас гирифта метавонанд.

Сабабҳои зерин барои бозпас гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ асос мебошанд:

- вайрон кардани Тартиби таҳия кардан, додан ва бақайдгирии хулосаи санитарию эпидемиологӣ;
- ба амал омадани ҳолатҳое, ки боиси зарар расидан ба саломатии аҳолӣ гаштаанд;
- аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вайрон гаштани меъёрҳо ва қоидаҳои санитарӣ, ё истифодабарии об ба мақсадҳои пешбининашуда;
- ба поён расидани мӯҳлати дар хулосаи санитарию эпидемиологӣ нишондодашуда;
- аз нав ташкилшавӣ ё барҳам хӯрдани шахси ҳуқуқӣ, марги шахси воқеие, ки системаи таъмини оби нӯшокӣ моликияти вай мебошад;
- ба амал омадани зарурати давлатӣ барои бозпас гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ;
- муайян гаштани камбудиҳо ё маълумоти бардурӯғ дар ҳуҷҷатҳои барои гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ пешниҳодшуда;
- додани системаи таъмини оби нӯшокӣ ба ихтиёри шахси дигар.

Дар ҳуҷҷатҳои барои гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ пешниҳодшуда мавҷуд будани иттилои бардурӯғ, нопурра ва носаҳеҳ барои рад кардани додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ асос мебошанд.

Баъд аз қабул гаштани қарор дар бораи рад кардани додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ. Қарор дар намуди хаттӣ бо нишон додани сабабҳои радкунӣ ба аризандадиҳанда фиристода мешавад.

Даъво аз болои рад кардани додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ баррасӣ мегардад.

Баҳсҳои бамиёномада аз рӯйи масъалаҳои додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанадаи ҶТ баррасӣ мегардад.

Дар ҳолати гум кардани хулосаи санитарию эпидемиологӣ ба аризадиҳанда дар асоси аризаи хатти вай нусхаи хулосаи санитарию эпидемиологӣ дода мешавад.

Соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд, ки барои гузарондани санҷишҳо шароит фароҳам созанд, иттилоот ва ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намоянд, камбудиҳои дар ҷараёни санҷиш муайянгаштаро дар мӯҳлати муайянгашта ислоҳ кунанд.

Дар ҳолати тағйир ёфтани суроғаи ҳуқуқӣ ва номи шахси ҳуқуқӣ, номҳо ва маҳалли зисти соҳибкори инфиродӣ ва шахси воқеие, ки хулосаи санитарию эпидемиологӣ ба номи вай дода шудааст, онҳо ӯҳдадоранд, ки дар бораи аз нав ба расмият даровардани хулосаи санитарию эпидемиологӣ ариза диҳанд ва ба ариза ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиқкунандаи маълумоти нишондодашударо ҳамроҳ кунанд.

Дар ҳолати аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бартараф шудани ҳолатҳое, ки боиси бозпас гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ гаштааст, мақоми хадамоти санитарию эпидемиологӣ дар асоси аризаи онҳо дар мӯҳлати 15 рӯз вазифадор аст дар бораи додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ қарор барорад.

Аризадиҳанда барои пешниҳод намудани маълумоти нодуруст, нопурра ва хато бо мақсади гирифтани хулосаи санитарию эпидемиологӣ тибқи қонунгузории ҶТ ҷавобгар мебошад.

Барои вайрон кардани Тартиби додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ ҷавобгар мебошанд.

Тартиби додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ барои иҷро аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар қаламрави ҶТ ҳатмӣ мебошад.

### 5.2.2. Гирифтани қитъаи замин барои сохтмони системаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ

Додани қитъаи замин барои сохтмони системаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ мутобиқи Қоидаҳо дар бораи ҷудо кардани қитъаҳои замин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ[7] анҷом дода мешавад. Барои ҷудо кардани қитъаҳои замин Қарори Ҳукумати ҶТ, ё мутобиқи салоҳиятҳояшон қарори Раиси вилоят, шаҳр ё ноҳия асос мегарданд.

Шахси барои ҷудо кардани қитъаи замини барои сохтмони иншооти таъмини оби нӯшокӣ ё обпартоӣ манфиатдор мутобиқи ваколатҳояш тавсияи раиси ноҳияро (шаҳрро) пешниҳод менамояд.

Дар тавсияномаи оид ба мувофиқагардонии ҷойгиркунии иншоот мақсади истифодабарии қитъаи замин, андоза ва маҳалли ҷойгиршавии иншоот, инчунин қарори мақомоти болоӣ ё Ҳукумати ҶТ дар бораи сохтмони иншоот нишон дода мешавад.

Ҷойгир кардани иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва/ё обпартоӣ дар асоси лоиҳаи тарҳрезии ноҳиявӣ, лоиҳаи нақшаи генералии маҳалҳои аҳолинишин,

---

[7] Тартиб бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 сентябри соли 2005, №342 тасдиқ карда шудааст

инчунин дигар лоиҳаҳое, ки дар оянда бо пешниҳоди меъмори ноҳия (шаҳр) сохта мешаванд, анҷом дода мешавад.

Барои пешниҳод намудани тавсия дар бораи гирифтани қитъаи замин аз тавозун ва барои сохтмони иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва/ё обпартоӣ пешниҳод намудани он лоиҳаи рушди дурнамо ё қарори мақомоти болоӣ ҳамчун асос хизмат мекунанд.

Раиси ноҳия (шаҳр) тавсияро дар муддати 15 рӯз баррасӣ намуда, барои интихоб кардани қитъаи замин онро ба комиссияи доимоамалкунандаи ноҳия (шаҳр) пешниҳод менамояд.

Ҳангоми омода кардани хулоса дар бораи мувофиқасозии маҳалли ҷойгиршавии иншоот комиссия масъалаҳои зеринро асоси фаъолият қарор медиҳад:

а) лоиҳаи ободонии дохилихоҷагии замин,

б) маводи ҳисобу китоби давлатии заминҳо ва баҳодиҳии дохили хоҷагии заминҳо

в) ҳуҷҷати тарҳрезии ноҳиявӣ,

г) нақшаи генералии сохтмони шаҳрсозии маҳалли аҳолинишин, маҳалҳои фароғатӣ ва минтақаҳои истироҳатӣ,

д) лоиҳаи рушди хоҷагии халқи минтақа, дигар маводи тадқиқотӣ (геоботаникӣ, гидротехникӣ ва агротехнологӣ), инчунин дигар лоиҳаҳои ояндадор.

Комиссия санҷиш ва омӯзиши имкониятҳои ҷойгиркунии иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва/ё обпартоӣ ба заминҳои эҳтиётӣ, заминҳои барои истеҳсолоти кишоварзӣ корношоям ё ба қитъаҳои заминҳои кишоварзии пастсифат, мутобиқан ба маҳалҳои аз ҷиҳати геодинамикӣ хатарнокро анҷом медиҳад. Дар ҳолати зарур будани ҷойгиркунии иншоот дар заминҳои фонди ҷангалҳо интихоби қитъаи замин аз ҳисоби майдонҳое анҷом дода мешавад, ки дар онҳо дарахтон шинонда нашудаанд ё дар он буттаҳо ё растаниҳои камарзиш шинонда шудаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои кораш комиссия санади интихоби қитъаи заминро тартиб медиҳад, ки дар он маълумоти зерин нишон дода мешавад:

а) ҳайати комиссия;

б) тавсифи қитъаи замин аз рӯйи маводи баҳодиҳии дохилихоҷагии заминҳо бо нишон додани маҳсулнокии заминҳо дар муддати 3 соли охир;

в) мавҷудияти сохтмонҳо, иншооти шабакаи обёрӣ, коллекторҳо ва наҳрҳо, дигар иншоот, растаниҳои бисёрсола, киштзор ва арзиши тавозунии онҳо дар қитъаи замини интихобшуда;

г) мақсади истифодабарии қитъаи замини барои гирифтан пешбинишуда;

д) маълумот дар бораи хароҷоти ба гирифтани замин алоқаманд, аз он ҷумла андозаи зарари истифодабарандагони замин, зарари истеҳсолоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал;

е) маълумот дар бораи ҳосилхезии қабати хоки ва кӯчондани хоки мазкур ба заминҳои камҳосил ё таҷдидшаванда ва бардоштани нусха аз нақшаи истифодабарии замин (нишон додани соли нашр, номи нақша, андоза ва контурҳои замин);

ж) эроду пешниҳодҳои намояндагони корхона, ташкилот ва муассисаи манфиатдор;

з) суратмаҷлиси маҷлиси умумии (маҷлиси ваколатдорони) ҷамъият, кооперативи кишоварзӣ, дигар корхонаҳои ғайридавлатӣ, фармони директори хоҷагии давлатӣ, хоҷагии ҷангал, дигар хоҷагиҳо, ташкилотҳои давлатии кишоварзӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ё дигар истифодабарандагони замин, заминҳои фонди давлатии ҷангал бо эродҳо ва розигии мақомоти давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали ҶТ.

и) суратмаҷлиси маҷлиси умумии хоҷагии деҳқонӣ/фермерӣ (дар ҳолати интихоб кардани қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ/фермерӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ);

к) нусхабардорӣ кардани нақшаи истифодабарии замин (бо нишон додани соли нашр, номи нақша, андоза ва контурҳои замин) бо ворид кардани қитъаи замини интихобшуда.

Санади интихоби қитъаи замин ва нусхаи нақшаи истифодабарии замин бо имзоҳо ва мӯҳри ҳамаи аъзоёни комиссия ва тарафҳои манфиатдор тасдиқ карда шуда, ба раиси ноҳия (шахр) пешниҳод карда мешавад.

Раиси ноҳия (шаҳр) маводи оид ба интихоби қитъаи замин пешниҳодшударо баррасӣ менамояд. Дар ҳолати ба таври мусбат ҳал шудани масъала оид ба банақшагирии иншоот дар қитъаи интихобшудаи замин қарор қабул мекунад.

Дар ҳолате, ки агар масъалаи додани иҷозат барои барпо кардани корҳои лоиҳасозӣ марбути салоҳияти раиси вилоят бошад, дар ин ҳолат маводҳо ва қарори раиси ноҳия (шаҳр) барои пешниҳод намудан ба баррасии раиси вилоят ба мақомоти заминсозии вилоят фиристода мешавад.

Агар қарор дар бораи масъалаи мазкур ба ваколати Ҳукумати ҶТ марбут бошад, пас раиси вилоят парвандаи ободонии заминро ҳамроҳи қарори худ барои пешниҳод намудан барои дар Ҳукумати ҶТ баррасӣ гаштан ба Кумитаи давлатии заминсозии ҶТ мефиристад.

Ҳукумати ҶТ дар асоси маводи пешакӣ мувофиқакардашудаи қитъаи замин бо қарори худ барои банақшагирии иншоот дар қитъаи интихобшудаи замин иҷозат медиҳад.

Супориши Ҳукумати ҶТ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба нақша гирифтани қитъаи замин барои азхудкунии қитъаи замин асос намешавад.

Шахсони манфиатдори қитъаи замин дар лоиҳаҳои (нақшаҳои генералӣ) сохтмони иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва/ё обпартоӣ бояд хароҷоти барои пӯшондани зарарҳои истифодабарандагон, зарарҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва хоҷагиҳои ҷангал, азхудкунии заминҳои нав бар ивази заминҳои аз онҳо гирифташуда, инчунин хароҷоти дар амбор ҷойгир кардан, нигоҳубини қабати ҳосилхези хок ва кашондани он ба заминҳои камҳосил ё таҷдидшавандаро ба ҳисоб гиранд.

Дар ҳолати интихоб кардани қитъаи замин барои сохтмони иншооте, ки барои азхудкунии лоиҳаҳои сохтмонҳои маҳал татбиқ мешаванд, маводи заминсозӣ бе мувофиқагардонии пешакӣ дар як марҳила омода карда мешавад.

Барои ҷудо кардани қитъаҳои замин дар мақомоти заминсозии ҶТ ё дар шӯъбаҳои мақомоти маҳаллии мазкур тибқи шартномаи бо истифодабарандаи замин парвандаи заминсозӣ мураттаб карда мешавад.

Баъд аз баррасӣ гаштан ва тасдиқ шудани лоиҳаи сохтмон ва ҷудо гаштани маблағи зарурӣ барои татбиқи он, шахси манфиатдори гирифтани қитъаи замин барои омода намудани парвандаи заминсозӣ барои ҷудо кардани қитъаи замин ариза пешниҳод карда, ба аризаи мазкур ҳуҷҷатҳои зеринро ҳамроҳ мекунад:

а) маводи мувофиқасозии маҳалли ҷойгиршавии иншоот;

б) нусхаи лоиҳаи (нақшаи генералии) сохтмон (ҷойгиркунии ҳамаи иншооти сохтмон дар қитъаи пурсидашуда бо пешниҳод намудани ҳисоби масоҳати замини зарурӣ ва нишон додани навбати банд кардани майдони замин ва сохтмон вобаста ба солҳо).

Пешниҳодкунии лоиҳаҳои сохтмон барои ҷудо кардани заминҳо барои сохтмон бо розигии меъмори ноҳия (шаҳр) анҷом дода мешавад.

Меъмори ноҳия (шаҳр) дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯз аризаро баррасӣ намуда, барои омода кардани парвандаи заминсозӣ оид ба ҷудо кардани қитъаи замин иҷозат медиҳад.

Шахси талабгори қитъаи замин барои сохтмони иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва/ё обпартоӣ барои омода кардани парвандаи заминсозӣ бояд бо мақомоти маҳаллии заминсозӣ ё намояндаи маҳаллии он шарнома бандад.

Мақомоти заминсозӣ/корхонаи он дар асоси маводи пешакӣ мувофиқашудаи маҳалли ҷойгиршавии иншоот ва таҳқиқи воқеии он нусхаи аз рӯйи нақшаи истифодабарии замин бардошташударо (бо нишон додани соли нашр, номи нақша. андоза ва контурҳои замин) ва маводи мазкурро истифода бурда, парвандаи заминсозиро омода карда, сипас онро ба мақомоти зерин мефиристад:

1) нахустистифодабарандагони замин барои баррасӣ кардан дар маҷлиси умумии (маҷлиси ваколатдорон) аъзояш, ки дар суратмаҷлиси он баъд аз қабул гаштани қарори марбута маълумоти зерин нишон дода мешавад:

а) рақами суратмаҷлис ва таърихи барпошавии маҷлис;

б) шумораи иштирокчиён (ваколатдорон) аз шумораи умумии аъзоёни (ваколатдорони) хоҷагии деҳқонӣ/фермерӣ ва хоҷагиҳои дигар;

в) ба кӣ, бо кадом мақсад ва барои чанд сол дода шудани қитъаи замин;

г) масоҳати умумии қитъаи ҷудошудаи замин ва тафсири навъҳои заминҳо;

д) андозаи зарарҳое, ки ба хоҷагӣ пардохт карда мешаванд;

е) миқдори хоҷагиҳое (оилаҳо), ки, агар кӯчондани онҳо аз заминҳои гирифташаванда пешбинӣ шуда бошад, эҳтимол, онҳо ба маҳалҳои дигар ва маҳалҳои биноҳои ҷамъиятӣ кӯчонда мешаванд, он гоҳ ба шаҳрвандон аз кадом заминҳо додани қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ нишон дода мешавад.

2) муайян намудани зарарҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал аз тарафи ташкилотҳои марбутаи ноҳия (шаҳр).

Мавод дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин бо қарори маҷлиси умумӣ (маҷлиси ваколатдорон, аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ/фермерӣ ва хоҷагиҳои дигар) ё бо хулосаи роҳбарияти корхонаҳои давлатии кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, корхонаҳо, ташкилотҳо (хоҷагиҳои давлатӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ) ва дигар истифодабарандагони замин барои баррасӣ ба раиси ноҳия (шаҳр) пешниҳод карда мешавад;

Раиси ноҳия (шаҳр) дар мӯҳлати 15 рӯз маводи мазкурро баррасӣ намуда, дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони иншоот қарор бароварда, тибқи салоҳияташ ба мақомоти маҳаллии заминсозӣ барои мураттаб кардани ҳуқуқи истифодабарии замин иҷозат медиҳад. Оид ба масъалаҳое, ки ба доираи салоҳиятҳои раиси ноҳия (шаҳр) дахл надоранд, тамоми мавод бо қарор ва тавзеҳномаи ба он замимагашта ба мақомоти болоӣ фиристода мешавад. Раисони ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе маводро барои баррасӣ кардан ба Кумитаи давлатии заминсозии ҶТ ва минбаъд пешниҳод шудан ба Ҳукумати ҶТ мефиристанд.

Дар ҳолати ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва/ё обпартоӣ аз заминҳои хоҷагиҳои дар ҳудуди ноҳияҳои дигар истифодашаванда мавод барои ҷудо кардани қитъаи замин барои баррасӣ гаштан ва тасдиқ кардан ба раиси ҳамон ноҳияе (шаҳре) фиристода мешавад, ки қитъаи замин дар қаламрави он ҷойгир шудааст.

Парвандаи заминсозӣ оид ба ҷудо кардани қитъаи замин, ки ба раиси вилоят ё Кумитаи давлатии заминсозии ҶТ фиристода мешавад, бояд маводи зеринро дар бар гирад:

а) тавсияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин;

б) маводи оид ба мувофиқагардонии маҳалли ҷойгиршавии иншоот;

в) нусхаи лоиҳаи (нақшаи генералии) сохтмон бо ҷойгир намудани ҳамаи иншооти сохтмон дар қитъаи замини пурсидашуда бо замима кардани ҳисоби масоҳати талабшуда ва давраҳои бандшавии заминҳо барои сохтмон тибқи солҳо;

г) нусхаи аз нақшаи нахустистифодабарандагони замин бардоштащуда (бо нишон додани соли нашр, номи нақша, андоза ва рақами контури замин);

д) нусха аз нақшаи генералии шаҳр (маҳалли аҳолинишин) ё тарҳи сохтмони шаҳр (маҳалли аҳолинишин) бо нишон додани марзҳои қитъаи замини ҷудошуда;

е) санади тадқиқоти техникӣ бо хулосаи хоҷагии ҷангал ва нақшаи (тарҳи) қитъаҳои ҷангалзорҳои тартибдодаи хоҷагии ҷангал барои ҳолатҳое, ки агар ҷудокунии қитъаи замин дар заминҳои фонди ҷангал анҷом дода шавад (аз он ҷумла аз ҳисоби ҷангалзори дар ихтиёри хоҷагӣ ва дигар истифодабарандагони заминбуда); дар нақшаи схематикӣ (тарҳ) марзҳои гурӯҳи ҷангалзорҳо нишон дода мешавад, агар замин аз якчанд гурӯҳи ҷангалзорҳо ҷудо карда шавад);

ж) хулосаи мақомоти ҳифзи муҳити зист, хоҷагии об, раёсати кишоварзӣ, меъморӣ, сохтмон ва дигар ташкилотҳои марбут;

з) тафсири заминҳои киштзори хоҷагиҳое, ки заминҳояшон қитъаи замин то ва баъд аз гирифтани тафсири замини барои истифодабарӣ пешниҳодшуда ҷудо карда мешавад;

и) нусха аз суратмаҷлиси маҷлиси умумии (маҷлиси ваколатдорони) нахустистифодабарандагон дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин;

к) санади баҳо додан ба ҷуброни зарари истифодабарандагони замин, зарарҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва хоҷагиҳои ҷангал, ки ба гирифтани замин алоқаманд мебошанд;

л) санади баҳои сохтмонҳо ва дарахту буттаҳои ҳар як хоҷагии хусусии шаҳрвандон;

м) лоиҳаи минбаъд табдил додани соҳаи истифодабарии замин (дар ҳолати пешниҳод кардани қитъаи замин барои коркарди канданиҳои фоиданок бо усули кушода ё сохтмон, ки ба вайрон шудани қабати хок алоқаманд аст);

н) маълумотнома (ё лоиҳаи бо имзо ва мӯҳр тасдиққардашуда) дар бораи раёсати марбутаи ҳудудии геологӣ дар бораи мавҷуд будани канданиҳои фоиданок ва дар бораи ҷудо кардани қитъаи замини мувофиқагардондашуда;

о) қарори раиси ноҳия (шаҳр) дар бораи ҷудо кардани қитъаҳои замин;

п) лоиҳаи ҷадвали ҷудо кардани қитъаҳои замин;

р) тавзеҳнома ба лоиҳаи ҷудо кардани қитъаи замин бо имзои иҷрокунандаи он.

Раиси вилоят маводи мазкурро баррасӣ намуда, дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин қарор мебарорад, оид ба масъалаҳое, ки ба доираи салоҳиятҳояш дохил намешаванд бо қарори худ мавод, тавзеҳномаи ба он замимагаштаро ба мақомоти давлатии оид ба заминсозии ҶТ мефиристанд.

Мақомоти давлатии заминсозии ҶТ ҳамаи маводи ба дасташ расидаро баррасӣ намуда, онҳоро бо вазорату ташкилотҳои марбута мувофиқа месозад ва барои баррасӣ намудан ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод мекунад.

Ҳукумати ҶТ маводи мазкур дар бораи ҷудо кардани қитъаи замини барои сохтмони иншоотро баррасӣ намуда, қарори дахлдор мебарорад.

Шахси соҳиби иҷозатнома барои гирифтани қитъаи замин ӯҳдадор аст, ки зарарҳои истифодабарандаи заминро пардохт кунад, инчунин зарарҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангалро ба воситаи гузарондани маблағ ба суратҳисоби махсуси Мақомоти давлатии заминсозии ҶТ (моддаҳои 41-42 Кодекси замини ҶТ) пардохт намояд.

Баъд аз ба ихтиёри шахси сармоягузор додани Сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин, вай ба маблағгузорӣ кардани иншооти сохтмон оғоз мекунад.

То замони гирифтани Сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин ба корҳои истифодбарии қитъаи замин оғоз кардан манъ аст.

Ба шахсоне, ки зарарҳои истифодабарандаи заминро напардохта ва зарарҳои истеҳсолоти кишварзӣ ва хоҷагии ҷангалро дар мӯҳлати муқарраргашта ба суратҳисоби махсуси Мақомоти давлатии заминсозии ҶТ пардохт накардааст, маводи заминсозӣ барои пурра ба расмият даровардани ҳуқуқи истифодабарии замин дода намешавад.

Масъалаҳои дар бораи ҷудо кардани қитъаҳои замини шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишинеро, ки ба ҳайати хоҷагиҳо, хоҷагиҳои ҷангал, дигар истифодабарандагони замин дахл надоранд, мутобиқи Кодекси замини ҶТ раисони шаҳрҳо (ноҳияҳо), Ҷамоатҳо баррасӣ менамоянд.

Марзҳои лоиҳаи тасдиқгаштаи ҷудокунии қитъаи заминро мақомоти маҳаллии заминсозӣ дар ҳузури намояндаи шахсе, ки қитъаи замин барои вай ҷудо карда шудааст, ё, дар ҳолати зарур будан, дар ҳузури намояндагони истифодабарандагони муҷовири заминҳо муқаррар карда мешавад.

Қитъаи замин дар маҳалли он бо аломатҳои ҷуғрофии қабулшуда ҷудо карда шуда, он ба марзҳои иншооти мавҷуда мувофиқ карда мешавад.

Натиҷаҳои кор оид ба табдил додани лоиҳаи қитъаи замини ҷудошуда ба намуди табиӣ ба воситаи лоиҳае ба расмият дароварда шуда, ба он нақшаи табдилдиҳии табиии лоиҳа ба замин илова карда мешавад. Санад (бо имзо ва мӯҳри аъзои комиссия ва тарафҳои манфиатдор тасдиқкардашуда) ва нақша ба парвандаи заминсозӣ илова карда мешаванд.

Шахсе, ки ба вай якчанд қитъаи замин бо мақсади сохтмони иншоот дар муддати чанд сол бонавбат банд кардан ҷудо карда шудааст, метавонад қитъаи замини дар айни ҳол озодро ба истифодабарангони пешинаи заминҳо танҳо бо мақсади дар он ба роҳ мондани истеҳсолоти кишварзӣ муваққатан ба иҷора диҳад.

Ба намуди табиӣ табдил додани лоиҳа танҳо баъд аз пардохт кардани зарарҳои истифодабарандагони замин ва интиқол додани маблағ барои пӯшондани зарарҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал ва гирифтани Сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин анҷом дода мешавад.

Парвандаи заминсозӣ оид ба ҷудо кардани қитъаи замин дар се нусха мураттаб карда шуда, нусхаи аввали он ба Кумитаи заминсозии ҶТ барои баҳисобгирӣ ва нигоҳ доштан, нусхаи дуюм ба мақомоти заминсозии ноҳия (шаҳр), нусхаи сеюм ба фармоишгар супорида мешаванд.

Кумитаи давлатии заминсозии ҶТ мутобиқи ҳуҷҷатҳои заминсозӣ оид ба ҷудо кардани замин Сертификат медиҳад, ки он ҳуқуқи истифодабарии заминро тасдиқ менамояд.

Баъд аз додани Сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин кумитаи заминсозии ноҳия (шаҳр) ба нақшаи истифодабарии замини ноҳия ва маводи дигари баҳисобгирии заминҳо тағйирот ворид карда, истифодабарандаи нави заминро ба қайд мегирад.

### 5.2.3. Гирифтани супориши меъморию тарҳсозӣ тибқи принсипи «равзанаи ягона» барои банақшагирии сохтмони иншоот

Барои гирифтани супориши меъморию тарҳсозии сохтмони иншоот шахси аризадиҳанда ба мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ (меъмори шаҳр, ноҳия) ариза дар шакли тасдиқнамудаи АСваМ (нигаред ба замимаи 1 супориши №44ф аз 9 июни соли 2009)-ро пешниҳод мекунад.

1. Маводи зерин ба ариза ҳамроҳ карда мешавад:

а) нусхаи ҳуҷҷат (сертификат) дар бораи ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин (ҳамроҳи нақшаи қитъаи замин). Барои таҷдид кардани (аз нав тарҳсозӣ кардан ё таҷҳизондан) иншооти амалкунанда, инчунин ҳуҷҷатҳои дигари муқарраркунандаи ҳуқуқҳо, шиносномаи техникии иншооти мазкур пешниҳод карда мешавад;

б) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ваколатҳои намояндаи шахси аризадиҳанда, агар аз номи аризадиҳанда намояндаи вай муроҷиат кунад;

в) иқтидори талабшавандаи системаи муҳандисии иншооти ба нақша гирифташуда барои гирифтани шартҳои техникӣ.

Талаб кардани пешниҳодкунии ҳуҷҷатҳои дигар манъ аст.

Меъмори шаҳр (ноҳия) ариза ва ҳуҷҷатҳои мазкурро қабул карда, ба аризадиҳанда дар ҳамон лаҳза ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қабули ариза ва ҳуҷҷати

тибқи намунаи тасдиқнамудаи АСваМ (нигаред ба замимаи 2 супориши №44ф аз 9 июни соли 2009)-ро медиҳад.

Меъмори шаҳр (ноҳия) вазифадор аст, ки дар муддати 5 рӯзи кории баъд аз гирифтани ариза ва ҳуҷҷатҳои номбаршуда, нусхаҳои онҳо барои гирифтани шартҳои техникиро дар бораи имкони пайваст кардан бо шабакаҳои амалкунанда ба муассисаи обу корези шаҳр (ноҳия) фиристад, агар барои истифодабарии об ва обпартоӣ пайваст шудан ба системаи амалкунандаи обтаъминкунӣ ва обпартоӣ зарур бошад.

Муассисаи обу корези шаҳр (ноҳия) вазифадор аст, ки дар муддати 10 рӯзи кории баъди дастрас кардани ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагашта, ба меъмори шаҳр (ноҳия) шартҳои техникии оид ба имкони пайваст шудан ба шабакаи амалкунандаи обтаъминкунӣ ва обпартоиро фиристода, маҳалли пайвастшавиро нишон диҳад. Дар ҳолати мавҷуд набудани имконияти пайвастшавӣ роҳҳои дигари таъминоти муҳандисии иншоот бояд нишон дода шаванд.

Дар ҳолати аз тарафи муассисаи обу корез дар мӯҳлати муқарраргашта пешниҳод нашудани ҷавоби қабул ё рад, шартҳои техникӣ додашуда ҳисобида мешавад. Дар ин ҳолат додани супориши меъморӣ барои банақшагирии иншоот мутобиқи талаботи умумии пешбининамудаи қонунгузории ҶТ анҷом дода шуда, ҷавобгарии пешниҳодкунии шартҳои техникӣ барои додани супориши меъморӣ ба зиммаи муассисаи обу корез меафтад.

Аз тарафи муассисаи обу корез ба меъмори шаҳр (ноҳия) додани шартҳои техникӣ ройгон анҷом дода мешавад.

Меъмори шаҳр (ноҳия) ӯҳдадор аст, ки дар муддати 5 рӯзи кории аз лаҳзаи гузаштани мӯҳлати 10-рӯза, супориши меъморӣ ё қарори асоснок дар бораи рад гаштани додани супориши меъморӣ диҳад ва аризадиҳандаро дар ин бора ба таври хаттӣ ҳатман огоҳ кунад. Намунаи огоҳиномаро АСваМ ҶТ (нигаред ба замимаи 17 супориши №44ф аз 9 июни соли 2009) тасдиқ намудааст.

Супориши меъморӣ барои лоиҳакашии иншоот дар ду нусха тартиб дода шуда, яке аз нусхаҳо ба аризадиҳанда дода шуда, нусхаи дуюм дар дасти меъмори шаҳр (ноҳия) боқӣ мемонад.

Дар супориши меъморӣ маълумоти зерин бояд ҷойгир карда шаванд:

а) талаботи асосии давлатӣ ва меъморию тарҳсозӣ ба иншооти банақшагирифташуда, аз он ҷумла маълумот дар бораи регламентҳои шаҳрсозии истифодабарӣ ва сохтмон дар қитъаи замин, ки онҳоро ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ муқаррар намудаанд, аз он ҷумла нақшаҳои ба минтақаҳо ҷудокунӣ ва сохтмони ҳудудҳо;

б) талабот оид ба ободонӣ, ташкили таваққуфгоҳҳо ва гузаргоҳҳо (вобаста ба таъиноти функтсионалии иншоот);

в) шартҳои техникии пайваст кардан ба шабакаҳои муҳандисӣ.

Ба супориши меъморӣ ворид кардани талаботи дигар манъ аст.

Мавҷуд набудани имконияти пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ барои рад кардани талаби додани супориши меъморӣ асос намешавад.

Аризадиҳанда агар бо талаботи супориши меъмории додаи меъмори шаҳр (ноҳия) розӣ набошад, ҳуқуқ дорад ба мақомоти болоии меъморӣ ва шаҳрсозӣ ё ба суд муроҷиат кунад.

Таҳия кардани супоришҳои меъморӣ ва шартҳои техникӣ пулакӣ анҷом дода мешаванд. Андозаи арзиши омодакунии супоришҳои меъморӣ ва шартҳои техникӣ рӯзи 14 апрели соли 2010 аз тарафи АСваМ бо розигии Хадамоти зиддимонополии назди Ҳукумати ҶТ муқаррар карда шуда, дар Вазорати адлияи ҶТ 20 сентябри соли 2010, №590 ба қайд гирифта шудааст.

Баррасӣ кардани ариза барои додани супоришҳои меъморӣ ва шартҳои техникӣ, инчунин додани онҳо ройгон анҷом дода мешаванд.

### 5.2.4. Омода кардан, мувофиқа гардондан ва гузарондани ташхиси ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ

**а) Омода кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ.** Омода кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмон мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 41 ва 42 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» татбиқ карда мешавад.

Таҳиягарони лоиҳаҳои сохтмон мутобиқи қонунгузории ҶТ соҳиби ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳо мебошанд, инчунин барои қарорҳои аз рӯйи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва техникии таҳиянамудаи онҳо қабулшуда ҷавобгар мебошанд (фаслҳои 4 ва 5 ҳамин Дастур).

**б) Мувофиқа гардондани ҳуҷҷатҳо.** Мувофиқа гардондани ҳуҷҷатҳо бо назардошти талаботи қонун дар бобати мутобиқати онҳо бо шартҳо ва талаботи зерин анҷом дода мешавад:

а) шартҳо ва талаботи супориши меъморӣ;

б) меъёрҳои шаҳрсозӣ ва талаботи дигари муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, аз он ҷумла лоиҳаҳои ба минтақаҳо ҷудо кардан ва сохтмони ҳудудҳо;

в) талаботи зидди сӯхтор, санитарию гигиенӣ ва экологӣ.

Аризадиҳанда ба меъмори шаҳр (ноҳия) тибқи намунаи тасдиқнамудаи АСваМ (нигаред ба замимаи 5 супориши №44ф аз 9 июни соли 2009) ариза пешниҳод мекунад.

Ба ариза танҳо ҳуҷҷатҳои лоиҳавии мутобиқи банди «а» ҳамин параграф таҳияшуда (***Омода кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ***) замима карда мешаванд.

Талаб кардани ҳуҷҷатҳои дигар манъ аст.

Меъмори шаҳр (ноҳия) аризаро қабул карда, ҳамон замон ба аризадиҳанда ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қабули ҳуҷҷатҳои мазкурро медиҳад, ки онҳо мутобиқи намунаи тасдиқнамудаи АСваМ (нигаред ба замимаи 6 супориши №44ф аз 9 июни соли 2009) таҳия карда шудаанд.

Меъмори шаҳр (ноҳия) вазифадор аст, ки дар муддати 3 рӯзи кории аз лаҳзаи ворид шудани ариза мутобиқ будани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ба талаботи муқарраргаштаро санҷида, дар бораи мутобиқат кардан ё накардани онҳо қарори (фармони) хаттӣ барорад ва аризадиҳандаро дар ин бора ба таври хаттӣ огоҳ гардонад.

Бо мақомоти ваколатдор ва хадамоти муҳандисию техникӣ мувофиқа кардани фаслҳои дигари ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои мутобиқат кардани онҳо бо шартҳо ва талаботи дар марҳилаи аввали додани супориши меъморӣ пешниҳодшуда талаб карда намешавад.

Барои риоя накардани талаботи зидди сӯхтор, санитарию гигиенӣ ва дигари шаҳрсозии барои ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ сармеъмор ва сармуҳандиси лоиҳа ҷавобгар мебошанд.

Ҳуҷҷатҳои лоиҳавии мувофиқагардондашуда бо имзои сармеъмор ва мӯҳри мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ тасдиқ карда мешаванд.

Танҳо ба меъёрҳои шаҳрсозӣ ва талаботи супориши меъморӣ мутобиқ набудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, инчунин ба тарҳи қитъаи замин мутобиқат накардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ метавонанд боиси рад кардан шаванд.

Мувофиқагардонии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ба таври ройгон анҷом дода мешавад.

Меъмори шахр (ноҳия) на дертар аз рӯзи ояндаи баъди рӯзи мувофиқагардонии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ба аризадиҳанда ҳуҷҷатҳои лоиҳавии тасдиқшуда ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳои барои гузарондани ташхиси шаҳрсозӣ пешниҳодкардашударо бармегардонад.

**в) Гузарондани ташхиси ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ**. Ташхиси ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ бо мақсади назорат кардан аз болои риояи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ, меъёрҳо, қоидаҳо ва стандартҳои таҳиясозии онҳо анҷом дода мешавад.

Баҳо додан ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ дар натиҷаи ташхиси онҳо бояд ба ҳуҷҷатҳои зерин мутобиқ бошад:

а) бо қарорҳои лоиҳавии супориши меъморӣ, супориш барои лоиҳакашӣ (дар байни фармоишгар ва таҳиякунандаи лоиҳа) ва ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ;

б) асоснокии қарорҳои ҳаҷму тарҳсозӣ ва конструкторӣ, маводи истифодашаванда ва таҷҳизоти муҳандисӣ, боэътимодӣ ва устувории конструктсияҳои асосии сохтмони биноҳо ва иншоот;

в) натиҷаҳои тадқиқотҳои муҳандисию геологӣ (дар ҳолати зарур будан);

г) асоснокӣ ва боэътимодии нишондиҳандаҳо, аз он ҷумла арзиши ҳисобӣ ва харҷномавии сохтмон (танҳо барои иншооте, ки аз буҷети давлатӣ ва (ё) буҷети маҳаллӣ сармоягузорӣ карда мешавад).

Ташхиси ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ метавонад ҳатмӣ ё ихтиёрӣ бошад.

Ташхиси ҳатмии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва тадқиқотҳои муҳандисӣ вобаста ба иншооти зерин гузаронда мешавад:

а) иншооте, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ё бо иштироки он бунёд карда мешаванд, инчунин иншооте, ки бе иштироки маблағҳои давлатӣ бунёд шуда, вале тибқи муқарраротИ қонун ҳиссаи давлат дар ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда ё хизматҳо пешбинӣ карда мешавад;

б) новобаста аз манбаъҳои маблағгузории сохтмони онҳо дар соҳаи мутобиқат кардан ба талаботи меъёрҳои давлатии шаҳрсозии санитарӣ, экологӣ, зидди сӯхтор ва хатари таркиш, ҳифзи меҳнат, боэътимодии конструктсияҳо, устувории фаъолияти иншооти хатарнок ва аз ҷиҳати техникӣ мураккаб, оид ба таъмини дастрасии маъюбон ба иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ, нақлиёт ва фароғатӣ.

Дар бораи аз ташхиси давлатӣ гузарондани ҳуҷҷатҳои лоиҳавии иншооте, ки аз ҳисоби маблағҳои худи фармоишгар бунёд карда мешаванд (аз он ҷумла маблағҳои ҷалбкардаи фармоишгар, маблағҳои сармоягузорони хориҷӣ), ба ғайр аз иншооти эҳтимолан хатарнок ва аз ҷиҳати техникӣ мураккаб, худи фармоишгар қарор қабул мекунад.

Мутобиқи қарори №2 АСваМ аз 9 январи соли 2009[8] лоиҳаҳои зерин аз ташхис гузаронда намешаванд:

а) сохтмони иншооти ҷамъиятӣ, ба ғайр аз иншооте, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ бунёд карда мешаванд;

б) оид ба таъмир ва таҷдиди иншооте, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ бунёд шуда, харҷномаашон аз 100 (сад) ҳазор сомонӣ зиёд нест.

Мӯҳлати гузарондани ҳар як ташхис вобаста ба андоза ва мураккабии иншоот муқаррар карда шуда, бояд аз 20 рӯзи корӣ зиёд набошад:

а) барои иншооти азим (аз 1000 метри мураббаъ зиёд) то 20 рӯзи корӣ;

б) барои иншооти миёна (аз 300 то 1000 метри мураббаъ) то 10 рӯзи корӣ;

в) барои иншооти хурд (то 300 метри мураббаъ) то 5 рӯзи корӣ.

Дар ҳолатҳои алоҳида, ҳангоми баррасӣ намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавии иншооти азим, мӯҳлати дар банди «а» нишондодашударо, баъд аз хаттӣ огоҳ кардани аризадиҳанда, то 10 рӯзи корӣ дароз кардан мумкин аст.

Аз рӯйи натиҷаҳои ташхиси гузарондашудаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, дар доираи мӯҳлатҳои дар бандҳои «а», «б», «в» муқарраргашта, дар бораи мутобиқати ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ба талаботи меъёрҳо тибқи қолаби тасдиқнамудаи АСваМ (нигаред ба замимаи 16 супориши №44ф аз 9 июни соли 2009) хулоса тартиб дода шуда, он ба фармоишгар супорида мешавад.

Хулоса дар бораи зарурати дубора мукаммал гардондани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, бо нишон додани камбудиҳои асосӣ ё рад кардани тасдиқи қарорҳои лоиҳавию техникии иншооти мавриди ташхис, бо нишон додани сабабҳои радкунӣ, дар ҳолати мавҷуд будани эродҳо ва пешниҳоду таклифҳои ташхис тартиб дода мешавад. Дар доираи мӯҳлатҳои мазкур хулоса тартиб дода шуда, он ба фармоишгар супорида мешавад.

Дар ҷараёни гузарондани ташхис мақомоти давлатии ташхис ҳуқуқ дорад бо тартиби корӣ барои ислоҳ намудани эродҳо ва камбудиҳои муайяншуда таҳиякунандаи лоиҳаро ҷалб созад.

Дар ҳолати тартиб дода шудани хулосаи пешбиникунандаи зарурати такроран мукаммалгардонии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ аризадиҳанда вазифадор аст, ки бо назардошти эродҳо ва пешниҳодҳои дар хулоса нишондодашуда ҳуҷҷатҳои лоиҳавиро барои ташхиси такрорӣ пешниҳод кунад.

Ташхиси такрории ҳуҷҷатҳои лоиҳавии бо мақсади бартарафсозии эроду камбудиҳои муайяншуда такроран мукаммалкардашуда дар муддати 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи воридшавии мавод анҷом дода мешавад.

Хулосаи мусбати ташхисро роҳбари мақомоти марбутаи идораи ташхиси давлатӣ тасдиқ намуда, ба он мӯҳри ҳамон мақомотро мегузорад ва на дертар аз рӯзи ояндаи баъди ба охир расидани мӯҳлати марбути дар бандҳои а), б), в) нишондодашуда онро ба аризадиҳанда мефиристонад.

Хулосаи ташхисе, ки коршиноси мустақил гузарондааст, бо имзо ва мӯҳри ҳамон коршинос тасдиқ карда шуда, ба аризадиҳанда фиристода мешавад.

**Эзоҳ**: Дар ҳолати ворид кардани тағйирот ба ҳуҷҷати лоиҳавии аз ҷараёни мувофиқагардонӣ ва (ё) ташхис тибқи тартиби муқарраршуда гузашта,

[8] нигаред ба Замимаи 1

аризадиҳанда ӯҳдадор аст, ки ҳуҷҷатҳои мукаммалгардондашудаи лоиҳавиро барои мувофиқа гардондан ва (ё) ташхис тибқи тартиби пешбининамудаи Тартиб пешниҳод намояд. Дар баробари он, танҳо ҳамон фаслҳои ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ мавриди мувофиқагардонӣ ва (ё) ташхис қарор дода мешаванд, ки ба онҳо тағйирот ворид карда шудааст.

Ташхиси ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ пулакӣ анҷом дода мешавад. Андозаи арзиши ташхисро АСваМ (аз 17 марти соли 2009) бо розигии Вазорати молияи ҶТ (аз 16 апрели соли 2009) ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ (аз 5 майи соли 2009)[9] муқаррар намудааст.

### 5.2.5. Иҷозатномагирӣ барои истифодабарии махсуси об

Истифодабарии иншооти об барои ниёзҳои обтаъминкунӣ бо истифодаи таҷҳизоти техникӣ дар асоси Иҷозатнома барои истифодабарии махсуси об татбиқ карда мешавад. Иҷозатномаи мутобиқи Тартиб мураттабгашта, бақайдгирӣ ва додани иҷозат барои истифодабарии махсус[10] ва Низомнома «Дар бораи тартиби мувофиқа гардондан ва додани иҷозат барои истифодабарии махсуси об»[11] дода мешавад.

Дар ҳолатҳои истифода бурдани обҳои зеризаминӣ, барои таъминоти муттамарказонидашудаи об бо роҳи дар ҳудуди деҳаҳо, шаҳракҳои чоҳҳои шахта, чоҳҳои филтркунӣ, инчунин сарчашмаҳои каптежҳои бе иҷборан паст кардани сатҳи об фаъолияткунанда, мақомоти иҷроияи ҳокимияти худидораи маҳаллии (ҷамоатҳо) ҷамоатҳо ва деҳаҳо иҷозат медиҳанд (моддаи 33 Кодекси оби ҶТ).

Дар ҳолати истифода бурдани оби манбаи табиӣ (чашмаҳо ва ғайра) Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ иҷозат медиҳад.

Чоҳҳо ва каптежҳои мазкур дар заминҳои захираи давлатӣ ва фонди давлатии ҷангал бо розигии мақомоти махсуси ваколатдор оид ба танзимкунии истифодабарӣ ва ҳифзи об, идораи захираҳои замин ва заминсозӣ ва назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, дар асоси иҷозати додаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сохта мешаванд. Дар ҳолатҳои боқимонда ИИМО (иҷозат барои истифодабарии махсуси об)-ро Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ медиҳад.

Манбаи об ҳамон вақт ба сифати сарчашмаи таъминоти муттамарказонидашудаи об эътироф карда мешавад, ки агар аз он барои таъмини оби биноҳо ва иншоот дар як шабонарӯз дар ҳаҷми аз 50м$^3$ (0,57 *л*/сония) зиёд об дода шавад.

Ҳуҷҷатҳо барои гирифтани ИИМО (иҷозат барои истифодабарии махсуси об)-ро истифодабарандаи об ё бо хоҳиши вай ташкилоти лоиҳакашӣ, илмӣ ё ташкилоти дигар анҷом медиҳанд. Барои мураттаб кардани ИИМО (иҷозат барои

---

[9] Нигаред ба замимаи 2.

[10] Тартиб бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2002, №485 тасдиқ карда шудааст.

[11] Низомномаро Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали ҶТ аз 20 январи соли 2005 тасдиқ карда шуда, бо Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ, Вазорати тандурустии ҶТ, Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати ҶТ ва Сарраёсати назорати давлатӣ аз болои бехатарии ба роҳ мондани корҳо дар саноат ва назорати кӯҳи назди Ҳукумати ҶТ мувофиқа карда шудааст.

истифодабарии махсуси об) ба мақсадҳои таъмини оби нӯшокӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- нусхаи санад дар бораи интихоби қитъаи замини сохтмон бо хулосаи мақомоти ваколатдор (барои сохтмони нав);

- тавсифи мухтасари иншоот аз рӯйи маводи лоиҳа (иттилоъ дар бораи чоҳ ё манбаи оби барои таъмини оби нӯшокӣ истифодашаванда, шумораи аҳолӣ, чорвои хонагӣ ва ғайра);

- схемаи таъмини об ва ихроҷи пасобҳо бо нишон додани манбаъҳои таъмини об, қабулкунаки пасобҳо, маҳалҳои пешбинишудаи ҷойгирсозии иншоот ва дастгоҳҳои обгирӣ, обихроҷӣ ва ғайра.

ИИМО (иҷозат барои истифодабарии махсуси об) аз тарафи истифодабарандаи об мувофиқа намудани шартҳои таъмини оби нӯшокӣ баъди бо мақомоти Назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, инчунин ҳангоми истифодабарии обҳои зеризаминӣ бо мақомоти геологӣ, дода мешавад.

Истифодабарии махсуси оби манбаъҳои оби барои истифодабарии мустақилонаи корхонаҳо ва ташкилотҳо – истифодабарандагони аввалияи об пешбинишуда, бо розигии корхонаҳо ва ташкилотҳои мазкур иҷозат дода мешавад. Истифодабарии махсуси об аз системаҳои хатти оби корхона ё иншоот бо розигии системаҳои мазкур иҷозат дода мешавад.

Мувофиқа кардани шартҳои истифодабарии махсуси об ва додани иҷозат барои он дар асоси тавсияи хаттии истифодабарандаи об анҷом дода мешавад. Ихтилофоти ҳангоми мувофиқагардонии шартҳои истифодабарӣ ва додани ИИМО (иҷозат барои истифодабарии махсуси об) дар байни истифодабарандагони об ва мақомоти махсус ваколатдоркардашудаи давлатӣ бавуҷудомада дар вазоратҳо ва идораҳое баррасӣ мегардад, ки мақомоти мазкур тобеъи онҳо мебошанд.

Додани ИИМО (иҷозат барои истифодабарии махсуси об) бо мақсади оби нӯшокӣ барои се сол (дар ҳолати истифодабарии кӯтоҳмуддат) ва аз се то бист сол (дар ҳолати истифодабарии дарозмуддат) аз тарафи мақомоти иҷозатдода анҷом дода мешавад.

Дар ҷараёни лоиҳакашӣ ва сохтмони иншооти таъмини оби нӯшокӣ барои тамоми мӯҳлати пурраи лоиҳакашӣ ва сохтмони иншоот як иҷозат барои истифодабарии махсуси об дода мешавад.

### 5.2.6. Гирифтани иҷозат барои анҷом додани корҳои сохтмон

Мавҷуд будани иҷозат барои иҷро кардани корҳои сохтмон яке аз шартҳо барои оғоз кардани корҳои сохтмон мебошад.

Иҷозат барои иҷро кардани корҳои сохтмонро мутобиқи моддаи 23 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» дар ҳолати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зерин меъмори шаҳр (ноҳия) медиҳад:

а) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқ барои истифодабарии қитъаи замин (сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин);

б) лоиҳаи бо меъмори шаҳр (ноҳия) мувофиқакардашудаи иншооти сохтмон;

в) хулосаи мусбати ташхиси ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ.

Меъмори шаҳр (ноҳия) дар муддати 5 рӯзи корӣ аз рӯзи ворид шудани ариза ва ҳуҷҷатҳои мазкур вазифадор аст, ки ба аризадиҳанда барои иҷро кардани корҳои сохтмон тибқи қолаби тасдиқнамудаи АСваМ (нигаред ба замимаи 11 супориши №44ф аз 9 июни соли 2009) иҷозат диҳад.

Дар ҳолати ба талаботи қонунгузорӣ мутобиқ наомадани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, меъмори шаҳр (ноҳия) дар муддати 5 рӯзи кории аз рӯзи воридшавии ариза вазифадор аст, ки дар бораи рад карда шудани додани иҷозат барои иҷрои корҳои сохтмон қарори хаттӣ бароварда, нусхаи онро ба аризадиҳанда пешниҳод кунад.

Дар ҳолати баъд аз бартараф кардани камбудиҳо такроран муроҷиат намудани аризадиҳанда иҷозат дар муддати 5 рӯзи кории баъди ворид шудани ҳуҷҷатҳо дода мешавад.

Аз болои қарори меъмори шаҳр (ноҳия) дар бораи рад кардани додани иҷозати иҷрои корҳои сохтмон ба мақомоти болоӣ ё суд шикоят кардан мумкин аст.

Иҷозат барои сохтмони иншооти мушаххас ва ба мӯҳлати сохтмони ҳамон иншоот дода мешавад.

Нусхаи иҷозатномаи меъмори шаҳр (ноҳия), инчунин ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, китоби назорати муаллифӣ, китоби иҷрои корҳо бояд дар майдони сохтмон нигоҳ дошта шаванд ва бо талаби шахсони ваколатдори мақомоти назоратӣ пешниҳод карда шаванд.

Ҳангоми гузаштани ҳуқуқи соҳибмулки иншооти сохтмон ба шахси дигар, ё дар ҳолати боз доштан ё қатъ гаштани сохтмони иншоот, аризадиҳанда ӯҳдадор аст, ки дар муддати 10 рӯзи кории аз лаҳзаи қабул шудани чунин қарор меъмори шаҳрро (ноҳия) огоҳ гардонад.

Дар ҳолати қабул нашудани қарор дар бораи додани иҷозатнома барои иҷрои корҳои сохтмон, ё дар бораи рад гаштани додани иҷозатнома дар мӯҳлатҳои мазкур, иҷозатнома барои иҷрои корҳои сохтмон додашуда ҳисобида мешавад. Дар ин ҳолат меъмори шаҳр (ноҳия) ӯҳдадор аст, ки дар муддати 3 рӯзи кории аз лаҳзаи гузаштани мӯҳлатҳои муқарраргашта ба аризадиҳанда барои иҷрои корҳои сохтмон иҷозатнома диҳад.

Иҷозатнома барои иҷрои корҳои сохтмон бепул дода мешавад.

Аз болои ҷараёни сохтмони иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва обихроҷӣ, ки дар қаламрави ҶТ бунёд мешаванд, мутобиқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории ҶТ назорати давлатии техникӣ, муаллифӣ ва намудҳои дигари назорат ба роҳ монда мешаванд.

### 5.2.7. Барои баистифодабарӣ қабул кардани иншооти сохтмонаш анҷомёфта

Масъалаи барои баистифодабарӣ қабул кардани иншооти таъмини об ва/ё обпартоӣ сохтмони он анҷомёфта ба таври зерин танзим карда мешавад:

1) Кодекси граждании ҶТ (моддаҳои 731, 769 – 763 ва ғайра);

2) Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» (моддаҳои 45 – 48);

3) Тартиби гузаштани расмиёти маъмурие, ки ба татбиқсозии фаъолияти сохтмон дар ҶТ алоқаманд аст (боби 10);

4) МҚС ҶТ 12.01-2007 «Барои баистифодабарӣ қабул кардани иншооти сохтмони он анҷомёфта. Муқарраротти умумӣ».

Барои баистифодабарӣ қабул кардани иншооти бунёдшудаи таъмини об ва/ё обпартоӣ дар ҳолати мутобиқи лоиҳаи тасдиқгашта пурра омода будан ва мавҷуд будани хулосаи мусбати комиссияи корӣ, аз тарафи Комиссияи давлатии қабул анҷом дода мешавад.

Баистифодабарии иншооти бунёдшуда бе иҷозати комиссияи давлатии қабул иҷозат дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 46 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ».

Санади комиссияи далатии қабули иншооти бунёдшуда дар бораи барои баистифодабарӣ қабул кардан дар ҳолати бақайдгирии ҳуқуқи соҳибмулк ҳуҷҷати аввалия мебошад.

Санади қабули иншооти бунёдшуда барои баистифодабарии аз тарафи комиссияи давлатии қабул додашуда бояд тасдиқ карда шавад. Онро мақомоти таъиннамудаи комиссияи давлатии қабул тасдиқ менамояд, ки мақомоти зерин буда метавонанд:

а) Ҳукумати ҶТ бо пешниҳоди мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, ё;

б) мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ё;

в) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо.

Таърихи рӯзи барои баистифодабарӣ қабул кардани комиссияи давлатии қабули иншоот рӯзи тасдиқ гаштани санад дар бораи барои баистифодабарӣ қабул кардани иншоот аз тарафи мақомоти таъиннамудаи комиссия ҳисоб карда мешавад.

Барои баистифодабарӣ қабул кардани иншооти бунёдшуда, ки банди 6 Тартиб пешбинӣ намудааст, мутобиқи моддаи 46 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» аз тарафи соҳибмулки (фармоишгар, сармоягузор, сохтмончӣ) иншоот мустақиман анҷом дода мешавад.

Барои омода кардани иншоот ба қабул барои баистифодабарӣ фармоишгар (бинокор) комиссияи корӣ таъсис медиҳад, ки он дар муддати аз 5 то 10 рӯзи корӣ, вобаста ба аҳамият ё арзиши сохтмони барои баистифодабарӣ пешбинишуда, санҷиши умумии омодагии иншоотро барои баистифодабарӣ гузаронда, дар бораи пешниҳод кардан ба Комиссияи давлатии қабул хулоса омода мекунад.

Иншооти обтозакунии дубора сохташаванда, иншооти васеъ ва таҷдидшавандаро баъд аз гузаштани санҷиши гидравликии қубурҳои об ва зарфҳои иншоот дар муддати (на кам аз се шабонарӯз) ба таври мукаммал дар зери фишори оби тоза ё пасоб санҷидан, инчунин баъд аз санҷидани кори муштараки ҳамаи иншоот барои қабул кардан пешниҳод мекунанд.

Танзимкунии раванди тозакунии биологии пасобҳоро баъд аз барои баистифодабарӣ қабул шудани иншооти обтозакунӣ дар ҳолати ҳарорати гармии ҳаво шабона на кам аз $10^0$С будан ва рӯзона на дертар аз мӯҳлатҳои зерин анҷом додан зарур аст:

| **Иқтидори иншооти обтозакунӣ,** | **Ҳудуди давраи танзимоварӣ,** |
|---|---|

| ҳазор $м^3$ /шабонарӯз | моҳ |
|---|---|
| то 0,7 вкл. | 3 |
| аз 0,7 то 10 | 5 |
| 10-40 | 8 |
| 40-130 | 9 |
| 130-175 | 10 |
| 175-280 | 11 |
| 280-350 | 12 |
| 350 | 13 |

Барои баистифодабарӣ қабул кардани иншоот аризадиҳанда баъд аз анҷом ёфтани санҷиши умумии омодагии иншооти баистифодабарӣ хулосаи тайёркардаи комиссияи кориро якҷоя бо ариза ва ҳуҷҷатҳое, ки рӯйихаташонро мақомоти ваколатдори давлатии сохтмон ва меъморӣ муқаррар намудааст, ба Комиссияи давлатии қабул пешниҳод мекунад.

1) пудратчии генералӣ ба комиссияи корӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

а) рӯйихати ташкилотҳое, ки дар иҷро кардани корҳои сохтмон иштирок кардаанд, бо нишон додани намудҳои корҳои иҷрокардаи онҳо ва ному насаби коркунони муҳандисию техникии бевосита барои иҷрои корҳои мазкур ҷавобгар;

б) маҷмӯи нақшаҳои кории сохтмонии барои қабули иншоот пешниҳодшавандаи таҳиянамудаи ташкилотҳои лоиҳакашӣ, ки ба онҳо поваракҳои тасдиққунандаи мутобиқати нақшаҳои мазкур ба корҳои ба таври воқеӣ иҷрошуда, ё тағйироту иловаҳои ба онҳо воридкардаи шахсони масъули иҷрои корҳои сохтмону васлкунӣ. Маҷмӯи нақшаҳои мазкури корӣ ҳуҷҷатҳои иҷроия мебошанд;

в) сертификатҳо, шиносномаҳои техникӣ ё ҳуҷҷатҳои дигаре, ки сифати масолеҳ, конструктсияҳо ва қисмҳои ҳангоми иҷрои корҳои сохтмону васлкунӣ истифодашавандаро тасдиқ менамоянд,

г) санадҳое, ки шоҳиди корҳои ба назар нонамоён, қабули миёнамӯҳлати конструктсияҳои алоҳидаи асосӣ (констркутсияҳои асосии оҳанӣ ва оҳану бетонӣ ва ғайраҳо) мебошанд;

д) санадҳо дар бораи санҷишҳои инфиродии таҷҳизоти васлшуда; санадҳо дар бораи озмоиши технологии қубурҳои об, системаҳои дохилии таъмини оби гарму хунук, корез, шабакаҳои кушодаи обтаъминкунӣ, корез, асбобҳои обихроҷӣ; санадҳо дар бораи иҷро кардани устуворгардонии (зич кардани) ҷойҳои воридшавӣ ва баромади коммуникатсияҳои муҳандисӣ, маҳалҳои мутобиқи лоиҳа (лоиҳаи корӣ) аз зери деворҳои биноҳо гузаштани қубурҳо;

е) китобҳои иҷрои корҳо ва назорати муаллифии ташкилоти лоиҳакашӣ, маводи тадқиқот ва санҷишҳои дар ҷараёни сохтмон анҷомдодаи мақомоти давлатии назоратӣ.

Талаб намудани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки қонунгузорӣ пешбинӣ накардааст, манъ мебошад.

Аризадиҳанда барои саҳеҳии иттилооти дар ҳуҷҷатҳои барои қабули иншооти баистифодабарӣ пешниҳодкардааш ҷавобгар мебошад ва ин масъала дар аризааш сабт карда мешавад.

Комиссияи давлатии қабул ариза ва ҳуҷҷатҳоро қабул карда, дар ин бора ба аризадиҳанда ҳуҷҷати тасдиққунанда медиҳад.

Комиссияи давлатии қабул дар муддати аз 5 то 10 рӯзи кории аз лаҳзаи қабули ҳуҷҷатҳо, вобаста ба аҳамият ва арзиши сохтмон, санҷиши умумии омодагии иншоотро гузаронда, озмоиши назоратии таҷҳизот ва системаи муҳандисиро анҷом медиҳад.

Баъд аз ин, Комиссияи давлатии қабул дар бораи қабул кардан ё рад кардани иншоот барои баистифодабарӣ дар қолаби муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатии сохтмон ва меъморӣ Санад тартиб медиҳад.

Ба Санад дар бораи қабул ё рад кардани иншоот барои баистифодабарӣ аризадиҳанда, муаллифи лоиҳа, пудратчӣ, раис ё узви Комиссияи давлатии қабул имзо мегузоранд.

Агар дар мӯҳлати муқарраргашта (аз 5 то 10 рӯзи кории аз лаҳзаи қабули ҳуҷҷатҳо, вобаста ба аҳамият ва арзиши сохтмон) дар бораи қабули иншоот барои баистифодабарӣ ё рад кардани иншоот барои баистифодабарӣ Санад тартиб дода нашавад, қарор қабулшуда ҳисобида мешавад.

Баъд аз ин, бо талаби аризадиҳанда, Комиссияи давлатии қабул ӯҳдадор аст, ки дар муддати 3 рӯзи кории баъди гузаштани мӯҳлатҳои мукарраргашта дар бораи қабули иншоот барои баистифодабарӣ санад мураттаб сохта, ба он маълумотнома зам карда, барои тасдиқ намудан ба мақомоти таъиннамудаи Комиссияи давлатии қабул пешниҳод кунад.

Санад дар бораи қабул ё рад кардани иншоот барои баистифодабарӣ ва маълумотномаи ба он замимашударо худи Комиссияи давлатии қабул тартиб дода, дар муддати як рӯзи аз лаҳзаи ба имзо расидаи Санад барои тасдиқ кардан ба моқомоти таъиннамудаи Комиссияи давлатии қабул супорида мешавад.

Санад дар бораи қабул ё рад кардани иншоот барои баистифодабарӣ бояд дар муддати 10 рӯзи корӣ тасдиқ карда шавад.

Агар дар мӯҳлатҳои мазкур санад дар бораи қабул ё рад кардани иншоот барои баистифодабарӣ тасдиқ карда нашавад, пас иншоот қабулшуда ҳисобида мешавад ва санад дар бораи тасдиқи он тасдиқшуда ҳисобида мешавад.

Санади тасдиқшудаи қабули иншоот барои баистифодабарӣ барои баистифодабарии иншоот ва бақайдгирии давлатии ҳуқуқи маҳсулоти тайёри сохтмон асос мебошад.

Қабули иншоот барои баистифодабарӣ бепул анҷом дода мешавад.

### 5.2.8. Мураттаб кардани ҳуқуқи соҳибмулки иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ

Санад дар бораи қабули иншооти обтаъминкунӣ ва обпартоӣ барои баистифодабарӣ, ки аз тарафи раиси шаҳр (ноҳия) ё Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шудааст, барои бақайдгирии ҳуқуқи соҳибмулки иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва/ё обпартоӣ асос мебошад.

Ҳуқуқи соҳибмулки иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он»[12] мураттаб сохта мешавад.

Тартиби бақайдгирии давлатӣ чунин аст:

Дар марҳилаи аввали додани қитъаи замин барои сохтмон бақайдгирии қитъаи замин анҷом дода мешавад, ки дар он иншооти ояндаи таъмини об ё обпартоӣ ҷойгир карда мешавад.

Сипас, баъд аз анҷом ёфтани сохтмони иншооти таъмини об ё обпартоӣ, иншооти таъмини об ё обпартоӣ ба қайд гирифта мешавад. Байқайдгирии давлатии тағйирёбии иншооти таъмини об ё обпартоӣ, инчунин ҳуқуқҳо ба он баъд аз бақайдгирии давлатии таъсисёбии иншооти таъмини об ё обпартоӣ татбиқ карда мешаванд.

Мутобиқи моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ҳуқуқҳои ба иншооти таъмини об ё обпартоӣ ки то 20 марти соли 2009 ба вуҷуд омадаанд, дар ҳолати аз бақайдгирии давлатӣ нагузаштан ҳам аз ҷиҳати қонунӣ эътироф карда мешаванд. Бақайдгирии давлатии чунин ҳуқуқҳо бо хоҳиши соҳибмулконашон анҷом дода мешавад.

Тартиби анҷом додани бақайдгирии давлатӣ.

Амалҳои бақайдгирӣ ба тартиби зерин анҷом дода мешаванд:

- қабули ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда барои анҷом додани бақайдгирии давлатӣ;
- қабули қарор дар бораи анҷом додани амалҳои бақайдгирӣ;
- анҷом додани амалҳои бақайдгирӣ;
- тасдиқ намудани гузаштан аз бақайдгирии давлатӣ.

Бақайдгирии давлатиро бақайдгирандагони ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии бақайдгирии давлатӣ анҷом медиҳанд. Амалҳои бақайдгириро, ба истиснои ҳолатҳое, ки мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ пешбининамуда амалҳои бақайдгириро бояд бақайдгирандагони мушаххас анҷом диҳанд, ҳар як бақайдгирандаи ташкилоти марбутаи бақайдгирии давлатӣ анҷом дода метавонад.

Талабот ба ҳуҷҷатҳое, ки барои анҷом додани бақайдгирии давлатӣ пешбинӣ мешаванд.

Барои анҷом додани бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза дар бораи бақайдгирии давлатӣ (ба ариза квитантсия дар бораи пардохти хизматҳои мақомоти бақайдгиранда ҳамроҳ карда мешавад);
- ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо маълумот дар бораи амалҳои бақайдгирии ба китоби бақайдгирӣ воридшаванда пешбинишуда мавҷуд аст ва ҳуҷҷатҳое, ки ваколати намояндагон ва шахсони мансабдорро тасдиқ мекунанд;
- ҳуҷҷатҳое, ки барои бақайдгирии давлатӣ асос мебошанд (санади тасдиқшудаи барои баистифодабарӣ қабул кардани иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва/ё обпартоӣ);
- дигар ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ.

---

[12] №375 аз 20 марти соли 2008

## 5.2.9. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории соҳаи таъмини оби нӯшокӣ ва обпартоӣ

Аз болои амалҳои (беамалии) шахсони мансабдори мақомоти салоҳиятдор, инчунин шахсони дигари масъули ҷараёни гузарондани расмиёти маъмурӣ, ки ба татбиқ кардани фаъолияти сохтмон алоқаманд мебошанд, тибқи тартиби муқарраргашта ба мақомоти болоии меъморӣ ва сохтмон, инчунин ба суд шикоят кардан мумкин аст.

Шахсони мансабдори мақомоти салоҳиятдор, инчунин шахсони дигари барои гузарондани расмиёти маъмурӣ масъул, ки ба татбиқ кардани фаъолияти сохтмон алоқаманд мебошанд, барои риоя накардани мӯҳлатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ, инчунин барои қабул кардани қарори беасос дар бораи рад кардани додани ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ ҷавобгар мебошанд.

Шахсони масъули хадамоти муҳандисию техникӣ барои беасос рад кардани хизматрасонии ба зиммаашон гузоштаи қонунгузории ҶТ, инчунин расондани зарар ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз он ҷумла бо роҳи беасос баланд нишон додани нархҳои (таруфаҳо) хизматҳояшон ҷавобгар мебошанд.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани меъёрҳои муқаррарнамудаи қонугузории ҶТ ҷавобгар мебошанд.

Чунончи, мутобиқи моддаи 437 Кодекси ҶТ дар бораи қонуншикании маъмурӣ, барои вайрон кардани тартиботи муқарраргашта ва мӯҳлатҳои гузарондани  расмиёти маъмурии алоқаманд ба анҷом додани фаъолияти сохтмон бо роҳи ҷарима кардани шахси мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ маоши ҳадди ақал[13] ҷазо дода мешаванд.

Барои беасос қабул кардани қарор дар бораи рад кардани додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда бошад, бо роҳи ҷарима кардан ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ маоши ҳадди ақал ҷазо муқаррар гаштааст.

Дар ҳолати аз тарафи шахсони мансабдори хадамоти муҳандисию техникӣ пешниҳод нагаштани шартҳо дар бораи имконияти ба шабакаҳои муҳандисӣ пайваст кардани иншооти ба нақша гирифташуда, мутобиқи моддаи 437[1] Кодекси ҶТ дар бораи қонуншикании маъмурӣ шахсони мансабдор бо роҳи ҷарима кардан ба андозаи аз даҳ то бист маоши ҳадди ақал ҷазо дода мешаванд.

Мутобиқи боби 11 Кодекси ҶТ дар бораи қонуншикании маъмурӣ барои қонуншиканиҳои зерини маъмурӣ дар соҳаи истифодабарии манбаъҳои об ҷазоҳои маъмурӣ пешбинӣ шудаанд:

1) Барои вайрон кардани ҳуқуқҳои моликияти давлатӣ ба манбаъҳои об (моддаи 173);

Худсарона ишғол кардани манбаъҳои об ва иншооти хоҷагиҳои об, худсарона истифода бурдани об ва обпартоӣ, худсарона ба нафари дигар додани ҳуқуқи истифодабарии об, инчунин анҷом додани муомилоти дигаре, ки бевосита ё дар намуди пӯшида ҳуқуқи давлатии соҳибмулки манбаи об буданро вайрон

---

[13] Мутобиқи моддаи 32 Қонуни ҶТ №561 аз 14 ноябри соли 2009 «Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2010» як «маоши ҳадди ақал» = 35 сомонӣ аст.

мекунанд ба шахсони воқеӣ ба андозаи то даҳ, ба шахсони мансабдор – аз даҳ то сӣ ва барои шахсони ҳуқуқӣ – аз ҳафтод то сад маоши ҳадди ақал ҷарима муқаррар карда мешавад.

2) Барои вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии об (моддаи 174):

Аз меъёри муқарраргашта зиёд истифода бурдани об ва худсарона ба роҳ мондани корҳои гидротехникӣ, мувофиқи мақсад истифода набурдани об, вайрон кардани қоидаҳои ба роҳ модани ҳисобу китоби аввалияи миқдори оби аз манбаъҳои об гирифташаванда ва ихроҷшаванда, риоя нагаштани назорати сифати обҳои ихроҷшаванда, партофтани ашёи ифлоскунанда ба об, инчунин анҷом додани сохтмони обгирҳо дар болои манбаъҳои кушодаи об бе асбобу олоти аз моҳӣ муҳофизаткунанда, саркашӣ кардан аз пешниҳод намудани иттилои саривақтӣ ва саҳеҳ ё пешниҳод кардани иттилои бардурӯғ дар бораи ҳолати истифодабарии манбаъҳои обҳо боиси ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, ба шахсони мансабдор – аз даҳ то сӣ, ба шахсони ҳуқуқӣ – аз панҷоҳ то сад маоши ҳадди ақал ҷарима андохтан мегарданд.

3) Барои осеб расондан ба иншоот, асбобу дастгоҳҳои хоҷагиҳои об ва вайрон кардани қоидаҳои баистифодабарии онҳо (моддаи 175):

Барои осеб расондан ба иншоот ва таҷҳизоти хоҷагиҳои об шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ, шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи аз сад то дусад маоши ҳадди ақал ҷарима карда мешаванд.

Барои вайрон намудани қоидаҳои баистифодабарии иншоот ва таҷҳизоти хоҷагиҳои об шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ, шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи аз ҳафтод то сад маоши ҳадди ақал ҷарима карда мешаванд.

4) Барои ғайриқонунӣ истифода бурдани заминҳои манбаъҳои давлатӣ ва минтақавии об ва ҳифзи онҳо (моддаи 176):

Барои ғайриқонунӣ истифода бурдани заминҳои манбаъҳои оби давлатӣ ва минтақавӣ ва ҳифзи онҳо, ба ғайр аз манбаъҳои табиии об шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ, шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи аз ҳафтод то сад маоши ҳадди ақал ҷарима карда мешаванд.

5) Барои бо партовҳои маишӣ ва партовҳои дигар ифлос кардани чашмаҳо ва дигар манбаъҳои обҳои дар заминҳои манбаъҳои давлатии об қарордошта (моддаи 177):

Барои бо партовҳои маишӣ ва партовҳои дигар ифлос кардани чашмаҳо ва дигар манбаъҳои обҳои дар заминҳои манбаъҳои давлатии об қарордошта шахсони воқеӣ ба андозаи аз як то панҷ, шахсони мансабдор ба андозаи аз даҳ то бист, шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи аз чил то панҷоҳ маоши ҳадди ақал ҷарима карда мешаванд.

6) Барои вайрон кардани қоидаҳо ва меъёрҳои ҳифзи манбаъҳои об (моддаи 178):

Барои вайрон кардани қоидаҳо ва меъёрҳои ҳифзи манбаъҳои об, тартиби баҳисобгирии миқдор ва сифати обҳои ихроҷшаванда, инчунин ихроҷи обҳо бо вайрон кардани меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраргашта шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ, шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи аз чил то панҷоҳ маоши ҳадди ақал ҷарима карда мешаванд.

Барои баистифодабарӣ супоридани корхонаҳо, иншооти коммуналӣ ва дигари бе иншоот ва таҷҳизоти бартарафкунандаи партовҳо ва ифлоскунандаҳои об ё таъсири манфии онҳо, ё бо иншооти обтозакунии корношоями бе иншоот ва таҷҳизоти муҳофизатӣ, инчунин дигар сарчашмаҳои таъсиррасони вайронкунандаи қонунгузории об шахсони мансабдор ба андозаи аз сӣ то чил, шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи аз панҷоҳ то сад маоши ҳадди ақал ҷарима карда мешаванд.

7) Барои истифодабарии иншооти об ва дар онҳо бе иҷозати махсус татбиқ кардани корҳои сохтмон (моддаи 179):

Барои истифодабарии иншооти об ва дар онҳо бе иҷозати махсус татбиқ кардани корҳои сохтмон шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ, шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи аз сад то дусад маоши ҳадди ақал ҷарима карда мешаванд.

Барои анҷом додани корҳои сохтмон, гидротехникӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ, пармакунии чоҳҳои амудии обёрӣ ва чоҳҳои оби нӯшокӣ шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ, шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи аз дусад то сесад маоши ҳадди ақал ҷарима карда мешаванд

Қонунгузорӣ барои амалҳои ғайриқонунии хосияти ҷиноятидошта инчунин чораҳои дигари ҷазодиҳӣ муқаррар намудааст. Масалан, мутобиқи моддаи 226 Кодекси ҷиноятии ҶТ барои ифлос кардани обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ё тадриҷан хароб кардани захираи об, ё паст кардани сифати он, ё дигар тағйироти хосиятҳои табиии об ба мӯҳлати аз чил то дусад соат ҷазо дода мешавад, ё ба андозаи то панҷсад маоши ҳадди ақал ҷарима карда мешавад, ё ба мӯҳлати то ду сол барои иҷро кардани корҳои ислоҳотӣ ҷазо таъин карда мешавад, ё ба ҳамон мӯҳлат аз озодӣ маҳрум карда мешавад, ба шарте, ки амалҳои мазкур дар муддати як соли баъди истифодабарии ҷазои маъмурӣ рух дода бошанд. Барои ҳамон амалҳо, ки:

а) боиси расодани осеби ҷиддӣ ба ҳайвонот ё олами наботот, захираи моҳиҳо, хоҷагиҳои ҷангал ва кишоварзӣ гашта бошанд,

б) аз беэҳтиётӣ ба саломатии одамон осеб расондан;

в) ба нобудшавии оммавии ҳайвонот боис гаштан;

г) дар ҳудуди мамнӯъгоҳи давлатӣ ё дар минтақаи офати табиӣ, ё дар минтақаи ҳолати фавқулоддаи экологӣ анҷомдодашуда;

- ба корҳои ислоҳотӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум кардан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо муқаррар карда мешавад.

3) барои ҳамон амалҳое, ки бо сабаби беэҳтиётӣ ба марги одам боис гаштааст, ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад.

Агар амалҳои мазкур бадқасдона ё дидаю дониста анҷом дода шуда бошанд, пас вобаста ба ҷинояти рухдода ҳамчун ҷинояти зидди «амнияти ҷамъият» ё «саломатии аҳолӣ» тасниф карда шуда (фасли 8 Кодекси ҷиноятии ҶТ) ва мутобиқи моддаҳои КҶ ҶТ ҷазо дода мешаванд. Масалан:

1. Барои терроризм (моддаи 179) – аз озодӣ маҳрум кардан ба мӯҳлати аз панҷ сол то якумрӣ ҷазо таъин мегардад;

2. Барои вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ба роҳ мондани корҳои кӯҳӣ, сохтмонӣ ва корҳои дигар (моддаи 190) ба маблағи аз чорсад то ҳаштсад маоши

ҳадди ақал ё маҳдуд кардани озодӣ аз се то панҷ сол, ё маҳрум кардан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3. Барои вайрон кардани қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ (моддаи 207) – бо маблағи аз панҷсад то як ҳазор маоши ҳадди ақал, ба мӯҳлати то ду сол корҳои ислоҳотӣ ё то панҷ сол маҳрум кардан аз озодӣ ва ғайра ҷазо дода мешавад.

## 6. ЗАМИМАҲО
## 6.1. РӮЙИХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Меъёри шумораи коркунони муҳандису техникӣ ва хизматчиёни раёсатҳои истеҳсолии хоҷагии обу корез. - М.: МЖКХ РСФСР, 1982.
2. Меъёрҳои шумораи коргарони машғули корҳои оиди баистифодабарии шабакаҳо, иншооти обтозакунӣ ва стантсияҳои насосҳои хатти об ва обпартоӣ. - М.: Экономика, 1986.
3. Тавсияҳо оид ба таҷҳизондани муҳандисиии маҳалҳои аҳолинишини деҳот, қ.1. Обтаъминкунӣ. - М.: "КОМТЭКС", 1990.
4. Қоидаҳои ҳифзи обҳои рӯизаминӣ аз ифлосшавӣ бо пасобҳо. - М.: Минводхоз СССР, 1975.
5. Нишондодҳои методӣ оид ба истифодабарии «Қоидаҳои ҳифзи обҳои рӯизаминӣ аз ифлосшавӣ бо пасобҳо» - Харков: ВНИИВО, 1982.
6. Тавсияҳо оид ба ҷойгир намудан ва банақшагирии ихроҷ кардани пасобҳо. - М.: Госкомгидромет СССР, 1981.
7. Дастур оид ба тайёр кардан ва фаъолияти системаҳои таъмин кардани оби хоҷагию нӯшокӣ дар ҳолатҳои фавқулодда.
8. Вазорати хоҷагии манзилию коммуналӣ, 1983. Қоидаҳои истифодабарии системаҳои обтаъминкунии коммуналӣ ва корез дар шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини ҶТ.


### 6.2. Рӯйихати санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

**6.2.1. Конститутсия, кодексҳо ва қонунҳои ҶТ:**

1. Конституция Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994)
2. Кодекси ҷангали ҶТ аз 24 июни соли 1993 (АШО ҶТ с.1993, №13, саҳ.243)
3. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, соли 2004. Дар таҳрири нав (АМО ҶТ, соли 2004, №3, саҳ 55)
4. Кодекси манзили ҶТ аз 12 декабри соли 1997 (АМО ҶТ с.1997, №23-24, саҳ. 337)
5. Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 17 августи соли 1998 (АМО ҶТ с.1998, №9, саҳ.68)
6. Кодекси граждании ҶТ қисмҳои 1 ва 2 аз 30 июн ва 11 декабри соли 1999 (АМО ҶТ с. 1999, №6, саҳ.153 ва с.1999, №12, саҳ.323);
7. Кодекси оби ҶТ аз 29 ноябри соли 2000. (АМО ҶТ с.2000, №11, саҳ.510);
8. Кодекси андози ҶТ аз 3 декабри соли 2004 (АМО ҶТ с.2004, № 12, қ.1, саҳ.689)
9. Кодекси ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз 3 декабри соли 2008 (АМО ҶТ с.2008, №12, қ.1, саҳ.990)

10. Қонуни ҶТ «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 марти с. 1992 (АШО ҶТ с.1992 ,№ 7, саҳ.105)

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи табиат» аз 27 декабря 1993 г, (АШО ҶТ с. 1994, №2, саҳ.36);

12. Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994. (АМО ҶТ с.1994. № 15-16, саҳ.235)

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиӣ ва объектҳои махсус муҳофизатшаванда» аз 13 декабри соли 1996 (АМО ҶТ, соли 1996, №23, саҳ.353)

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» аз 16 майи соли 1997 (АМО ҶТ, соли 1997, №10, саҳ.160)

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» аз 3 августи соли 1999 (АМО ҶТ, соли 1999, №9, саҳ.228)

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 29 апрели соли 2000 (АМО ҶТ, соли 2000, №11, саҳ. 510)

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» аз 22 апрели соли 2003 (АМО ҶТ, соли 2003, №4, саҳ.150).

18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо» аз 22 апрели соли 2003 (АМО ҶТ, соли 2003, №4, саҳ.131)

19. Қонунҳои ҳарсолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ»

20. Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини бехатарии санитарию эпидемиологии аҳолӣ» аз 8 декабри соли 2003 (АМО ҶТ с.2003, № 12, саҳ.677);

21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» аз 8 декабри соли 2003 (АМО ҶТ, соли 2003., № 12, саҳ. 677);

22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004 (АМО ҶТ, соли 2004, №5, саҳ.339)

23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004. (АМО ҶТ, соли 2004, №12 , қ.1, саҳ.699)

24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об» аз 21 ноябри соли 2006 (АМО ҶТ, соли 2006, № 12, саҳ.474)

25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ» аз 5 марти соли 2007 (АМО ҶТ, соли 2007,№3, саҳ.168)

26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» аз 20 марти соли 2008 (АМО ҶТ, соли 2008, № 3, саҳ.193);

27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 19 майи соли 2009 (АМО ҶТ, соли 2009, №5, саҳ.333);

28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳа» аз 5 августи соли 2009, № 549;

29. Қонуни ҶТ «Дар бораи оби нӯшокӣ ва обтаъминкунӣ» аз 29 декабри соли 2010;

**6.2.2. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. «Дар бораи таҷдиди ташкилотҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ» аз 25.06.с.1996, №522

2. «Дар бораи тасдиқ намудани консептсияи мукаммалгардонии сохтори идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 сентябри соли 2008, №541

3. «Дар бораи чораҳои оид ба мукаммалгардонии расмиёти маъмурии вобаста ба татбиқи фаъолияти сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 марти соли 2009, №638.

**6.2.3. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Аз 12 майи соли 1999, № 210 «Дар бораи тасдиқ намудани низомноми оид ба калкулятсиякунонии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»

2. Аз 31 июли соли 2001, №357 «Дар бораи корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ»

3. Аз 1 декабри соли 2001, № 551 «Дар бораи тасдиқ намудани Контсептсияи оид ба истифодабарии самаранок ва ҳифзи манбаъҳои об дар ҶТ»

4. Аз 4 феврали соли 2002, №39 «Дар бораи тасдиқ намудани низомнома дар бораи маҳдуд кардани ваколатҳои мақомоти ба таври махсус ваколатдоркардашуда оид ба танзимкунии истифодабарӣ ва муҳофизати обҳо»

5. Аз 30 апрели соли 2002, №193 «Дар бораи тартиби ба роҳ мондани Кадастри давлатии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон»

6. Аз 30 майи соли 2002, № 209 «Дар бораи маъқул донистани Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ»

7. Аз 31 августи соли 2002, № 349 «Дар бораи тартиби ҳаваманд гардондани истифодабарандагони об, ки оид ба истифодабарии самаранок ва ҳифзи об чорабиниҳои нафъовари ҷамъиятиро татбиқ менамоянд»

8. Аз 3 декабри соли соли 2002, № 485 «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби мураттаб сохтан, бақайдгирӣ ва додани иҷозат барои истифодабарии махсуси об»

9. Аз 1 августи соли 2004, № 86 «Дар бораи барномаи рушди иқтисодии ҶТ дар давраи то соли 2015»

10. Аз 31 марти соли 2004, №139 «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби таҳиясозӣ, бақайдгирӣ ва додани хулосаи санитарию эпидемиологӣ»

11. Аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чораҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон»» Замимаи № 9 «Қоидаҳои пешниҳод кардани (расондани) хизматҳои коммуналӣ»

12. Аз 1 сентябри соли 2005, №342 Қоидаҳо дар бораи ҷудо кардани қитъаҳои заминҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

13. Аз 3 майи соли 2006, № 191 «Дар бораи нақшаи миллии амалиёт оид ба ҳифзи муҳити зист»

14. Аз 2 декабри соли 2006, №514 «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи беҳтар кардани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020».

15. Аз 28 декабри соли 2006, №596 «Дар бораи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон»

16. Аз 27 феврали соли 2009, №127 «Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаи мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ»

17. Аз 6 майи соли 2009, №282 Тартиби гузарондани расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

18. Аз 28 июли соли 2009, №451 «Дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (сохтори ММ МО ҶТ).

19. Аз 1 октябри соли 2009, №531 «Қоидаҳои пайвастан ба шабакаҳои муҳандисӣ ва расондани хизматҳои коммуналӣ».

**6.2.4. Санадҳои соҳавии меъёрию ҳуқуқии ҶТ**

**1.** МҚС ҶТ 11-01-2005. Ҳайат ва тартиби таҳия кардан, мувофиқа гардондан ва тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони корхонаҳо, биноҳо ва иншоот.

**2.** МҚС ҶТ 11-06-2006. Низомнома дар бораи назорати муаллифӣ барои сохтмон ва иншоот.

3. МҚС ҶТ 12-01-2006. Қабул кардан ва баистифодабарии иншооти сохтмонашон анҷомёфта. Муқаррароти умумӣ.

4. МҚС ҶТ 21-01- 2006. Бехатарии зидди сӯхтори биноҳо ва иншоот.

5. МҚС ҶТ 40.01-2008. Таъминоти об. Шабакаҳо ва иншооти кушода.

6. МСН 2.01-01-96. Боэътимодии иншооти сохтмонӣ. Муқаррароти умумӣ.

7. МСН 2.01-02-96. Боэътимодии конструктсияҳои асосии сохтмон.

8. МҚС 11-02-96. Тадқиқотҳои муҳандисӣ барои сохтмон. Муқаррароти асосӣ.

9. МҚС 11-04-2003. Низомнома дар бораи тартиби таҳия кардан, мувофиқа гардондан, ташхис ва тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ.

10. МҚС 1.06.04-85. Низомнома дар бораи сармуҳандиси (сармеъмори) лоиҳа.

11. МҚС 3.01.03-84. Корҳои геодезӣ дар сохтмон.

12. МҚС 12-01-2004. Ташкилотҳои сохтмонӣ.

13. МҚС 12-03-2001. Бехатарии меҳнат дар сохтмон. Қисми 1. Талаботи умумӣ.

14. МҚС 12-04-2002. Бехатарии меҳнат дар сохтмон. Қисми 2. Истеҳсолоти сохтмон.

15. МҚС 2.04.02-84. Таъминоти об. Шабакаҳо ва иншооти кушода.

16. МҚС 2.04.03-85. Корез. Шабакаҳо ва иншооти кушода.

17. МҚС 3.05.04-85. Шабакаҳо ва иншооти кушодаи таъминоти об ва корез.

18. ГОСТ 21.001-93. Низоми ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмон (НҲЛС). Муқаррароти умумӣ.

19. ГОСТ 21.002-81 НҲЛС. Назорати меъёрии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ.

20. ГОСТ 21.101-97 НҲЛС. Талаботи асосӣ ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва корӣ.

21. ГОСТ 21.110-95 НҲЛС. Қоидаҳои иҷрои спетсификатсияҳои таҷҳизот, ашё ва масолеҳ.

22. ГОСТ 21.601-79 НҲЛС. Хатти об ва корез. Нақшаҳои корӣ.

23. ГОСТ 21.604-82 НҲЛС. Таъминоти об ва корез. Шабакаҳои кушода. Нақшаҳои корӣ.

24. ГОСТ 2761-84. Сарчашмаҳои таъминоти мутамаркази оби хоҷагию нӯшокӣ. Талаботи гигиенӣ ва қоидаҳои интихоб кардан.

25. ГОСТ 2874-82. Оби нӯшокӣ. Талаботи гигиенӣ ва назорат аз болои сифати об.

26. ҚС 11-101-95. Тартиби таҳия кардан, мувофиқа гардондан ва тасдиқ намудан ва таркиби асосноксозии сармоягузориҳо дар сохтмони корхонаҳо, биноҳо ва иншоот.

27. ҚС 11-104-97. Тадқиқотҳои муҳандисию геодезӣ барои сохтмон.

28. ҚС 11-105-97. Тадқиқотҳои муҳандисию геологӣ барои сохтмон.

29. ҚС 11-108-98. Тадқиқи манбаъҳои таъминоти об дар заминаи обҳои зеризаминӣ.

30. ВСН 58-88(р). Низомнома дар бораи ташкил, таҷдид ва таъмир кардан, хизматрасонии техникии биноҳо, иншооти таъиноти коммуналӣ ва иҷтимоию фарҳангидошта. Меъёрҳои лоиҳакашӣ.

31. ВСН 61-89(р). Қоидаҳои баистифодабарии техникии системаҳо ва иншооти таъминоти коммуналии об ва корез.

32. РДС 11-201-95. Низомнома дар бораи тартиби гузарондани ташхиси давлатии лоиҳаҳои сохтмон.

33. Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарӣ (ҚваМСан) 2.1.4.004-07. Оби нӯшокӣ. Талаботи гигиенӣ ба сифати оби системаҳои мутамаркази таъминоти оби нӯшокӣ. Назорат аз болои сифат.

34. ҚваМСан 2.1.4.005-07. Талабот ба сифати оби таъминоти мутамаркази об. Ҳифзи санитарии манбаъҳои об.

35. ҚваМСан 2.1.5.00607. Минтақаҳои ҳифзи санитарии манбаъҳои оби таъминоти об ва хаттиҳои оби таъиноти хоҷагию нӯшокидошта.

36. ҚваМСан 4630-88. Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарии ҳифзи обҳои рӯизаминӣ аз пасобҳо.

37. ҚваМСан 2.1.4.1175-02. Талаботи гигиенӣ ба сифати оби обтаъминкунии мутамарказ. Ҳифзи санитарии сарчамаҳо.

38. Низомнома дар бораи гузарондани таъмири нақшавию огоҳкунанда дар корхонаҳои хоҷагии қубурноқили об ва корез.

### 6.2.5. Ҳуҷҷатҳои дигар оид ба идоракунии истифодабарӣ ва ҳифзи манбаъҳои об

1. Эъломияи СММ «Ҳадафҳои рушди Ҳазорсола» (ҲРҲ)

2. Қарори Маҷлиси Намояндагон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007, №704 «Дар бораи тасдиқ намудани Стратегияи Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015»

3. Сармоягузорӣ барои рушди устувор: «Баҳои ниёзҳо барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола», БРСММ дар Тоҷикистон, майи соли 2005

4. Қарори Ассамблеяи байнипарламонии Давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди давлатҳои Мустақил аз 24 ноябри соли 2001, №18-10 «Дар бораи Қонуни намунавӣ «Оид ба оби нӯшокӣ ва таъмини он».

### 6.2.6. Қонуни ҶТ «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он»

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии муносибатҳоро оид ба оби нӯшокӣ ва таъмини он муайян намуда, кафолати давлатии таъмини аҳолиро бо оби нӯшокӣ муқаррар мекунад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- оби нӯшокӣ - обе, ки дар ҳолати табиӣ ё баъди коркард (тоза кардан, безарар гардондан, илова намудани моддаҳои зарурӣ) аз рӯи сифати худ ба талаботи меъёрии муқарраршуда ҷавобгӯ буда, барои нӯшидан ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти маишии инсон, инчунин барои истеҳсоли озуқа ва маводи тиббӣ истифода мешавад;

- меъёрҳои сифати оби нӯшокӣ (талаботи меъёрӣ) – маҷмӯи нишондиҳандаҳои имконпазири кимиёвӣ, таркиби микробиологӣ ва хусусиятҳои органолептикии оби нӯшокӣ (мазза, ранг, бӯй, ҳарорат), ки тибқи усулҳои илмию тадқиқотӣ муқаррар ва бо қоидаҳои санитарӣ мураттаб шуда, барои саломатии инсон бехатар ва безарар будани онро кафолат медиҳанд;

- таъмини оби нӯшокӣ - фаъолияте, ки бо он талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба оби нӯшокӣ таъмин мегардад;

- манбаи таъмини оби нӯшокӣ - обҳои табиӣ (рӯизаминӣ ва зеризаминӣ), ки баъди коркарди дахлдор ва ё бе коркард барои таъмини оби нӯшокӣ истифода мешаванд;

- шабакаи мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ (қубурҳои обгузари истифодаи умум) - маҷмӯи таҷҳизоту иншоот барои гирифтан, тайёр намудан, нигоҳ доштан ва ба маҳалли истеъмол расонидани оби нӯшокӣ, ки барои истифодаи оммавии шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ дастрас мебошад;

- шабакаи ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокии истифодаи умум - иншооту таҷҳизот барои гирифтан ва тайёр кардани (ё худ бе тайёр кардани) оби нӯшокӣ, бе расонидани он ба маҳалли истеъмол, ки барои истифодаи оммавии шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ дастрас мебошанд;

- шабакаҳои мухтори таъмини оби нӯшокӣ - таҷҳизоту иншоот барои гирифтани оби нӯшокӣ ва расонидани (ё нарасонидани) он ба ҷойҳои истеъмолшавӣ, ки дар истифодаи фардӣ қарор доранд (бинои алоҳида, хоҷагии фермерӣ, бӯстонсарой ё объекти алоҳидаи дигар);

- шабакаи таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт - таҷҳизоту дастгоҳҳое, ки дар воситаҳои нақлиёт барои бо оби нӯшокӣ таъмин намудани мусофирон, ҳайати идоракунандаи нақлиёт ва хизматрасон дар самти ҳаракати воситаҳои нақлиёти мусофиркаш ё таъиноти дигар ҷойгир карда шудаанд;

- шабакаи таъмини оби нӯшокӣ - ҳама намуди шабакаҳо (мутамарказ, ғайримутамарказ, мухтор ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт) ҳангоми мавҷуд будани меъёрҳои умумӣ;

- эътимоднокии шабакаи таъмини оби нӯшокӣ - хусусияти шабакаҳо, ки низоми муайяни (мунтазам, аз рӯи нақша, соатбайъ) интиқоли оби нӯшокиро ба

истеъмолкунандагон мутобиқи меъёрҳои муқарраргардидаи таъмини оби нӯшокӣ ва талаботи меъёрӣ нисбат ба сифати оби нӯшокӣ таъмин менамояд;

- минтақаҳои ҳифзи санитарии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ва шабакаҳои он - ҳудудҳо ва акваторияҳое, ки дар онҳо низоми махсуси хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият барои пешгирии бад шудани сифати об ва ҳифзи он муқаррар карда мешаванд;
- меъёрҳои истеъмоли оби нӯшокӣ - миқдори оби нӯшокӣ, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти физиологӣ ва маишии як одам дар давоми як шабонарӯз дар маҳалли мушаххас, объекти алоҳида ё воситаи нақлиёт ҳангоми мӯътадил кор кардани шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, халалдор шудани кори мӯътадили онҳо ва дар ҳолатҳои фавқулодда зарур мебошад;
- ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ - шахсони ҳуқуқие, ки шабакаи мутамарказ ё ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокиро идора менамоянд;
- истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки оби нӯшокиро барои эҳтиёҷоти худ истифода мебаранд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Вазифаҳои Қонуни мазкур**

Вазифаҳои Қонуни мазкур аз инҳо иборатанд:

- муқаррар намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ ва қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба оби нӯшокӣ;
- муқаррар намудани асосҳои хоҷагию иқтисодии таъмини оби нӯшокӣ;
- муқаррар намудани кафолатҳои давлатии эътимоднокии таъмини оби нӯшокӣ, инчунин асосҳои ба ҷавобгарӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкунӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ.

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии таъмини оби нӯшокӣ**

Принсипҳои асосии таъмини оби нӯшокӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- кафолатҳои давлатӣ дар навбати аввал бо оби нӯшокӣ таъмин намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талабот ва ҳифзи саломатӣ;
- назорати давлатӣ ва танзими давлатии масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ;
- ҳисоботдиҳии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии масъули таъмини оби нӯшокӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки фаъолияти оид ба истифода ва ҳифзи обро назорат мекунанд, инчунин ба мақомоти ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар доираи салоҳияти онҳо;

- таъмини бехатарӣ, боэътимодӣ ва идорашавандагии шабакаҳои таъмини оби нушокӣ бо назардошти хусусиятҳои технологии онҳо ва интихоби манбаи об мутобиқи стандарту меъёрҳои ягонае, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд;

- баҳисобгирӣ дар таъмини оби нӯшокӣ;

- музднок будани таъмини оби нӯшокӣ;

- дастгирии давлатии рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, истеҳсолу таъмини онҳо бо дастгоҳу маводи зарурӣ, аз ҷумла воситаҳои кимиёвӣ барои тоза ва безарар гардонидани оби нӯшокӣ.

**Моддаи 5. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини оби нӯшокӣ**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини оби нӯшокӣ дохил мешаванд:

- муайян ва татбиқ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ;

- қабули барномаҳои давлатии рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ;

- муайян кардани тартиби баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ;

- муайян намудани тартиби назорати давлатӣ;

- ҷудо кардани маблағ аз буҷет ва дигар манбаъҳо барои барқарор намудани шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар маҳалҳое, ки бар асари ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд;

- муайян намудани мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини оби нушокӣ;

- ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ.

**Моддаи 6. Салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ**

Ба салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ дохил мешаванд:

- таҳия ва ташкили татбиқи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ;

- амалигардонии сиёсати ягонаи давлатии илмию техникӣ ҷиҳати таъмин кардани истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ мувофиқи меъёрҳои сифати истеъмоли об;

- ҳамоҳангсозии тадқиқотҳои илмӣ доир ба таъмини оби нӯшокӣ, истеҳсоли мавод барои тоза ва безараргардонии оби нӯшокӣ ва таъмини маблағгузории онҳо;

- ташкили меъёргузорӣ ва баҳисобгирии истеъмоли об;

- тасдиқ кардани барномаҳои мақсадноки минтақавӣ ва нақшаҳои чорабиниҳо барои ташкил, нигоҳдорӣ ва рушди шабакаҳои обрасонӣ;

- муайян намудани чораҳои ҳифзи манбаъ ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ;

- ташкили санҷишҳои аудити технологию экологии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ;

- ташкили таълим, бозомӯзии кормандон ва такмили ихтисоси онҳо;

- муайян намудани тартиби сертификатсияи меъёрҳои сифати оби нӯшокӣ;

- бо тартиби муқарраршуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- таҳия ва тасдиқи таърифҳои хизмати обрасонӣ, меъёр ва қоидаҳои истифодабарии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор.

**Моддаи 7. Салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ**

Ба салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ дохил мешаванд:

- тасдиқи барномаҳои маҳаллии мақсаднок ва нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати ташкил, нигоҳдорӣ ва рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ;

- андешидани чораҳо оид ба беҳтар намудани сифати оби нӯшокӣ ва истифодаи оқилонаи он, ҳифзи захираҳо ва манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камобшавӣ;

- анҷоми корҳои ташкилӣ ҷиҳати таъмини шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо оби нӯшокӣ мувофиқи меъёрҳои истеъмоли об.

**Моддаи 8. Шаклҳои моликият ба шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ**

1. Шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ метавонанд моликияти давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ) ё шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бошанд.

2. Ба дигар шахс гузаштани ҳуқуқи моликият ё тағйирдиҳии шакли моликияти шабакаҳои мутамарказ ё ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокӣ ба шарте ҷоиз аст, ки аз ин кори шабакаҳо халалдор нашавад.

3. Феҳристи шабакаҳои ҳаётан муҳими таъмини оби нӯшокӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 9. Шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ**

1. Шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ асоси муттасил таъмин намудани истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ буда, объектҳои ҳаётан муҳим дониста мешаванд.

2. Эҳтиёҷоти ба таҷҳизот, мавод, реагентҳо доштаи ташкилотҳое, ки шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокии шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишинро истифода мебаранд, ба номгӯи маҳсулоти зарурати эҳтиёҷоти давлатӣ дохил карда мешаванд.

3. Талаботи интихоби манбаи таъмини оби нӯшокии шабакаҳои мутамарказ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини оби нӯшокӣ муқаррар карда мешавад.

4. Шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокиро мақомоти ваколатдори давлатӣ идора мекунанд.

5. Молики шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ метавонад идоракунии шабакаҳоро мустақилона амалӣ гардонад ё дар асоси шартнома онҳоро барои истифодаи хоҷагидорӣ ва ё барои идоракунии оперативӣ ба ихтиёри шахсони ҳуқуқӣ диҳад.

.

**Моддаи 10. Шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ**

1. Шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ барои бо оби нӯшокӣ таъмин намудани истеъмолкунандагон ҳангоми набудани шабакаҳои мутамаркази обтаъминкунӣ ташкил карда мешаванд.

2. Талабот доир ба интихоби манбаъҳои таъмини об дар шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори обтаъминкунӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини оби нӯшокӣ муқаррар карда мешаванд.

3. Моликони шабакаҳои ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокӣ ва истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ объектҳои обро ба сифати манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ аз рӯи тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, истифода мебаранд.

4. Шабакаҳои ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокиро моликони ҳамин шабакаҳо метавонанд бевосита идора кунанд ё ҳуқуқи идоракуниро ба дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ диҳанд.

**Моддаи 11. Шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт**

Шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт ҷузъи таркибии ин воситаҳо мебошанд. Фаъолияти мӯътадили шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт ва назорати мувофиқати сифати оби нӯшокиро ба талаботи меъёрӣ дар ин шабакаҳо моликони воситаҳои нақлиёт таъмин менамоянд.

**Моддаи 12. Танзими давлатии таъмини оби нӯшокӣ**

1. Рушди обтаъминкунӣ тавассути татбиқи барномаҳои давлатӣ ва минтақавии бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ сурат мегирад. Таъминот бо оби нӯшокӣ бояд ҳатман ба нақшаи минтақавии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дохил карда шавад.

2. Лоиҳакашӣ, сохтмон ва азнавсозии шабакаҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокӣ мутобиқи нишондиҳандаҳои ба ҳисоб гирифташудаи нақшаҳои генералии рушди ҳудудҳо, меъёру қоидаҳои меъморӣ, стандартҳои давлатӣ, меъёру қоидаҳои санитарӣ, талаботи экологӣ, ки бо мақомоти салоҳиятдор мувофиқа шудааст, амалӣ мегарданд. Ҳангоми ба нақша гирифтани лоиҳаҳо ва сохтмони шабакаҳои мутамарказ ва ғайримутамарказ талаботи таъмини эътимодияти ин шабакаҳо дар ҳолати ба онҳо таъсир расонидани омилҳои табиӣ ва техногенӣ ба назар гирифта мешавад.

3. Фаъолияти шахсоне, ки истеъмолкунандагони оби нӯшокиро аз шабакаҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази обрасонӣ таъмин менамоянд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

**Моддаи 13. Маблағгузории таъмини оби нӯшокӣ**

Манбаъҳои маблағгузории таъмини оби нӯшокӣ инҳо мебошанд:

- маблағҳои буҷетӣ барои андешидани чораҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатии рушд ва беҳтар намудани кори шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ;
- маблағҳои истеъмолкунандагон ва истифодабарандагони оби нӯшокӣ;
- дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**Моддаи 14. Дастгирии давлатии таъмини оби нӯшокӣ**

Имтиёзҳои андозбандӣ, кредитӣ ва намудҳои дигари имтиёзҳо барои ташкилотҳои бахши таъмини оби нӯшокӣ, новобаста ба шакли моликият, инчунин барои истеҳсолкунандагони таҷҳизот ва маводи таъминкунандаи фаъолияти шабакаҳо ва сармоягузорон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**БОБИ 2. КАФОЛАТҲОИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ**

**Моддаи 15. Кафолатҳои давлатии таъмин кардани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ**

1. Давлат таъмини ҳар як шахсро бо оби нӯшокии ба меъёрҳои муқарраршудаи сифат ва миқдор ҷавобгӯ кафолат медиҳад.

2. Эҳтиёҷоти аҳолӣ ба оби нӯшокӣ дар маҳалли зист бо тадбиру чораҳои рушди афзалиятноки шабакаҳои мутамарказ ё ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокӣ, инчунин бо дастгирии давлатии обтаъминкунӣ қонеъ гардонида мешавад.

3. Кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (дар вокзалҳо, фурудгоҳҳо, боғҳои фароғатӣ, муассисаҳои варзишӣ ва табобатӣ, ҷойҳои оббозикунӣ (пляжҳо) ва дигар), инчунин ҳангоми ҳаракат дар воситаҳои нақлиёт аз тарафи моликони ин объектҳо таъмин карда мешавад.

4. Дар ҳолати халал ёфтани кори шабакаҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази обтаъминкунӣ, ки боиси халалдор шудани меъёрҳои муқарраргардидаи таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ ва (ё) номувофиқатии сифати об ба талаботи муқарраршудаи меъёрӣ мегардад, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, моликони шабакаҳо ва ташкилотҳои обтаъминкунӣ дар доираи салоҳияти худ вазифадоранд, ки барои таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ ба миқдори барои чунин ҳолатҳо муқарраргардидаи меъёри оби нӯшокӣ бо истифода аз манбаъҳо ва шабакаҳои эҳтиётии таъмини оби нӯшокӣ, воситаҳои техникии маишӣ ва дастаҷамъии тозаю безараргардонӣ ё бо тариқи расонидани оби нӯшокӣ дар зарфҳо чораҳо андешанд.

5. Номгӯи чорабиниҳое, ки дар ҳолатҳои халалдоршавии кори шабакаҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокӣ андешида мешаванд, дар

нақшаи корҳои таъҷилии таъмин намудани истеъмолкунандагони ин ё он маҳал бо оби нӯшокӣ муайян мегарданд.

### Моддаи 16. Таъмини сифати оби нӯшокӣ

Сифати оби нӯшокӣ, ки ба истеъмолкунандагон пешниҳод мешавад, бояд ба талаботи меъёрҳо мутобиқ буда, бо чораҳои зерин таъмин карда шавад:

- интихоби манбаи таъмини оби нӯшокӣ ва технологияи мувофиқи тоза кардани об;
- назорати мунтазами сифати об дар шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ;
- дар шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ истифода намудани таҷҳизот, мавод, реагентҳое, ки безарар будани онҳоро сертификати дахлдор тасдиқ мекунад;
- муқаррар намудан ва ҳар 5 сол аз нав баррасӣ кардани талаботи меъёрӣ нисбат ба оби нӯшокӣ ва манбаъҳои обтаъминкунӣ мутобиқи дастовардҳои илмии муосир;
- ҳифзи манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокии мутамарказ ва ғайримутамарказ (муқаррар кардани минтақаҳои ҳифзи санитарӣ ва дигар чораҳои муҳофизати оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ бинобар амалҳои тасодуфӣ ё қасдан);
- таҳияи барномаҳои намунавии истифода ва назорати сифати оби нӯшокии шабакаҳои обтаъминкунии мутамарказ ва ғайримутамарказ бо назардошти шароити маҳал;
- муқаррар намудани чораҳои қатъии назорати давра ба давраи сифати оби нӯшокӣ аз ҷониби мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ҳангоми таҳдиди хатар ба саломатии одамон бо сабаби бад гаштани сифати оби нӯшокӣ.

### Моддаи 17. Назорат ва баҳисобгирии давлатӣ дар бахши таъмини оби нӯшокӣ

1. Назорати давлатиро дар бахши таъмини оби нӯшокӣ мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ якҷоя бо мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои об таъмин мекунанд.

2. Баҳисобгирии манбаъҳои обтаъминкуниро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои об бо иштироки мақомоти обуҳавошиносӣ (обҳои рӯизаминӣ), мақоми геология (обҳои зеризаминӣ) ва мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ анҷом медиҳанд.

3. Мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ сифати оби нӯшокиро муайян месозад ва мувофиқати онро ба меъёрҳои муқарраргардида назорат мекунад.

4. Миқдори оби мавриди истифодаи шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ аз тарафи моликони ин шабакаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

5. Назорати риояи талаботи стандартҳои давлатӣ оид ба оби нӯшокӣ, инчунин тарзу усулҳои назоратро, ки дар таъмини оби нӯшокӣ ба аҳолӣ истифода мешаванд, мақомоти ваколатдор оид ба стандартонӣ амалӣ мегардонанд.

6. Назорати давлатии риояи меъёру қоидаҳои сохтмонро ҳангоми лоиҳакашӣ ва сохтмони объектҳои таъмини оби нӯшокӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба сохтмон ва меъморӣ амалӣ мекунад.

7. Назорати давлатӣ ва баҳисобгирии таъмини оби нӯшокӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 18. Ҳифзи манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ**

1. Ҳифзи манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ, камобу хушкшавӣ ва ҳифзи шабакаҳои обтаъминкунӣ аз осебу вайроншавӣ шарти ҳатмии таъмини бехатарию безарарии оби нӯшокӣ буда, он дар натиҷаи иҷрои талаботи санитарию экологӣ ва тадбирҳои пешгирии ифлосшавӣ, хушку камобшавии объектҳои об, инчунин муқаррар намудани минтақаҳои ҳифзи санитарии манбаъҳо ва шабакаҳои обтаъминкунӣ (ғайр аз шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт) ва риоя намудани низоми барои ин минтақаҳо пешбинишуда амалӣ мегардад.

2. Минтақаҳои ҳифзи санитарӣ барои тамоми манбаъҳо, инчунин барои шабакаҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокӣ новобаста ба шаклҳои моликият бо мақсади пешгирӣ намудани ифлосшавии тасодуфӣ ва барқасдонаи об муқаррар карда мешаванд.

3. Дар ҳудудҳои якум ва дуюми минтақаҳои ҳифзи санитарии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ партофтани пасобҳо манъ мебошад.

4. Дар ҳудуди сеюми минтақаҳои ҳифзи санитарӣ партофтани пасобҳои шаҳрҳо, корхонаҳои саноатию кишоварзӣ, ки дар таркибашон моддаҳои ифлоскунанда ва унсурҳои биологии аз меъёрҳои дар ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда муқарраршуда зиёд доранд, қатъиян манъ аст.

5. Ташкили минтақаҳои ҳифзи санитарӣ, тартиби лоиҳакашӣ, истифода ва муқаррар намудани андоза ва меъёрҳои ба онҳо мутобиқи ҳифзи об, муайян намудани маҷмӯи тадбирҳои ҳифзи санитарӣ, аз ҷумла номгӯи навъҳои фаъолияти манъ ва маҳдудшаванда мутобиқи талаботи қоидаву меъёрҳои санитарӣ анҷом дода мешавад.

6. Иҷрои маҷмӯи чорабиниҳои ҳифзи санитарӣ ва экологӣ ба зиммаи инҳо вогузор карда мешавад:

- ташкилотҳои обтаъминкунӣ;
- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- шахсоне, ки дар ҳудуди ин объектҳо фаъолияти хоҷагидориро анҷом медиҳанд.

7. Назорати иҷрои маҷмӯи чорабиниҳо ва риояи талаботи минтақаҳои ҳифзи санитарӣ ба зиммаи мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист вогузор карда мешавад.

8. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд барои пешгирӣ намудани қасдан ифлос намудан ва осеб расонидан ба манбаю шабакаҳои обтаъминкунӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

**Моддаи 19. Сертификатсиякунонӣ дар бахши таъмини оби нӯшокӣ**

Дар бахши таъмини оби нӯшокӣ инҳо сертификатсия мешаванд:

- оби нӯшокии шабакаҳои обтаъминкунӣ;
- оби нӯшокии ба зарфҳо рехтае, ки барои истеъмолкунандагон фурӯхта мешаванд;
- ҷараёнҳои технологӣ, таҷҳизот, воситаҳо, мавод ва моддаҳои кимиёвӣ барои тоза ва безараргардонии об.

**Моддаи 20. Кафолати бо оби нӯшокӣ таъмин намудан дар ҳолатҳои фавқулодда**

1. Аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодда (садамаю фалокатҳо, офати табиӣ, ки дар натиҷаи он манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ифлос мешаванд, шабакаҳои тозакунӣ, безараргардонӣ ва таъмини оби нӯшокӣ осеб мебинанд ва аҳолии ин маҳал бештар аз як шабонарӯз бе об мемонад) аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо оби нӯшокӣ таъмин карда мешавад.

2. Ҳолатҳои фавқулоддаро дар бахши таъмини оби нӯшокӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ якҷоя бо мақомоти ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании ва ташкилотҳои обтаъминкунӣ пешгӯӣ намуда, барои аз рӯи меъёр бо оби нӯшокӣ таъмин намудани истеъмолкунандагон ва бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда чораҳо меандешанд.

**Моддаи 21. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва ташкилотҳои обтаъминкунӣ**

1. Моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва ташкилотҳои обтаъминкунӣ ҳуқуқ доранд:

- мутобиқи шартномаи дуҷониба аз истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ барои оби воқеан додашуда маблағ талаб намоянд;
- оид ба баргардонидани товони зарар аз шахсони воқеӣ, ки дар натиҷаи ифлосшавӣ ва (ё) камобшавии манбаъҳои об, инчунин вайрон намудани шабакаҳои таъмини об расонида шудааст, мутобиқи қонунгузорӣ даъво пешниҳод намоянд.

2. Ташкилотҳои таъминкунандаи об ва моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, ки онро бевосита истифода мебаранд, ӯҳдоранд:

- шартҳои технологиро, ки ба талаботи меъёрҳои оби нӯшокӣ ҷавобгӯ мебошанд, риоя намоянд;
- меъёри муттасил додани оби нӯшокиро дар навбати аввал барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсони воқеӣ ва корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва муассисаҳои тиббӣ таъмин кунанд;
- таҷҳизот, мавод ва моддаҳои кимиёвии барои истифода дар фаъолияти обтаъминкунӣ иҷозат додашуда ва дорои сертификати мутобиқат ба талаботи муқарраргардидаро истифода баранд;
- оби нӯшокии истифодашударо ба ҳисоб гиранд;

- ба истифодаи оби нӯшокӣ барои эҳтиёҷоти истеҳсолии корхонаҳое, ки ҷараёни технологиашон истифодаи оби нӯшокиро талаб намекунад, роҳ надиҳанд, ба шарте, ки бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолиро бевосита халалдор намояд;

- назорати сифати оби нӯшокиро мутобиқ ва дар асоси усулҳои санҷидашудаи лабораторӣ ё стандартишуда ташкил намоянд ва истеъмолкунандагонро аз паст шудани сифати оби нӯшокӣ сари вақт огоҳ кунанд;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологиро аз сар задани фалокат ва дигар ҳолатҳои фавқулоддае, ки ба вазъи манбаъҳо ва шабакаҳои обтаъминкунӣ таъсир мерасонанд, инчунин ҳангоми ба талаботи қоидаву меъёрҳои санитарӣ мувофиқат накардани сифати оби нӯшокӣ сари вақт огоҳ намоянд;

- намояндагони мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои об ва ҳифзи муҳити зистро барои санҷиши объектҳо ва иншооти обтаъминкунӣ бемамониат роҳ диҳанд;

- меъёрҳои хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти барои минтақаҳои ҳифзи санитарии манбаъҳои об ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ муқаррааргардидаро риоя намоянд;

- ба вайрон намудани ҳуқуқҳои дигар истифодабарандагони об ва расонидани зиён ба муҳити зист роҳ надиҳанд;

- барои таъмири ҷорӣ ва асосии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ маблағ ҷудо кунанд;

- манбаъҳои таъмини оби нӯшокиро аз ифлосшавӣ, хушку камобшавӣ ва шабакаҳои обрасониро аз вайроншавӣ муҳофизат намоянд.

3. Моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, ки ҳуқуқи идора кардани ин шабакаҳоро ба ташкилотҳои обтаъминкунӣ вогузор намудаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин шабакаҳо ҷавобгар мебошанд.

**Моддаи 22. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ**

1. Истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ҳуқуқ доранд:

- мутобиқи меъёрҳои сифат ва истеъмоли оби нӯшокӣ аз шабакаҳои мутамарказ ва ғайримутамарказ бо оби нӯшокӣ таъмин бошанд;

- назорати сифати оби нӯшокиро, ки аз шабакаҳои мутамарказ ва ғайримутамарказ расонида мешавад, талаб намоянд;

- тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сифати оби нӯшокӣ ва эҳтимолияти таваққуф дар обтаъминкунӣ сари вақт маълумоти пурра гиранд;

- бо тартиби муқаррааргардида барои гузаронидани экспертизаи санитарию эпидемиологӣ ва ҷамъиятии экологӣ ташаббускор бошанд ва натиҷаи онро ба мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод намоянд;

- ҷуброни зарареро, ки дар натиҷаи таъмини оби нӯшокии ба талаботи меъёрҳо номувофиқ ба онҳо расидааст, талаб намоянд.

2. Шахсони воқеӣ ҳуқуқ доранд, ки аз шабакаҳои мутамарказ ва ғайримутамарказ мувофиқи меъёрҳои сифат ва истеъмолӣ бо оби нӯшокӣ дар навбати аввал таъмин карда шаванд.

3. Истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ӯҳдадоранд:

- меъёру қоидаҳои санитарӣ ва дигар қоидаҳоро доир ба таъмини оби нӯшокӣ риоя намоянд, инчунин талаботи бо Қонуни мазкур муқарраршударо иҷро кунанд;
- ба ифлосшавӣ ва камобшавии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ, инчунин осеб дидани шабакаҳои он роҳ надиҳанд;
- оби нӯшокиро дар рӯзгор ва истеҳсолот самаранок ва оқилона истифода баранд;
- ҳаққи хизмати обрасониро тибқи тарифҳои муқарраргардида саривақт пардохт намоянд;
- ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, ҳифзи муҳити зист ва ташкилотҳои обтаъминкунӣ аз нияту амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки метавонанд манбаъҳои обтаъминкуниро ифлос намоянд, сари вақт хабар диҳанд;
- ба ташкилотҳои обтаъминкунӣ дар бораи ҳолати ғайриқаноатбахши шабакаҳои зикршуда хабар диҳанд.

**Моддаи 23. Иттилоот оид ба масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ**

1. Иттилоот дар бораи сифати оби нӯшокӣ ба дархосткунанда ройгон мебошад. Оид ба сифати оби нӯшокӣ ба истеъмолкунандагон аз тариқи воситаҳои ахбори омма иттилоъ дода мешавад.

2. Дар сурати номувофиқатии сифати оби нӯшокӣ ба талаботи меъёрҳо, ки метавонад ба саломатии одамон таҳдид намояд, моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, ташкилотҳои обтаъминкунӣ ва мақомоте, ки мувофиқати сифати оби нӯшокиро ба талаботи меъёрӣ назорат мекунанд, вазифадоранд истеъмолкунандагони оби нӯшокиро дар бораи мӯҳлати барҳам додани ин номувофиқатӣ, инчунин чораҳои эҳтиётӣ (чораҳои иловагии коркарди об) ё худ аз маҳаллу вақти додани оби нӯшокие, ки ба талаботи меъёрҳо ҷавобгӯ мебошад, бетаъхир хабардор намоянд.

3. Иттилоъ оид ба таваққуфҳои эҳтимолӣ ҳангоми таъмини оби нӯшокӣ аз ҷониби ташкилот ва мақомоти таъминкунандаи оби нӯшокӣ ба истеъмолкунандагон ба таври ҳатмӣ, пешакӣ, аз тариқи воситаҳои ахбори омма ё дигар воситаҳо расонида мешавад.

4. Ташкил ва назорати таъмин намудани истеъмолкунандагон бо иттилооти саривақтӣ оид ба сифати оби нӯшокӣ ва номураттаб додани он ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузошта мешавад.

## БОБИ 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 24. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 25. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

6.3. Намунаҳои ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани протседураҳои маъмурӣ барои лоиҳаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва обихроҷӣ (ҳуҷҷатҳои мазкур бо Супориши Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №ф44 аз 9 июли соли 2009 «Дар бораи тасдиқ намудани намунаҳои ҳуҷҷатҳои муштараки гузаштани протседураҳои маъмурии алоқманд ба анҷомдиҳии фаъолияти сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст.